ЭҲТИЁТ ШАВЕД: АСОТИРҲО,

БА ҲАР ЧИЗЕ КИ МЕГӮЯНД, БОВАР НАКУН

ки бемаънӣ будани
онҳоро Ҷош Макдауэлл
ва Боб Хостетлер
нишон медиҳанд:

Ҷош Макдауэлл ва Боб Хостетлер

БА ҲАР ЧИЗЕ КИ МЕГӮЯНД, БОВАР НАКУН

Ҷош Макдауэлл ва Боб Хостетлер

Originally published in English under the title
Don't Check Your Brains at the Door by Josh McDowell & Bob Hostetler
© 1992 by Josh McDowell & Bob Hostetler
Originally published by W Publishing Group, Dallas, Texas, USA

© 2004 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Асотирҳо оиди Худо

1. Милисаи кайҳонӣ

Асотир оиди он ки Худо танҳо бо он машғул аст, ки ба хурсандии дигарон халал расонад.

Бисёр одамон Худоро ҳамчун милисаи кайҳоние тасаввур мекунанд, ки дар маркази галактика мисли танзимгари ҳаракати нақлиёт меистад.

„Эй, шумо! Ҳа-ҳа, шумо. Ба фикрам, шумо он ҷо вақтхушӣ мекунед? Фавран ҳамаи инро бас кунед!“

„Шумо чӣ бо видеокассета? Аз чандсолагӣ мумкин? Аз шонздаҳ? Ку ин ҷо биёр, оҳиста ва бе аҳмақӣ!“

„Ин Лайливу Маҷнун, ки дар кунҷи торик бӯсобӯсӣ мекунанд, кӣ бошанд? Ҳа ин ту, Лола? Ва албатта Равшан бо ту! Ман дигар инро набинам. Ақаллан ҳамон вақте ки ман ин ноҳияро назорат мекунам“.

Худо танҳо бо он машғул аст, ки зиндагии дигаронро заҳролуд мекунад. Охир, ба мо андак шодӣ даркор асту бас. Аммо Худо кӯшиш мекунад, ки ба хурсандии мо халал расонад.

Шайтонро бошад мо ҳамчун ҷинчае тасаввур мекунем, ки вақтхушӣ карданро дӯст медорад. Масхарабоз Флип Уилсон иборае „Шайтон маро водор намуд, то инро кунам“-ро машҳур гардондааст. Чунин менамояд, ки „ҷӯра“ шайтон ҳамеша дар фикри он аст, ки вақти мо хуштар гузарад.

Ин дурӯғ аст.

Шайтон бо шод будан ё шод набудани шумо кор надорад. Ӯ шуморо маргвор бад мебинад. Ӯ фурсат меҷӯяд, ки ба шумо дарафтад. Чуноне ки фириста Петрус гуфтааст, иблис ҳамеша гаштугузор карда,

„касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад“.

Роҳбалад (гид) ба гурӯҳи сайёҳон, ки дар „Замини пок“ сафар мекарданд, дар бораи як хусусияти ин кишвар нақл карда гуфтааст: „Шояд шумо дар кишвари худ дида бошед, ки чӯпонҳо гӯсфандонро аз қафои рама истода ба пеш меронанд. Аммо дар Фаластин баръакс — чӯпон ҳамеша пешопеши рама қадам зада, роҳ нишон медиҳад“.

Ҳангоме ки сайёҳон рамаи гӯсфандонро диданд, хеле хандиданд, чунки онро шахсе на аз пеш, балки аз қафо меронд. Роҳбалад ҳайрон шуда, аз ӯ пурсид: „Барои чӣ шумо аз пушти гӯсфандон меравед? Ман ҳамеша фикр мекардам, ки дар Шарқ чӯпонон гӯсфандонро аз пушти худ мебаранд“.

„Ҳақ асту рост, — ҷавоб дод шахси ношинос. — Чӯпон гӯсфандонро аз пушти худ мебарад. Лекин ман чӯпон не, балки қассоб ҳастам“.

Шайтон қассоб аст. Ӯ ҳеҷ хоҳише надорад, ки ба шумо хурсандӣ ё ҳаловат бахшад. Ягона хоҳиши ӯ фурӯ бурдани шумост.

Исои Масеҳ ҳама чизро ҷо ба ҷо монд ва ин асотирро барҳам дод, вақте гуфт:

> Дузд (шайтон) меояд, то ки бидуздад, бикушад ва талаф кунад; Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд.
>
> *Юҳанно 10:10*

Шайтон бо шод будан ё шод набудани шумо кор надорад. Ягона хоҳиши ӯ дуздидан, куштан ва нобуд кардани шумост. Худо бошад ҳеҷ гоҳ намехоҳад, ки ба хурсандии шумо халал расонад. Ӯ мехоҳад, ки шумо аз зиндагӣ ҳаловат баред ва ҳаловати шумо пурра бошад. Ӯ мехоҳад, ки шумо пуррагӣ ва шодии зиндагиро; „хушиҳое“-ро, ки таронасаро сурудааст, аз сар гузаронед:

> Тариқи ҳаётро ба ман биомӯз: камоли шодиҳо ба ҳузури Туст, ва хушиҳо ба ямини Туст то абад.
>
> *Забур 15:11*

Худат боварӣ ҳосил кун

Вазифаи зеринро иҷро намо, то бемаънигии ин асотирро дарк намоӣ.

Номаи 1 Петрус боби 5 ояти 8-ро хон. Дар ин оят шайтон чӣ гуна тасвир ёфтааст?

.....

Китоби Айюб боби 2 оятҳои 1–8-ро хон. Чӣ тавр шайтон хост, ки Айюбро озмояд? Барои чӣ?

.....

Китоби Закарёи набӣ боби 3 ояти 1-ро хон. Шайтон нисбати Еҳушаъ чӣ кардан мехоҳад?

.....

Китоби Ваҳӣ боби 12 ояти 10-ро хон. Дар ин оят дар бораи шайтон гуфта шудааст. Вай „шабу рӯз“ чӣ кор мекард? Оё ту дар асоси оятҳое ки ҳоло аз Китоби Айюб ва Закарё хондӣ, гуфта метавонӣ, ки „бародарони мо“ гуфта кӣ дар назар дошта шудааст? Оё ин сухан ба ту низ дахл дорад?

.....

2. Худои Рустам аз „Ҷангҳои ситорагӣ“

Асотир оиди он ки Худо қувваи бешахсият аст

Рустам Беков, ки акнун аз „одамони регӣ“ халосӣ ёфта буд, якбора ба сайёраи Татуин афтод, ба манзили Обай-ван Кенобии спартанӣ. Рустам дарк мекунад, ки Обай-ван худи ҳамон баҳодур ҷедай аст, ки дар ҷанги мошинҳо бо падараш ҷангида буд. Обай-ван ба вай шамшери нурии падарашро медиҳад ва ҳангоми сӯҳбат калимаи пурасрори „қувва“-ро зикр мекунад.

„Қувва?“ — дубора мепурсад Рустам.

Ва Обай-ван ба вай ҷавоб медиҳад: „Медонӣ, қувва ҳамон аст, ки ба ҷедай қудрат медиҳад. Ин майдони энергетикист, ки тамоми мавҷудоти зиндаро меофарад. Вай дар ҳама ҷост, дар тамоми гирду атроф ва ҳатто дар даруни мо. Тамоми галактика дар ин қувва асос меёбад.

Дар силсилаи филмҳои машҳур, ки „Ҷангҳои ситорагӣ“ ном доранд, чунин ақида бисёр такрор мешавад. Ва одамони бисёр ин нуқтаи назарро тарафдорӣ намуда, Худоро ҳамчун „қуввае“ тасаввур мекунанд. Барои онҳо Худо — „энергия“-и бешахсияту бешакл аст, ки бо таври аҷоиб тамоми коинотро дар бар гирифта, онро роҳбарӣ мекунад.

Аммо ин танҳо боз як асотир аст.

Бечуну чаро, Худо дар ҳама ҷост ва бар тамоми коинот ҳукмронӣ мекунад. Ӯ дар ҳама чиз ҳузур дорад, чунки Ӯ Рӯҳ аст. Аммо ин маъно надорад, ки Ӯ „қувва“-и асроромез, „энергия“-и даркнашавандаест дар „ким-куҷо“. Ӯ „як чизи номуайян“ нест. Ҳарчанд тааҷҷубовар

садо диҳад ҳам, Худо Шахсият аст.

„Дӯстдорони худро дӯст медорам, — мегӯяд Ӯ, — ва толибони ман маро хоҳанд ёфт“ (Масалҳо 8:17). Аҳамият диҳед, ки Худо ҷонишинҳои шахсиро истифода бурда, дар барои Худ чӣ мегӯяд. „... Худро ...ман ...маро“ Оё ин ба кадом як „қувваи кайҳонӣ“ монанд аст?

Худо бо қувваи номуайяну бешахсият ҳеҷ умумияте надошта, дар саҳифаҳои Китоби Муқаддас ба мо чун „Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб“ зоҳир мешавад (Хуруҷ 3:15). Ӯ номи Худро ба Мусо мегӯяд. Худро ба Самуили навҷавон зоҳир мекунад. Дар маъбад бо Ишаъё гуфтугӯ мекунад. Ӯ ба Ирмиё муроҷиат карда мегӯяд: „Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман туро шинохтам...“ (Ирмиё 1:5). Фиристаи Павлус Ӯро „Худои ман“ меномад. Шоҳ Довуд Ӯро „Падари ятимон ва довари бевазанон“ меномад. Ҳамаи масеҳиён „Рӯҳи фарзандхондаги“-ро қабул кардаанд, бинобар ин Ӯро „Эй Або, эй Падар!“ номида метавонанд (Румиён 8:15).

Худо, Худои ҳақиқӣ, шахсан ҳавасманди туст. Ӯ номи туро медонад. „Инак, — ба халқи Худ муроҷиат мекунад Ӯ, — Ман туро бар кафи дастҳои Худ нақш кашидаам...“ (Ишаъё 49:16). „Ӯ ба шумо ғамхорӣ мекунад“, — мегӯяд фиристаи Петрус (1 Петрус 5:7). Исои Масеҳ гуфтааст, ки „мӯйҳои сари шумо низ шумурда шудааст“ (Матто 10:30). Худо ваъда додааст:

> Ва шумо Маро хоҳед хонд, ва омада пеши
> Ман дуо хоҳед гуфт, ва Ман шуморо
> иҷобат хоҳам намуд. Ва Маро хоҳед ҷуст,
> ва пайдо хоҳед кард, ба шарте ки бо
> тамоми дили худ Маро ҷустуҷӯ намоед.
>
> *Ирмиё 29:12–13*

Худро инро шахсан ба ту ваъда кардааст.

Худат боварӣ ҳосил кун

Ин вазифаро иҷро намо, то бубинӣ, ки асотир оиди қувваи бешахсият будани Худо бемаънӣ аст.

Китоби Ирмиёи набӣ боби 29, оятҳои 12 ва 13-ро, ки дар боло зикр шудаанд, хон. Ва дар ин оятҳо зери ҳамаи ҷонишинҳои шахсӣ („ман“, „ту“, „маро“ ва ғ.) хат каш.

Аз китоби Ирмиёи набӣ (Ирмиё 1:5) оятеро ки дар ин боб зикр шудааст, ёфта зери ҷонишинҳои шахсӣ хат каш.

Дар китоби Хуруҷ (Хуруҷ 3:1–15) дар бораи вохӯрии Мусо бо Худо хон. Дар ояти 6 Худо ба Мусо Худро чӣ гуна муаррифӣ мекунад? Дар ояти 14 Худо Худро бо чӣ гуна ном меномад. Дар ин оятҳо Худо чанд маротиба ҷонишини „Ман“-ро истифода мебарад (ҳисоб намо ва ҷавобатро дар ин ҷо навис: .....)?

3. Бобои барфии не кӯкор

Асотир оиди он ки Худо мисли Бобои барфист

Худованд, ман бори дигар ба Ту имконият доданӣ ҳастам, ки вуҷуд доштани Худро тасдиқ намоӣ.

Сӯҳроб назди кати худ ба зону истод. Ӯ ҳафсола буд ва сахт мехост, ки ба Худо бовар кунад. Бинобар ин вай сари зарди беитоати худро ба рӯи дастҳои ба ҳам ниҳодааш монда, давом дод.

„Худоё, ман дар ҳақиқат мехоҳам, ки ба Ту бовар кунам. Ана, агар ман пагоҳӣ аз хоб хеста, дар таги катам миллион доллар ёбам, он гоҳ бовар мекунам, ки Ту дар ҳақиқат вуҷуд доштай, Ва дигар ҳеҷ гоҳ дар ин бора шубҳа намекунам“.

Вай миллион доллари гуфтагиашро нагирифт.

Шояд барои он ки пул барои вай аз Худо азизтар буд. Шояд ҳамон саҳар миллион доллар (албатта вай онро бо пули майда мехост) ба таги каташ нағунҷида бошад, чунки дар он ҷо аллакай тӯдаи калоне буд: бозии „Монополия“, як лашкар сарбозчаҳо, магнитофон, як ғарам либоси чиркин ва харгӯшу хирсчаҳои бахмалини чанголуд.

Лекин, пеш аз ҳама, пул пагоҳӣ зери каташ барои он набуд, ки ӯ дар бораи Худо тасаввуроти нодуруст дошт. Сӯҳроб Худоро мисли автомати обфурӯшӣ тасаввур мекард: дуо мекунӣ, тугмачаи чизи даркориро пахш мекунӣ ва хоҳишат иҷро мешавад. Ё Худо барои вай монанди Бобои барфист, ки дар кишвари дурдасти барфин мешинаду фурсати иҷро намудани хоҳишҳои ӯро интизор аст. Албатта ин ҳам агар вай ба таври кифоя бо ҷидду ҷаҳд дуо гӯяду бовари сахт дошта бошад. Ва ҳамон лаҳзае ки вай ин шартҳоро иҷро намуд, Худо мана

гуфта, аз осмон ба бачаи ҳафтсола хости дилашро мепартояд.

Чунин фикрҳои кӯдак фаҳмо ва афвпазиранд. Аммо, мутаассифона, одамони бисёр, аллакай ба воя расида бошанд ҳам, Худоро чун автомати илоҳӣ тасаввур мекунанд, ки чизҳои дилхоҳашонро ба онҳо мефурӯшад. Дар фаҳмиши худ оиди Худо онҳо ҳеҷ гоҳ аз асотири Бобои барфӣ берун намеоянд.

Худо майлу рағбат дорад, ки ба дуоҳо ҷавоб гардонад. Ӯ мегӯяд: „Маро бихон, ва Ман туро иҷобат хоҳам намуд“ (Ирмиё 33:3). Ӯ ҳатто ваъда медиҳад: „... пеш аз он ки онҳо бихонанд, Ман ҷавоб хоҳам дод, ва пеш аз он ки онҳо сухане гӯянд, Ман хоҳам шунид“ (Ишаъё 65:24).

Лекин дуо танга нест, ки онро барои чизе ба автомат бояд партофт, ва бовар тугмача нест, ки онро пахш бояд кард. Худо ба ҳавасу нозунузи мо итоат намекунад. Ҳарчанд Сӯҳроб дар дуо ҷидду ҷаҳд намуда, сахт бовар мекард, пагоҳӣ ӯ миллион доллари гуфтаашро нагирифт. На барои он ки Худо ӯро дӯст намедорад. На барои он ки Худо ба дуо ҷавоб намедиҳад. Ва ҳатто на барои он ки ба мондани пул дар таги кат ҷойи холӣ набуд. Миллион пайдо нашуд, чунки Сӯҳроб дар ҳақиқат дуо намекард, балки орзуяшро баён менамуд.

Бар акси асотири Бобои барфӣ, Худо автомати осмонӣ нест, ки тӯҳфаю марҳаматҳо тақсим мекунад. Ӯ аз ҳамаи хоҳишҳои беҳудаи мо баланд аст. Охир Ӯ Худои тавоно, Меҳри тақассумёфта аст. Ӯ бисёр мехоҳад, ки фарзандони Ӯ ба муҳаббати Ӯ, ки ба онҳо медиҳад, ҷавоб диҳанд. Ӯ мехоҳад, ки мо на чизҳоро, балки Худи Ӯро дӯст дорем. На ҷавоби дуоҳои молпарастонаи худро, балки Худи Ӯро ҷӯёӣ бошем. Ӯ мехоҳад, ки мо ба Ӯ итоат кунем ва на барои он ки Ӯ ба мо миллион доллар дода метавонад, балки аз боиси он ки Ӯро дӯст медорем ва ба Ӯ писанд омадан мехоҳем.

Тааҷҷубовар аст, аммо ҳамин ки мо Ӯро ҳамчун автомате ки ҳар чиз мефурӯшад ё ҳамчун Бобои барфии некӯкор тасаввур карданро бас кунем, он гоҳ чуноне ки дар Сухани Ӯ ваъда шудааст, „...ҳар чи талаб кунем, аз Ӯ меёбем, чунки аҳкоми Ӯро риоят мекунем ва он чи ба ҳузури Ӯ мақбул аст, ба амал меоварем“ (1 Юҳанно 3:22).

Худат бобарӣ ҳосил кун

Ин вазифаро иҷро намо, то бубинӣ, ки асотир оиди мисли Бобои барфӣ будани Худо бемаънӣ аст.

Дар ҳар як ояти зерин оиди шарте гуфта шудааст, ки пас аз иҷро

намудани он ба дуо ҷавоб дода мешавад. Ин шартро бо як калима баён кардан мумкин аст.. Он калимаро дар сатри пеши оятҳо навис.

2 Вақоеънома 7:14 .....

Ирмиё 29:13 .....

Марқӯс 11:24 .....

Яъқуб 5:16 .....

1 Юҳанно 5:14 .....

Асотирҳо оиди Исои Масеҳ

4. Исо пайғамбар

Асотир оиди муаллими некӯ

Девҳо, ҷинчаю иблисчаҳо, хоҳишмандам диққат кунед!

Маҷлиси хатокоронаи фариштагони афтода, ки дар яке аз мудҳиштарин мағораҳои дӯзах мегузашт, кушода эълон шуд.

„Ин маҷлис, ки таҳти роҳбарии худи аълоҳазрати бадӣ мегузарад, ба муҳокима ва кор карда баровардани стратегияи роҳ надодан бахшида шудааст. Мо бояд роҳ надиҳем, ки зоти одамӣ ба бошишгоҳи Душмани мо гузашта тавонад. Пешниҳод мекунам, ки таклифи Бадкирдори Нафратангезро мавриди муҳокима қарор диҳем“.

Ҷини нафратангези пурозахе пеш гузашта, ба тӯдаи шайтонӣ рӯй оварда.

„Ҳамкорони манфури ман, — суханашро сар кард Бадкирдори Нафратангез, — ман пешниҳод мекунам, ки олимони беҳтарини подшоҳии торикистони мо, ки бо паҳн намудани ҷодугарӣ ва назарияи ташкил намудани ҳар гуна фирқаҳо машғул мебошанд, ҷидду ҷаҳд намуда, чунин фикрро паҳн намоянд, ки Писари Душмани мо ҳамту як „муаллими нек“ буд.

„Бало занад туро, Бадкирдори Нафратангез! — аз тарафи рост бар сумҳояш хеста, ҳақорат намуд ҳарифи ӯ. — Туро барои чунин пешниҳоди хайрхоҳонаат нисбати Писари Душмани мо дар ҳамин ҷо пора-пора кардан лозим аст!“ Аз ин суханон якчанд деви бадҳайбате ки назди Бадкирдори Нафратангез меистоданд, қаблан лаззат бурда, лабҳои баднамудашонро лесиданд.

„Эҳ аҳмақ, рад кард Бадкирдори Нафратангез. — Дар пешниҳоди ман ҳеҷ гуна хайрхоҳӣ нест“. Вай ҳавобаландона қоматашро рост намуд: „Пешниҳоди ман ҳилаи шайтонист“.

Ҷини дигаре аз ҷояш хест.

„Чӣ хел ту як фикри оддиро ҳилаи шайтонӣ меномӣ?“

„Барои он ки, — ҷавоб дод Бадкирдори Нафратангез, — боз як „муаллими нек“ номида, мо Ӯро дарҳол дар қатори Мусо, Зардушт ва Муҳаммад ҷойгир мекунем... Ва ин лаънате мешавад дар шакли таъриф“.

Тӯда тамоми бадии ҳилаи Бадкирдори Нафратангезро дарк намуда, хомӯш шуд.

„Нодонҳо, чӣ хел шумо намефаҳмед, агар одамон бовар кунанд, ки Ӯ ҳамту як «муаллими нек» аст, пас онҳо ҳеҷ гоҳ нахоҳанд фаҳмид, ки Ӯ Худованд аст ва дорои табиати Илоҳист“.

„Не, — эътироз намуд ҷин Нолишгар. — Онҳо ҳеҷ гоҳ ба ин бовар намекунанд! Ӯ дар бораи Кӣ будани Худ кушоду равшан ба ҳама гуфта буд“.

„Нолишгар рост мегӯяд, — фарёд бардоштанд дигарон. — Одамон Китоб доранд. Онҳо медонанд, ки Ӯ дар бораи Худ чунин гуфта буд: „... пеш аз он ки Иброҳим пайдо шуд, Ман ҳастам“ (Юҳанно 8:58). Онҳо суханони Ӯро дар бораи ҷалоле ки Ӯ пеш аз таъсиси ҷаҳон бо Падар дошт, хондаанд“.

„Бале, аҳмақ, — илова намуд Нолишгар. — Онҳо медонанд, ки Ӯ изҳор карда буд, ки қудрати донистани тамоми фикрҳои одамон ва тамоми чизҳои дар дилҳои онҳо шудаистодаро дорад. Ҳамчунин метавонад гуноҳҳои онҳоро омурзад. Ӯ Худ ба онҳо гуфтааст: „...аз осмон нозил шудаам“. Онҳо медонанд, ки Ӯ изҳор намуда буд, ки қудрати аз мурдагон бархостанро дорад, ва шоҳидоне буданд, ки растохези Ӯро тасдиқ карданд. Онҳо ин қадар нодон нестанд, ки бовар кунанд, ки ҳамту як одам, „муаллими некӯ“-и оддӣ чизе монанди ин карда тавонад!„

„Ба ғайр аз ин, — баромади худро тантананок ба охир расонд Нолишгар, — ба онҳо лозим меояд эътироф намоянд, ки агар чизҳои дар бораи Худ изҳор намудаи Ӯ дурӯғ бошанд, он гоҳ Ӯ ҳеҷ гуна „муаллими некӯ“ набуда, балки дурӯғгӯй ё девона аст!“

Дар толор ғавғо баланд шуд. Девҳо, ки назди Бадкирдори Нафратангез меистоданд, боз қаблан лаззат бурда, лабҳои баднамудашонро лесиданд, аммо ӯ ҳанӯз дилпур менамуд.

„Ман бояд ба дӯстони манфурам оиди як сустии одамизод хотирасон намоям, ки ҳамеша ба мо ёрӣ мерасонад. Хокиён ҳатто агар ҳақиқатро донанд ҳам, бисёр вақт дурӯғро интихоб мекунанд. Чуноне ки Худи Писари Душман дар яке аз суханонаш гуфтааст: «Модоме ки ба Мусо ва пайғамбарон гӯш намедиҳанд, ҳатто агар яке аз мурдагон эҳё шавад ҳам, бовар нахоҳанд кард»“.

Бадкирдори Нафратангез худписандона писханд карда, ба ҷояш нишаст. Девони гурусна, ки назди ӯ меистоданд, ба ҳамдигар ноумедона нигоҳ карданд.

„Пешниҳоди Бадкирдори Нафратангез, — дод зад раис, — аз ҷониби маҷлиси шайтонӣ қабул шуд. Аз ҳамин лаҳза паҳнкунии асотир оиди „муаллими некӯ“ стратегияи расмии дӯзах ҳисоб хоҳад шуд“.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои тасдиқ намудани бемаънигии асотир оиди муаллими некӯ вазифаи зеринро иҷро намо: суханони Исои Масеҳро, ки дар бораи Худ гуфтааст, мувофиқи нишонии оятҳо аз Аҳди Ҷадид ҷо ба ҷо гузор.

А. Матто 5:17 „...қудрат дорам, ки онро (ҳаётро) фидо кунам, ва қудрат дорам, ки онро боз ёбам“.

Б. Матто 12:8 „...Ман ҳамаашро пешакӣ ба шумо гуфтам“.

В. Матто 24:30 „...касе ки каломи Маро риоя кунад, то абад маргро нахоҳад дид“.

Г. Марқӯс 2:10 „...ва Писари Одамро бинанд, ки бо қудрат ва ҷалоли азим бар абрҳо меояд“.

Д. Марқӯс 13:23 „Зеро ки Писари Одам оғои рӯзи шанбе низ мебошад“.

Е. Луқо 12:9 „Зан ба Ӯ гуфт: «Медонам, ки Христос, яъне Масеҳ меояд: чун Ӯояд, аз ҳар чиз ба мо хабар хоҳад дод». Исо ба вай гуфт: «Ман, ки бо ту сухан мегӯям, Ҳамонам»“.

Ж. Луқо 22:70 „...Писар низ ончунон ҳар киро, ки хоҳад, зинда мегардонад“.

З. Юҳанно 4:25–26 „Лекин ҳар кӣ Маро дар назди мардум инкор кунад, вай дар назди фариштагони Худо инкор карда хоҳад шуд“.

И. Юҳанно 5:21 „...Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд“.

К. Юҳанно 8:51 „...Писари Одам қудрати омурзидани гуноҳҳоро дорад“.

Л. Юҳанно 10:18 „Гумон накунед, ки барои вайрон кардани Таврот ё суҳафи анбиё омадаам; наомадаам, ки вайрон кунам, балки ба ҷо оварам“.

М. Юҳанно 11:25 „Ва ҳама гуфтанд: «Пас, Ту Писари Худо ҳастӣ?» Ба онҳо гуфт: «Шумо мегӯед, ки Ман ҳастам»“.

5. Исои Масеҳ фақат одами барҷаста аст

Асотир оиди суперситора

Рок-операи Эндрю Ллойд Вебер „Исои Масеҳ — суперситора“, ки дар аввали солҳои 70-уми асри XX ба саҳна гузошта шуда буд, фикру мулоҳизаҳои қатъиян ба ҳамдигар зидро ба миён овард. Баъзеҳо мегуфтанд, ки ин „куфр“ аст, баъзеи дигар онро „шоҳасар“ (шедевр) меҳисобиданд. Дар намоиш Марями Маҷдалия суруде дар бораи Исои Масеҳ месарояд, ки он дертар, дар ҳамаи радиостансияҳо „хит“ (суруди беҳтарин) мешавад. Суруд „Намедонам Ӯро чӣ хел дӯст дорам“ ном дошт.

Илова бар он, ки дар суруд оиди муҳаббати пуршаҳват ва романтикии Марями Маҷдалия нисбати Исои Масеҳ (дар Китоби Муқаддас ҳатто ишорае ба ин нест) сухан меравад, боз дар он суханоне ҳастанд, ки асотири паҳншудаеро оиди Исои Масеҳ акс менамоянд.

Марям месароид: „Ӯ — одам. Ӯ фақат одам аст“.

Ин асотир аст.

Исои Масеҳ дар ҳақиқат одам аст. Ӯ дар оғил аз зан зода шуд. Онҳое ки дар оғил буданд, медонанд, ки чӣ гуна бӯйҳо ҳангоми таваллуд шудани Исои Масеҳ Ӯро иҳота мекарданд. Аз эҳтимол дур нест, ки он бӯйҳо чандон форам набуданд.

Аммо ба хилофи асотир оиди суперситора табиати одамии Исои Масеҳ танҳо як қисми табиати Ӯст. Дар Китоби Муқаддас оиди духела будани табиати Ӯ бисёр равшан гуфта шудааст: „Зеро дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт, ки дар Исои Масеҳ буд, ки Ӯ, бо вуҷуди он ки дар сурати Худо буд, бо Худо баробар буданро ҳарисона барои Худ нигоҳ надошт, балки Худро кам дониста, ба

сурати ғулом даромад ва ба одамон монандӣ пайдо карда, ба зоҳир мисли одамизод шуд“ (Филиппиён 2:5–7).

Дар давоми якчанд асрҳо одамон кӯшиш мекарданд, ки табиати духелаи Исои Масеҳро фаҳманд. Баъзан масеҳиён (ва ғайримасеҳиён ба монанди Ллойд Вебери боистеъдод) ба табиати одамии Исои Масеҳ чунон аҳамияти калон медоданд, ки дар натиҷа ба табиати илоҳии Ӯ соя меафканданд. Баъзеи дигар, баръакс, кӯшиш мекарданд, ки сифатҳои одамии Ӯро ба нестӣ бурда расонанд. Дар натиҷа бисёр одамон оиди Исои Масеҳ тасаввуроти яктарафа доранд. Дар сурате ки Сухани Худо ҷойе барои шакку шубҳа намегузорад. Ӯ — „Худост“ (Матто 1:23); ва дар айни ҳол Ӯ — „Исои Масеҳи одам“ аст (1 Тимотиюс 2:5).

Дар „Ҳазору як шаб“, афсонаи классикии арабӣ, оиди он нақл карда мешавад, ки халифаи Бағдод одат дошт либоси деҳқонӣ пӯшида, дар кӯчаҳои шаҳр гардад, то аз худи халқ бидонад, ки аҳволаш чӣ гуна аст. Исои Масеҳ бошад аз ин халифа дида бениҳоят бисёртар кардааст. Ӯ на танҳо барои якчанд вақт тарки тахти шоҳӣ намуд, балки „намуди ғуломро“ қабул кард. Ӯ — Худо ва Шоҳи шоҳон — аз осмонҳо ба замин фаромад.

Юҳанно, шогирди Масеҳ, ки дар ҳамон як роҳҳои пурчанг бо Устодаш мегашту бо Ӯ нону намак мехӯрд, дар бораи Ӯ, ки чун Одам Ӯро мешинохт, менависад:

> Дар ибтидо Калом (Исои Масеҳ) буд, ва
> Калом бо Худо буд, ва Калом Худо буд.
>
> *Юҳанно 1:1*

Дар ин муқаддима ба Инҷили худ Юҳанно „Калом“ гуфта Киро дар назар доштанаш барои шубҳа ҷойе боқӣ намегузорад.

> Ва Калом ҷисм гардид, ва дар миёни мо
> сокин шуд, пур аз файз ва ростӣ; ва мо
> ҷалоли Ӯро дидем, ки ҷалоли шоистаи
> Писари ягонаи Падар аст.
>
> *Юҳанно 1:14*

Худат боварӣ ҳосил кун

Ин вазифаро иҷро намо, то бубинӣ, ки асотир оиди суперситора бемаънист.

Исои Масеҳ ва шогирдонаш яҳудӣ буданд ва хуб медонистанд, ки кӣ метавонад сазовори парастиши одамон бошад. Порчаҳои зерини Китоби Муқаддасро хонда, бинавис, ки мувофиқи ин оят киро парастиш бояд кард.

Хуруҷ 20:3 .....

Такрори Шариат 6:14–15 .....

Луқо 4:8 .....

Акнун оятҳои зерини Китоби Муқаддасро хонда, бинавис, ки мувофиқи онҳо киро парастиш бояд кард.

Матто 2:2, 11 .....

Матто 28:17 .....

Ибриён 1:6 .....

Дар Китоби Муқаддас аниқ гуфта шудааст, ки танҳо Худоро парастиш бояд кард, пас ба фикри ту, дар асоси оятҳое ки дар бораи Исои Масеҳ гуфта шудаанд, ба чӣ хулоса омадан мумкин аст?

6. Исои мулоимтабиат

Асотир оиди Исои нармдил ва мулоим

Агар фикр кунед, ки Исои Масеҳ одами суст буд ва бо забони ширин сухан меронд; ё Ӯро, чуноне ки одатан рассомҳо тасвир мекунанд, нозпарвард ва бо дастҳои нозук тасаввур кунед, пас хатои сахт мекунед.

Ӯ Шоир буд, ин рост аст, Ӯ дар бораи паррандаҳои осмон ва савсанҳои даштӣ зебо сухан гуфта метавонист. Ҳам рост аст, ки Ӯ Ноқили (гӯяндаи) хуб буд, ки дар бораи занони нонпаз, моҳигирони тӯрафкан ҳикояҳо эҷод мекард. Рост аст, ки Ӯ Носирии некӯ буд; кӯдакони хурдакакро дар бағалаш навозиш мекард ва онҳоро механдонд. Ӯ дар ҳақиқат Бандии сокит буд, ки пеши ҳокимон оромона меистод ва сухане нагуфта, ба дашномҳо тоб меовард. Ба ин нигоҳ накарда, Исои Масеҳ марди ҳақиқӣ буд. Дуредгари дастҳояш обиладор. Мусофире, ки ба роҳҳои дурударози биёбон одат кардааст. Марде ки зидди ҳокимони порахӯри замонаш ҷасурона гапи сахт гуфта метавонист. Ӯ онҳоро „қабрҳои сафед кардашуда“, „роҳнамоҳои кӯр“ ва „афъизодагон“ меномид. Тадқиқотчии Китоби Муқаддас Ҷ.Б. Филлипс гуфтааст:

> Афсӯси зиёд, ки хеле кам калимаҳо бо калимаи „кӯдак“ ҳамқофия ҳастанд, то ки гимни лоиқе барои калисо эҷод шавад. [Набошад] ба мо лозим намеомад, ки ин қадар бисёр бандгардони сурудро, ки садҳо ҳазорони мо ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ аз ёд карда будем, шунавем:
>
> Исои некӯ ба кӯдак менигарад,
> Нарму мулоим, ба кӯдаки хурд.

...Аз афташ мо дидаву дониста калимаи „нарм“-ро истифода мебарем, то нигоҳи одамеро тавсиф диҳем, ки бе дудилагӣ ба диндорони замони Худ рӯйрост гап зада, дурӯягии онҳоро фош кардааст; одамеро, ки бо ҷасорат аз байни тӯдаи одамони дарғазабшуда мегузарад ва осебе намебинад; одамеро, ки дорои чунон аҳамияти калон буд, ки ҳукуматдорон Ӯро барои ҷамъият хатарнок меҳисобиданд; ...одамеро, ки ба илтимосҳои дӯстони хайрхоҳаш нигоҳ накарда, бебокона ба сӯи марги Худ мерафт!

Нуқтаи назари муқаррарии бисёриҳо, ки Исои Масеҳ одами суст, риққатовар (сентименталӣ) ва занмизоҷ буд — боз як асотир аст. Ӯ дар ҳақиқат нек буд. Ӯ фурӯтан буд. Лекин некӣ ва фурӯтании Ӯ далели набудани қувват не, балки баръакс аломоти қуввае буданд, ки зери назорат гирифта шудааст.

Мувофиқи Инҷил, Исои Масеҳ ба маъбади Худо, ки дар Уршалим буд, даромада, аз он чи дид, ба хашм омад ва шахсан ҳамаи савдогару саррофонро (эҳтимол ин бори якум набуд) аз маъбад бадар ронд. *Ҳеҷ яке* аз онҳо ҷуръат накард, ки эътироз баён намояд ё ба ин алангаи хашми одилона муқобилат кунад. Ӯ коре кард, ки агар шахси дигар онро мекард, сахт ҷазо медид. Лекин Ӯ дар маъбад монд ва на танҳо барои таълим додан, балки, чун дар Инҷили Марқӯс омадааст, то ки савдогарон баргашта наоянд. Исои Масеҳ ба бадӣ бо нармдилӣ нигоҳ намекард. Ӯ бо одамони дурӯя мулоисухан набуд. Ӯ кирдори бадро дида, оромона табассум намекард.

Албатта, Исои Масеҳ ҳамон одаме буд, ки кӯдаконро дӯст медошт ва бо хурсандӣ онҳоро ба бағалаш мегирифт, аммо Ӯ ҳамчунин ҳамоне буд, ки ба рӯи душманонаш далерона менигарист.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди Исои нармдил ва мулоим вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Луқо боби 13, оятҳои 31–33-ро хон. Исои Масеҳ ба фарисиён, ки оиди дар хатар будани ҳаёти Ӯ гап мезананд, чӣ ҷавоб медиҳад? Ӯ Ҳиродусро чӣ меномад? Оё ин воқеа ба мо нишон намедиҳад, ки Исои Масеҳ феъли устувор дошт?

Инҷили Матто боби 23, оятҳои 1–39-ро хон. Ба қувва ва рӯйрост будани суханони Исои Масеҳ аҳамият деҳ, вақте ки Ӯ дар бораи фарисиён ва китобдонон гап мезанад. Сифатҳои барои онҳо истифода

бурдаашро номбар намо:

Ояти 13 .....

Ояти 16 .....

Ояти 17 .....

Ояти 19 .....

Ояти 33 .....

7. Исои хаёлпараст

Асотир оиди Исо, ки дар абрҳо парида мегардад

Гӯш кун, бача, ба ман чашм дӯхта, гуфт Мирзо, — ба ман сафсата нагӯй, ки кадом як касе ки ду ҳазор сол пеш зиндагӣ кардааст ва либосҳои сафед пӯшида, қисми зиёди ҳаёташро дар оворагардӣ ва нақлкунии афсонаҳо гузаронидааст, ҳаёти имрӯзаи маро дигаргун карда метавонад. Вай дасташро ба пеши гарданаш монда, ба ман ишора намуд, ки аз ҳамаи ин аллакай безор шудааст.

„Ман барои гапҳои беҳуда вақт надорам, — давом дод ӯ, — ман гуфтан мехоҳам, ки ҳамаи ин ҳикояҳо дар бораи Исо ба занону кӯдаконе хуб аст, ки шунидани ҳар гуна афсонаҳоро дӯст медоранд, ва, эҳтимол ин ба онҳо фоиданок ҳам бошад... Лекин ба ман не. Исо ба мардаке ки бояд ин автомобилҳоро таъмир намояд, ягон аҳамият надорад“.

Мирзо он чиро такрор мекард, ки имрӯзҳо бисёр касон дар бораи Исои Масеҳ фикр мекунанд. Исои Масеҳ дар тасаввуроти онҳо марди табассумкунандаест, ки либоси сафед дораду аз гирди сараш нур мепошад. „Исо, — мегӯянд онҳо, — барои онҳоест, ки дар рӯи абрҳо парвоз карда мегарданд. Лекин Ӯ ба онҳое ки дар донишкадаҳо физика меомӯзанд, ё дар фабрикаҳо кор мекунанд, ҳеҷ нисбате надорад“. Гӯё Исои Масеҳ ба зиндагии замони ҳозира ба ҳамон андозае нисбат дошта бошад, ки ракетаҳои бозигӣ — ба парвоз дар кайҳон.

Ин асотир аст.

Асосгузорони динҳои ғайримасеҳӣ ба монанди буддоия ва дини пайравони конфутсий ҳақиқатан одамоне буданд, ки ҳаёташонро дар

фикру мулоҳиза гузаронидаанд. Исои Масеҳ бошад заҳматкаш буд. Ӯ дуредгар буд. Ӯро дар устохона тасаввур кардан мумкин аст, ки дараш ба яке аз кӯчаҳои пурчанги Носира кушода мешаваду дар болои он „Исо, писари Юсуф, дуредгар“ навишта шудааст. Ман мебинам ки ӯ болои чӯби арз, ки ба дастгоҳи дуредгарӣ гузошта шудааст, хам мешавад. Ӯ пешбанди чармин дорад ва дар пешонии Ӯ қатраҳои арақ дида мешаванд. Ӯ ба корд даст дароз мекунад, сипас болғаи чӯбинро мегирад. Устохонаро бӯйи тарошаи арз, ки дар замин мехобад, фаро гирифтааст.

Исои Носирӣ ҳаждаҳ сол ё ҳатто аз ин зиёд кор карда, заҳмати душвори дуредгариро аз сар гузарондааст. Дастони ӯ сермушак ва кафҳояш обиладор буданд. Инчунин Ӯ медонист, ки чӣ гуна кор бояд бурд: смета тартиб медод, фармоиш қабул мекард, нарх мегузошт.

Ӯ чӣ будани ба оила ғамхорӣ карданро медонист. Ӯ бародар ва хоҳарони хурдӣ дошт, ки пас аз вафоти Юсуф дар парастории Ӯ буданд. Ӯ, бешубҳа, медонист, ки чӣ тавр кӯдаконро бо либос таъмин кунад ё дар бозор нархи моли савдогаронро пасттар намояд.

Исои Носирӣ ягон порсонамои хаёлпараст набуд. Дунёи Ӯ мисли дунёи мо чанголуд буд ва бисёр вақт бӯйи бад мекард. Дастони Ӯ чиркин мешуданд. Ба Ӯ бисёр вақт лозим меомад, ки рӯи замини холӣ хоб равад. Ва ҳангоми ба охир расидани зиндагии заминиаш, марги Ӯ пуразоб буд. Ӯ арақшору хуншор ҷон дод. Лекин ба ҳар ҳол дар байни зиндагии ту ва Ӯ фарқи калон ҳаст. Зиндагӣ ва мурдани Ӯ ба ҳамаи одамоне ки „ба Ӯ имон оварданд“, омурзиш ва наҷот оварданд (Юҳанно 3:16).

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди Исои хаёлпараст, ки дар рӯи абрҳо парида мегардад, вазифаи зеринро иҷро намо. Аз Инҷили Марқӯс боби 6, оятҳои 1–6-ро хон. Одамони шаҳри Носира, ки диёраш буд, Ӯро чӣ гуна дида, одат карда буданд? Оё Ӯ барои онҳо:

- гӯшанишин буд?
- мушоҳид буд?
- роҳиби порсо буд?
- заҳматкаш буд?

Инчунин дар ин порча ҷоеро қайд кун, ки дар бораи бародару

хоҳаронаш гуфта мешавад (ин корро дар Инҷили Матто 13:53–58 низ ба ҷо ор). Оё гуфтан мумкин аст, ки онҳо аз Исои Масеҳ хурдтар буданд? Оё дар ин порча калимаҳое ҳастанд, ки аз Ӯ хурд будани онҳо ва чун пештара дар Носира, дар хона зиндагӣ карданашонро тасдиқ намоянд?

8. Исои сафедпӯст

Асотир оиди афзалияти нажодӣ

Аксарияти америкоиҳо ва аврупоиҳо Исои Носириро монанди Чарлтон Хестон ё Уилям Дефо тасвир мекунанд. Бо мӯйи хурмоӣ ва чашмони қаҳваранг, зебо.

Ва аз ҳама муҳимаш — албатта, Ӯро сафедпӯст тасвир мекунанд. Намуди шарқӣ медиҳанд. Шояд каме офтобхӯрда мекашанд, лекин аниқ сафедпӯст. Чунин намуди „сафедон“-ро дар Калифорния ва Миннеаполис ё дар Пиория (илоёти Иллинойс) дидан мумкин аст.

Аммо ин асотир аст.

Бисёр одамон ва ҳаракатҳо муттаҳид шуданд, то ки ин асотирро ба мардум талқин кунанд... Ку-клукс-клан бартарии протестантҳои сафедпӯстро нисбати сиёҳпӯстон, яҳудиён ва ғайра мавъиза мекунанд. Баъзеи онҳо хаёл мекунад, ки Исои Масеҳ тарафдори онҳост, чунки Ӯ низ мисли онҳо сафедпӯст аст.

Вақте ки ҳаракати миллатчигии гитлерӣ нав таъсис меёфт, марги Исои Масеҳ ҳамчун далели асосӣ барои ба муқобили яҳудиён барангехтани халқ истифода бурда мешуд. Дар „инчили“ миллатчиёни фашистӣ як ба як фаҳмонда мешуд, ки барои чӣ ориёҳои сафед аз ҳамаи дигарон бартарӣ доранд. Онҳо низ хаёли хом мекарданд, ки Исои Масеҳ тарафдори онҳост. Охир Ӯ низ „сафед“ буд, ҳамту не?

Салибдорон. Инквизитсия. Қатлу ғорат дар Русияи подшоҳӣ. Овардани ғуломон ба Олами Нав. Асотир оиди афзалияти нажодӣ дар таърих сабаби ҷиноятҳои нафратовар ва ваҳшониятҳо гаштааст.

Асотир оиди афзалияти нажодӣ ҳанӯз зинда аст. Одамон ҳанӯз Исои Масеҳро наҷоткори тарҳи рӯяш англо-саксонӣ тасвир мекунанд. Онҳо ранги пӯсти Ӯро гулобии паст мекашанд. Намуди зоҳирӣ, мансубият ба синф ва одатҳоеро ба Ӯ нисбат медиҳанд,

ки тасаввуроти евро-америкоияшон ба фикрашон овардааст. Лекин Исои Масеҳ сафедпӯст набуд ва ба синфи миёна тааллуқ надошт.

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки ранги пӯсти Ӯ аз америкоӣ ё аврипоии миёна хеле гандумрангтар буд. Ӯ яҳудӣ таваллуд шуда, ҳамчун яҳудӣ зиндагӣ кард ва то охири умраш яҳудӣ монд. Вақте ки Ӯ дар назди Пилотус, сафедпӯсти румӣ, меистод, пӯсти гандумрангаш, чуноне ки ҳамаи намояндагони Шарқи марказӣ доранд, боз ҳам сиёҳтар метофт.

Ҳарчанд Исои Масеҳ ба дунёи мо ба ҷои муайян омад ва дорои нишонаҳои нажодӣ буд (ки аз нишонаҳои нажодии америкоиҳо, ки дар филмҳои ҳолливудӣ нишон медиҳанд, фарқи калон доштанд), Исои Масеҳ дар ҳақиқат аз ҳудудҳои нажодӣ болотар буд.

Ӯ яҳудӣ буд, лекин дар айни ҳол бо зани сомарӣ озодона ва эҳтиромона сӯҳбат мекард.

Аз рӯи расму оини яҳудиён ба хонаи пайрави дини дигар даромадан манъ буд. Лекин ба ҳар ҳол вақте ки мирисади румӣ ба назди Ӯ омада, барои ғуломаш, ки дар хона мехобид ва сахт азоб мекашид, хоҳиш намуд, то вайро шифо бахшад, Ӯ гуфт: „Ман омада, ӯро шифо хоҳам дод“ (Матто 8:7).

Вақте ки Ӯро зани канъонӣ (канъониён аз қадимулайём душманони исроилиён буданд) ба ҳолаш нагузошта, зорӣ мекард, ки духтарашро шифо бахшад, Исои Масеҳ бузургии бовари он занро қайд намуда, духтарашро шифо дод.

Ба Ӯ низ „насиб“ гашт, ки қурбони дискриминатсияи нажодӣ шавад. Рӯзе роҳи Ӯ бояд аз деҳи сомариён мегузашт, лекин Ӯро он ҷо қабул накарданд, чунки сомариён фаҳмиданд, ки Ӯ исроилист ва ба Уршалим меравад.

Вақте ки Исои Масеҳ ҷисми одамӣ гирифт, ба ҷамъияте афтод, ки дар он одамон аз рӯи се нишона ҷудо мешуданд. Ҳуқуқ, бартарӣ ва мавқеи онҳо аз рӯи миллат (яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ), синф (ғулом ё одами озод) ва ҷинси онҳо (мард ё зан) муайян мешуд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, Исои Масеҳ муждае овард, ки ақидаҳои нодурусти қадимаро қатъиян барҳам медод. Павлус ин фикрро чунин баён намудааст:

> Зеро ки ҳамаи шумо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ писарони Худо ҳастед; Зеро ҳамаи шумо, ки дар Масеҳ таъмид ёфтаед, Масеҳро дар бар кардаед. Дигар на яҳудӣ ҳаст, на юнонӣ; на ғулом ҳаст, на озод; на мард ҳаст, на зан; зеро ки ҳамаи шумо дар Исои Масеҳ як ҳастед.
>
> *Галотиён 3:26–28.*

Пайравони Исои Масеҳ бояд монанди Ӯ бошанд, ва ин монандӣ набояд дар ранги пӯст ё ягон нишонаи моддии дигар бошад, балки дар он, ки онҳо одамонро новобаста ба ҷинс, синф ва нажод дӯст медоранд ва қабул мекунанд.

Кӯдаки сафед Исоро сафед мебинад,
Кӯдакеро, ки имрӯз зода шуд ба мо.
Кӯдаки сафед Исоро сафед мебинад,
Сафедтар аст Ӯ аз барфи само.

Кӯдаки сиёҳ Исоро сиёҳ мебинад,
Хоб Писари Марям, Масеҳи навзод.
Кӯдаки сиёҳ Исоро сиёҳ мебинад,
Ӯро, ки одамонро медиҳад наҷот.

Кӯдаки зард Исоро зард мебинад,
Бо чашмони танг ва сиёҳ чун шаб.
Кӯдаки зард Исоро зард мебинад,
Ва дар дуо пеши Ӯ таъзим мекунад.

Кӯдаки сурх Исоро сурх мебинад,
Наҷоткори оламро, ки омад аз осмон.
Кӯдаки сурх Исоро сурх мебинад,
Ва Мужда месароянд фариштагон.

Ҳамаи бачаҳо бо ранги пӯсти гуногун,
Ин расмро мекунанд тасаввур чун:
Исо дар охур, рӯяш ба онҳо монанд,
Дар хандаи Ӯ бахту осоиш доранд.

Ҳама мушкилҳоро монем ба як сӯ.
Дилҳоро бо муҳаббат диҳем ба Ӯ,
Ки шаб дар Байт-Лаҳм шуд таваллуд,
Ва меҳри Падар баҳри мо кушуд.

„Ӯро мебинанд кӯдакон“, шеъри Уайла Ҳатсон,
мусиқии Алфред Берт

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди афзалияти нажодӣ вазифаи зеринро ичро намо. Оятҳои дар зер овардашуда дар ин боб зикр шудаанд. Ҳар яки онро хонда, дар рӯ ба рӯяш кӯтоҳ фикри асосии порчаро навис ва дар ҳошияҳои ин боб нишонии оятҳои мувофиқро навис.

1. Луқо 9:51–56 .....

2. Юҳанно 4:1–26 .....

3. Ғалотиён 3:26–28 .....

4. Матто 8:5–13 .....

5. Матто 15:21–28 .....

Асотирҳо оиди Китоби Муқаддас

9. Якка ва ягона

Асотир оиди он, ки Китоби Муқаддас боз як китоби бузург аст

Албатта, шумо аллакай ин суханонро шунидаед. Шояд ҳатто на як маротиба. Одатан бо бемори рӯҳӣ ин хел гап мезананд: „Шумо мунтазам Китоби Муқаддасро мехонед? Чӣ хел шавқовар“.

Ё баъзан касе дӯстона ба китфатон тап-тап зада, (одатан ҳамин тавр сагбачаи гапдароро мезананд, то ки изҳори таҳсин намоянд) мегӯяд: „Бале, Китоби Муқаддас хуб аст. Назар ба ҳамаи ин „Илиада“-ю „Одиссея“-ҳо хеле фоиданоктар аст“.

Ё гоҳ-гоҳ, албатта, бо муаллим ё проффесоре вомехӯред, ки „дар рафи китобҳоям Китоби Муқаддас ҳам ҳаст“ гуфта, худашро таъриф мекунад. Шояд вай онро ҳеҷ гоҳ нахонад, лекин он бояд назди „Давлат“-и Платон, „Энеида“-и Вергилий ва куллиёти Шекспир истад. Ҳама китобҳо дар ҷои худ ва дар қатори онҳо Китоби Муқаддас — яке аз „бузургтарин“ шоҳасарҳои адабиёт.

Ин асотир аст.

Китоби Муқаддас яке аз шоҳасарҳои адабиёт нест. Китобе мисли он дигар вуҷуд надорад. Китоби Муқаддас яккаву ягона аст.

Агар муаллими адабиётатон дар синф онро дар қатори китобҳои дигар ба яке аз рафҳои китоб гузоштанӣ бошад, ба вай маслиҳат диҳед, ки боз як ҷевони дигар харад ва онро ба рафи болотаринаш гузорад, то ки Китоби Муқаддас он ҷо танҳо худаш истад.

Китоби Муқаддас беҳамтост.

Синди Коллет дар китоби худ „Ҳама чиз оиди Китоби Муқаддас“, суханони профессор М. Монтиро-Уилямсро, ки дар давоми чилу ду сол адабиёти шарқиро омӯхтааст, иқтибос меоварад. Вай гуфтааст: „Албатта, агар хоҳишатон калон бошад, ин китобҳоро дар тарафи

чапи мизатон ҷой кунед, лекин тарафи рост барои Китоби Муқаддас аст. Онро он ҷо танҳо, аз дигар китобҳо дур гузоред. Чунки он аз дигар китобҳои Шарқ, ки муқаддас номида мешаванд, фарқи калон дорад ва ҳеҷ яки дигар ҳеҷ гоҳ ба Китоби Муқаддас баробар шуда наметавонад".

Китоби Муқаддас — қуллаи эҷоди адабист. Баъзе китобҳоро як умр менависанд, лекин барои навишта шудани Китоби Муқаддас тақрибан шонздаҳ аср даркор шудааст. Баъзе китобҳои он меҳнати якҷояи гурӯҳи олимон аст; Китоби Муқаддас самари зиёда аз чил муаллиф аст, ки дорои табақа ва ихтисоси гуногун буданд, — онро шоҳон, деҳқонон, файласуфон, моҳигирон, шоирон, ходими давлат ва олимон навиштаанд. Онро дар биёбону мағора, дар қаср ва дар бадарға, ҳангоми ҷанг ва дар вақти осоиш навиштаанд.

Китоби Муқаддас дар се континент, бо се забон офарида шудааст; дар он садҳо мавзӯъҳои гуногун таҳлил мешаванд. Дар он сатрҳои самимонаи шоир, тасвири ботафсили воқеаҳои таърихӣ, тарҷумаи ҳоли ҷолиб, номаҳо, ёддоштҳо ва пайғамбариҳоро пайдо кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, ин китоби ба таври ҳайратангез гуногун ба қисмҳои ҷудогона тақсим намешавад. Чунин яклухтӣ ба туфайли он имконпазир шуд, ки аз саҳифаи аввалин то охирин сухан оиди таърихи инкишофи як чиз меравад, ки он таърихи аз ҷониби Худо наҷот дода шудани одам аст.

Рӯзе ба наздам намояндаи нашриёт, ки дар он силсилаи „Китобҳои бузурги Ғарб" чоп шудааст, омад. Ӯ барои фурӯхтани китобҳои ин силсила фурӯшанда меҷуст ва панҷ дақиқа сарф намуд, ки ба ман дар бораи он нақл кунад. Вақте ки тамом кард, ман якуним соат ба ӯ дар бораи Китоби бузургтарини ҷаҳон нақл кардам.

Ман ба ӯ вазифаи хурде додам: хоҳиш кардам, ки аз он силсила дах муаллифро номбар кунад, ки ба як синф, насл, давра нисбат дошта, дар як кишвар зиста, як забон, феъли ба ҳам монанд дошта бошанд ва оиди як мавзӯъ навишта бошанд, ки баҳсҳои беохир ба миён меовард.

Сипас ман пурсидам: „Оё нуқтаи назари он муаллифон дар ин масъала як мебуд?"

Мард каме истода, ҷавоб дод: „Не".

Баъд ман пурсидам: „Пас китобҳои онҳо ба чӣ монанд мешуданд?"

Ин маротиба ӯ дер фикр накарда, ҷавоб дод: „Ба ҷамъи матнҳои гуногун!"

Баъд аз ду рӯз ин одам ҳаёташро ба Исои Масеҳ супурд, чунки Ӯ беҳамто будани Китоби Муқаддасро дарк намуд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои тасдиқ намудани бемаънигии асотир дар бораи он, ки Китоби Муқаддас боз як китоби бузурги дигар аст, оятҳои зеринро хон. Дар онҳо Китоби Муқаддас на ба китобҳо, балки ба чизи дигаре баробар карда мешавад, ки на камтар аз он тавоност. Ҳар оятро бо диққат хон. Сипас навис, ки Китоби Муқаддас ба чӣ баробар карда мешавад ва дар кадом асос. Илова бар ин қайд намо, ки оё ягон китоби дигарро ба ин чизҳо баробар кардан имкон дорад ё не.

Ирмиё 5:14 .....

Ирмиё 23:29 .....

Румиён 1:16 .....

Эфсӯсиён 6:17 .....

Ибриён 4:12 .....

10. Китоби Муқаддас ва панири швейтсарӣ

Асотир оиди ҷойҳои ноаниқ ва нофаҳмо, ки гӯё дар Китоби Муқаддас ҳастанд.

Бисёр одамон дониставу надониста ба Китоби Муқаддас ҳамчун ба панири швейтсарӣ нигоҳ мекунанд: дар ҳақиқат он ҷо чизҳои фоиданок бисёранд, аммо „сӯрохиҳо“ ҳам ҷой доранд.

„Албатта, Китоби Муқаддас — китоби фоиданок ва илҳомбахш аст, — мегӯянд онҳо. — Хусусан ба ман Забур, таронаи 23 маъқул аст, он ба таври ҳайратовар зебост“.

Лекин, дар бораи Китоби Муқаддас фикрашонро ҷиддитар пурсӣ, онҳо дар охир иқрор мешаванд: „Бешубҳа, дар Китоби Муқаддас ҳама чиз комил нест, оё инро медонед? Ман дар назар дорам, ки охир дар он хатоҳо ва ғайра ҳастанд. Лекин ин маро ташвиш намедиҳад. Охир онро на барои он навиштаанд, ки китоби таърих шавад. Дар масъалаҳои бовар ва таълим, чуноне ки даркор аст, он аниқ аст“.

Ин асотир аст.

Бисёр вақт одамоне ки чунин мегӯянд, оиди „хатоҳо“-и мегуфтагиашон тасаввуроти норавшан доранд. Дар асл дар Китоби Муқаддас ҳеҷ гуна „сӯрохиҳо“ вуҷуд надоранд ва он аз хатоҳо пур нест. Китоби Муқаддас Сухани илҳомбахши Худост, ки ба таври ҳайратангез дар давоми ҳазору шашсад сол аз ҷониби тақрибан 40 муаллифи гуногун навишта шудааст. Он ба таври ҳайратангез ба туфайли заҳмати котибон ва аниқии олимон то ба рӯзҳои мо нигоҳ дошта шудааст. Паймонҳои Куҳан ва Навин — аниқтарин ва боваринoктарин ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки аз замони куҳан ба мо расидаанд.

Пайравони Масеҳ оиди он ҳақиқат, ки Худи Исои Масеҳ ба аниқии Навиштаҷот бовар мекард, беэътиноӣ карда наметавонанд. Ӯ гуфт: „...Навишта наметавонад ботил шавад“ (Юҳанно 10:35). Ӯ воқеаҳои бо Юнус рӯйдодаро чун ҳақиқати баҳснопазир қабул мекард. Ҳатто ҳангоми қувваозмоӣ бо шайтон дар биёбон Ӯ аз Китоби Муқаддас иқтибос меовард. Ҳангоми таълим додани одамон бисёр вақт ба он ишора мекард. Дар айни ҳол Ӯ таълимот, ҷузъиёти таърихӣ ва воқеаҳои Паймони Куҳанро боэътимод мешумурд.

Ҳамаи онҳое ки Паймони Навинро навиштаанд ҳамчунин мисли Исои Масеҳ боэътимод будани тамоми Навиштаҷотро тасдиқ намудаанд. Фириста Павлус чунин гуфтааст:

> Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст.
>
> *2 Тимотиюс 3:16*

Мисли фиристагони дигар ӯ дорои илҳоми илоҳӣ будани китобҳои Паймони Навинро тасдиқ мекард, вақте мегуфт: „...он чи ман ба шумо менависам, аҳкоми Худованд аст“ (1 Қӯринтиён 14:37).

Дар ҳақиқат дар Китоби Муқаддас аз нуқтаи назари гуногун тасвир шудани ҳамон як воқеаро дидан мумкин аст. Инчунин дидан мумкин аст, ки чӣ гуна дар нақли рӯйдодҳо ба чизҳои гуногун эътибор дода мешавад. Бинобар ин чунин *менамояд*, ки гӯё дар китоб номувофиқиҳо ҷой дошта бошанд. Дар ҳақиқат ҳангоми тарҷумаи матнҳои аслӣ аз забонҳои юнонӣ ва ибрӣ мушкилиҳо буданд. Дар ҳақиқат шарҳҳои нодурусти қисмҳои Навиштаҷот бисёр ҳастанд. Бо вуҷуди ин вақте ки масеҳиёни асри XXI Китоби Муқаддасро мекушоянд, онҳо Сухани Худоро мехонанд, ки дорои илҳоми илоҳӣ ва боэътимод буда, аниқ нигоҳ дошта шудааст. „Алаф хушк мешавад, — мегӯяд Ишаъёи набӣ, — гул пажмурда мегардад, вале Каломи Худои мо то абад қоим хоҳад буд“ (Ишаъё 40:8).

Худат бовари ҳосил кун

Барои фаҳмидани пучии асотир оиди он, ки Китоби Муқаддас аз „сӯрохиҳо“ пур аст, вазифаи зеринро иҷро намо. Инҷили Матто боби 4, оятҳои 1–11-ро хон. Исои Масеҳ ба сухани фавқулоддаи шайтон бо суханони Навиштаҷот ҷавоб медиҳад. Иқтибосҳои Исои Масеҳро

аз Навиштаҳои Пок ёфта, нишонии онҳоро дар зер навис:

Ояти 4 .....

Ояти 7 .....

Ояти 10 .....

Сипас: Инҷили Матто боби 12 оятҳои 38–41-ро бихон, ки дар онҳо Исои Масеҳ ба ҳодисае ишора менамояд, ки бо пайғамбаре рӯй додааст ва дар Китоби пайғамбар Юнус сабт гардидааст.

Инҷили Марқӯс боби 2 оятҳои 23–26-ро бихон, ки дар онҳо Исои Масеҳ рӯйдодеро зикр мекунад, ки дар 1 Подшоҳон 21:6–7 навишта шудааст.

Инҷили Юҳанно боби 3 оятҳои 14–15-ро хон, ки дар онҳо Ӯ ба рӯйдоде ишора мекунад, ки дар боби 21-и Китоби Ададҳо батафсил тасвир ёфтааст.

Акнун қарор кун: Оё Исои Масеҳ оиди боэътимод будан ё дар ҳақиқат зиндагӣ кардани ин одамон ва воқеаҳо шубҳа мекард ё онҳоро ҳамчун фактҳои воқеӣ ҳисоб менамуд. Аз ин ту барои худ чӣ сабақ гирифта метавонӣ?

11. Китоби Муқаддас ва бозии телефони вайрон

Асотир оиди беэътимод будани Китоби Муқаддас

Бозии телефони вайрон дар давоми солҳои зиёд хеле машҳур аст. Ин бозӣ нишон медиҳад, ки аниқ баён намудани маълумот то чӣ андоза муҳим аст.

Агар дар хотир дошта бошед, дар ин бозӣ гурӯҳи одамон гирд мешинанд. Сипас касе ба гӯши ҳамсояааш хабари кӯтоҳе мерасонад. Вай дар навбати худ он ҷумларо ба гӯши ҳамсояи худ мегӯяд, ва ҳамин тавр давом меёбад, то даме ки хабар ба гӯши одаме ки онро гуфтааст, мерасад.

Бисёр вақт ҷумлае ки ба соҳибаш бармегардад, чунон дигаргун аст, ки боиси ханда мегардад. Масалан, ҷумлаи „Агар бо варзиш машғул нашавӣ, фарбеҳ мемонӣ“ ба чизе мисли „Бо торт хӯрдани аз Фирӯз пур“ табдил меёбад.

Бисёриҳо фикр мекунанд, ки бо Китоби Муқаддас айни ҳамон чиз рӯй додааст, ки бо ҷумлаи аввал дар бозии телефони вайрон рӯй медиҳад. Онҳо фикр мекунанд, матни Китоби Муқаддас аз матни ҳақиқӣ, ки ҳазорҳо сол пеш навишта шудааст, чунон дур аст, ки ҳеҷ як одами солимақл ба боэътимод будани он бовар намекунад.

Ин асотир аст.

Пеш аз ҳама, Паймони Куҳан чунон бо диққат рӯнавис мешуд, ки агар тамоми дастнавис ҳарф ба ҳарф қариб пурра навишта шуда бошад ҳам, агар дар охир котиб тасодуфан хато мекард, дастнависро

нобуд мекарданд.

Илова ба ин, котибони яҳудӣ, ки Китоби Муқаддасро ба ибрӣ рӯйнавис менамуданд, мебоист қоидаҳои муайянро қатъиян риоя мекарданд. Масалан:

- ҳар нусха мебоист дар сатҳи нав навишта мешуд, ки махсус барои ҳамин ва ба таври махсус омода шуда буд;
- ҳар нусха мебоист бо шумораи муайяни сутунҳо навишта мешуд, ки бари ҳар якаш 30 ҳарф буда, дорои шумораи муайяни сатрҳо буд;
- ҳар нусха мебоист бо ранги муайяни сифаташ махсус навишта мешуд;
- ҳар нусха мебоист аз матни аслӣ, ки ҳақиқӣ буданаш тасдиқ шудааст, рӯйнавис мешуд;
- ягон ҳарф намебоист аз ёд навишта мешуд; масалан касе ба калимаи „мо“ нигоҳ карда, ҳарфи „м“-ро нависад, сипас бори дигар ба матни асл нигоҳ накарда, ҳарфи „о“-ро навишта наметавонист; *ҳар* ҳарф мебоист қатъиян аз матни аслӣ рӯйнавис мешуд;
- ягон ҳарф намебоист ба дигаре мечаспид ё ба рӯи он мебаромад. Дар байни ҳарфҳо мебоист масофаи ғафсии мӯй ё ришта мебуд;
- ҳар ҳарфи ҳар саҳифаи ҳар китоб мебоист шумурда мешуд ва шумораи он бо матни аслӣ муқоиса мешуд. Шумораи ҳар ҳарфи алоҳидаи алифбо, ки дар китоб вомехӯрд, мебоист шумурда шуда, бо матни аслӣ муқоиса мешуд. Ҳарфҳое ки дар байни калимаҳои Панҷкитоби Мусо меистанд, ва ҳарфҳое ки дар байни калимаҳои тамоми китобҳои Китоби Муқаддас, ки ба забони ибрӣ навишта шудаанд, меистанд, мебоист шумурда мешуд ва шумораашон дар матн қайд мешуд. Агар ҳатто *як* фарқият ёфт мешуд, нусхаро нобуд мекарданд.

Ҳангоми нусхабардории Паймони Куҳан чунин қоидаҳои сахт мебоист риоя мешуданд. Агар сухан оиди Паймони Навин равад, он, бешубҳа, — *боэътимодтарин* ва дақиқтарин ҳуҷҷати замони қадим аст.

Вақте шумо дар мактаб асарҳои Платонро меомӯзед, оё муаллим оиди боваринок будани рисолаи „Давлат“ шубҳа мекунад?

Вақте муаллими таърихи куҳан ба шумо шеърҳои Катулл ё „Хотироти ҷанги галлҳо“-и Қайсар Гай Юлийро мехонд, оё огоҳ

наменамуд, ки ин асарҳо начандон боъэтимод буда метавонанд?

Оё муаллимони шумо асарҳои Фукидиди таърихшинос, Арастуи файласуф, Софокли фоҷианавис ё Эврипидро дар асоси он, ки саҳеҳ будани ин матнҳо шубҳанок буда, мушкилиҳои зиёдашон ба фарқи нусхаҳо мебаранд, аз барнома хориҷ мекунанд?

Албатта, не. Бо вуҷуди ин бисёр одамон фикр мекунанд, ки Китоби Муқаддасро ҳуҷҷати боэътимод шумурдан номумкин аст. Ҳарчанд ягон китоби дар боло зикр шуда дар масъалаи эътимоднокӣ ба матни Паймони Навин ҳатто тақрибан баробар шуда наметавонад.

Барои муайян намудани эътимоднокии ҳар ҳуҷҷати таърихӣ одатан ду омили муҳимтаринро ба инобат мегиранд: шумораи дастнавистҳои мавҷуда ва муддате ки аз лаҳзаи навиштани матни аслӣ то навиштани нусхаи ба матни аслӣ аз ҷиҳати вақти навиштан наздиктар гузаштааст.

Агар шумо Паймони Навинро бо китобҳои дигари замони куҳан муқоиса кунед, эътимоднок будани он дарҳол маълум мешавад.

Муаллиф	Вақти навишт	Нусхаҳои аввалин	Вақт гузашт	Шумораи нусхаҳо
Сезар	100–44 то м.	900 милодӣ	1000 сол	10
Платон (тетралогияҳо)	427–347 то м.	900 милодӣ	1200 сол	7
Фукидид	460–400 то м.	900 милодӣ	1300 сол	8
Софокл	496–406 то м.	1000 милодӣ	1400 сол	100
Катулл	54 то м.	1550 милодӣ	1600 сол	3
Эврипид	480–406 то м.	1100 милодӣ	1500 сол	9
Арасту	384–322 то м.	1100 милодӣ	1400 сол	5

Акнун Паймони Навинро бо ин асарҳои муаллифони куҳан муқоиса кунед:

Муаллиф	Вақти навишт	Нусхаҳои аввалин	Вақт гузашт	Шумораи нусхаҳо
Аҳди Нав	40–100 милодӣ	125 милодӣ	25 сол	24000+

Ягон ҳуҷҷати замони куҳанро ҳатто ба назди Паймони Навин гузоштан намешавад. Танҳо матнҳои „Илиада“-и Ҳомерро дар масъалаи эътимоднокӣ муқоиса кардан мумкин мебуд, чунки 643 нусхаи

дастнависи ин достон мавҷуд буда, аз замони навиштан то нусхаи аввалини он 500 сол гузаштааст.

Оё ба Китоби Муқаддас бовар кардан мумкин аст? Ягон китоби қадима дар масъалаи боваринокӣ ба он баробар шуда наметавонад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди беэътимод будани Китоби Муқаддас вазифаҳои зеринро иҷро намо.

Оятҳои Навиштаҷотро пурра намо:

„ ..... , эй Худованд, то абад аст; дар осмонҳо қоим аст“ (Забур 118:89).

„Аз қадим шаҳодоти Туро донистаам, ки ..... ба сурати абадӣ бунёд кардаӣ“ (Забур 118:152).

„Алаф ....., гул ....., вале Каломи Худои мо ..... хоҳад буд“ (Ишаъё 40:8). „Зеро ки ба ростӣ ба шумо мегӯям: то осмон ва замин фано нашавад, ҳеҷ як ..... ё ..... аз Таврот ба фано нахоҳад рафт, то даме ки ҳамааш иҷро шавад“ (Матто 5:18).

Оё ин оятҳо боэътимод будани Китоби Муқаддасро тасдиқ мекунанд? Агар ҳа, пас чӣ гуна?

12. Буд ё набуд

Асотир оиди он, ки Китоби Муқаддас пур аз гапи бофта ва сафсата аст.

Вақте ки Зумрад пешниҳод кард, ки дар донишгоҳ ба рӯйхати хониши китобҳои адабии ҷаҳон Китоби Муқаддасро дохил кунанд, тӯфони эҳсосот ба вуҷуд омад.

„Шӯхӣ мекунӣ!? — гуфт касе. — Китоби Муқаддас ба ин ҷо чӣ дахл дорад?“

Дигаре ҷавоб дод: „Фақат нагӯй, ки ту ба ҳамаи ин сафсатаҳо дар бораи Юнус ва кит бовар мекунӣ! Ё ба ҳикояи болои об қадам задан! Биё мон, аз осмон ба замин фаро!“

„Биёед ба ақли солим такя кунем, — гуфт каси дигар. — Китоби Муқаддас албатта барои бовардорон аҳамияти бузург дорад, ва аз ин зиёд не. Ин рост аст, ки дар он афсона ва ривоятҳои шавқовар бисёранд, аммо ба ман нагӯед, ки ин чизҳоро ҷиддӣ қабул кардан лозим аст“.

Вақтҳои охир бисёриҳо чунин фикр мекардагӣ шудаанд. Ҳатто баъзе библеистҳо низ қарор додаанд, ки ба Китоби Муқаддас ҳамчун ба маҷмӯаи фолклор ва ривоятҳои динӣ нигоҳ бояд кард. Яъне онҳо кӯшиш менамоянд, ки чизҳои воқеиро чун бофта нишон диҳанд.

Ҳақиқатан дар Китоби Муқаддас ҳикояҳои аҷоиб ҷой доранд, баъзеи онҳо на ба воқеаҳои таърихӣ, балки ба сарлавҳаҳои матбуоти фачу бемаза монанд ҳастанд:

> Одам рӯи об мегардад
> Писарбачае бо андак хӯрок ҳазорон
> одамонро сер кардааст

Об ба май табдил ёфтааст
Муаллими ҷалилӣ аз мурдагон зинда шудааст.

Новобаста ба он, ки баъзе ҳикояҳои Китоби Муқаддас боварнопазир менамоянд, одамоне ки ин ҳикояҳоро навиштанд, дар назар доштанд, ки хонандагон онҳоро на ҳамчун афсонаву ривоятҳо, балки ҳамчун ҳақиқат қабул мекунанд.

Илова бар ин, одамоне ки Паймони Навинро тартиб додаанд, хуб медонистанд, ки бо навиштани чунин ҳикояҳои боварнопазир ҷонашонро зери хатар мегузоранд.

Оё шумо бисёр касонро медонед, ки барои рад нанамудани ягон ривоят бо хоҳиши худ ба маҳкама ва ҳатто ба марг тайёр ҳастанд?

Илова бар ин, одамоне ки Паймони Навинро навиштаанд, хуб медонистанд, ки агар ҳангоми рӯйдодҳо шоҳидони дигар ҳузур намедоштанд, онҳо оиди устоди ибрие ки аз мурдагон зинда шудааст ё бо панҷ нону ду моҳӣ сер шудани панҷ ҳазор одам нақл намуда, барои худ роҳ ба девонахона мекушоянд.

Маҳз барои ҳамин вақте ки фиристаи Павлус ҳақиқати Инҷилро назди шоҳ Агрипос ва ҳокими румӣ Фестус мавъиза менамуд, ба шоҳидон ишора мекард. Вақте ки Павлус дар бораи растохези Масеҳ гуфт, чуноне ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст:

> Фестус бо овози баланд гуфт: Эй Павлус, ту аз ақл бегона шудай! Дониши бисёр туро девона кардааст. Гуфт: „Эй Фестуси мӯҳтарам, ман аз ақл бегона нашудаам, балки суханони ҳақиқатро бо ақли солим баён менамоям: Зеро подшоҳе ки дар ҳузураш далерона сухан меронам, аз ин воқиф аст; ман яқин дорам, ки чизе дар ин бора аз ӯ пӯшида нест, зеро ки ин дар хилватгоҳе воқеъ нашудааст.
>
> *Аъмол 26:24–26*

Рӯйдодҳое ки дар Китоби Муқаддас навишта шудаанд бар хилофи афсона, ривоят ва динҳои асроромези қадима „дар хилватгоҳе воқеъ нашудаанд“. Тӯдаи бузурги одамон медиданд, ки ин чӣ хел рух медод. Одамони боэътимод ба таври хаттӣ дар бораи ҳақиқӣ будани он рӯйдодҳо гувоҳӣ медоданд ва нишондодҳои худро бо рехтани хунашон тасдиқ мекарданд. Ва он ҳуҷҷатҳо, ба ҷои он ки асоснок

рад карда шаванд, аз санҷиш гузашта ва эътимоднок пазируфта шуданд.

Худи ҳавворӣ Петрус ба зидди асотир оиди бо афсонаву ривоятҳо пур будани Китоби Муқаддас баромада, чунин навиштааст: „Зеро, ҳангоме ки мо қувват ва омадани Худованди мо Исои Масеҳро ба шумо хабар додем, аз пайи афсонаҳои фиребгарона нарафтаем, балки кибриёи Ӯро бо чашмони худ дидаем“ (2 Петрус 1:16).

Худат бовар ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки Китоби Муқаддас пур аз афсонаву ривоятҳост, вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Луқо боби 1:1–3-ро хон. Ин сатрҳоро кӣ менависад? Ба муаллиф дар бораи „воқеаҳое... ки рӯй доданашон дар миёни мо пурра маълум аст“ кӣ нақл кардааст? Муаллиф *неш* аз он, ки оиди ин воқеот ба Теофилус нақл кунад, чӣ кор кард?

Номаи 1Юҳанно 1:3-ро хон. Ин суханонро кӣ менависад? Оё ӯ мегӯяд, ки шахсан шоҳиди он рӯйдодҳо буд? Бо кадом мақсад ӯ дар бораи чизҳои шахсан дида ва шунидааш нақл мекунад?

Китоби Аъмол 2:22-ро хон. Ин суханонро кӣ мегӯяд. Онҳо ба кӣ дахл доранд? Калимаҳои „чунон ки худатон низ медонед“ чӣ маъно доранд?

Инҷили Юҳанно 19:35-ро хон. Муаллифи ин оят кист? Оё ӯ ба чизҳои менавиштааш шоҳид буд? Оё ӯ мехост, ки суханони ӯро ҳамчун гапи бофта қабул кунанд. Ба сатри „то ки шумо низ имон оваред“ аҳамият диҳед. Якчанд вақт оиди шаҳодати одамон, ки Паймони Навинро навиштаанд, дуо ва андеша намуда, муайян намо, ки оё ба ин шаҳодатҳо, чуноне ки инҷилнавис Юҳанно мехоҳад, бовар кардай.

13. Духтур Луқо ва калимаи „политарх“-и асли пайдоишаш нофаҳмо

Асотир оиди бостоншиносии бехато

Марди тануманде бо зинаи хонаи № 221-Б, ки дар Бейкер-стрит воқеъ аст, боло шуд. Сипас ӯро ба ҳуҷрае даъват намуданд, ки дар он хуфияи бузург менишаст.

„Ана шумо ҳам омадед, духтур. Салом! — ба курсии паҳлудораш пуштнокӣ зада, гуфт вай. — Аз афташ, якчанд рӯзҳои наздик шумо бехобӣ кашидаед“.

„Ҳа, рост мегӯед — лекин сабр кунед. Шумо инро аз куҷо медонед? Ва аз куҷо фаҳмидед, ки ман духтур ҳастам?“

„Ин оддӣ-ку. Боз ман мебинам, ки шумо нависанда ҳастед ва аз роҳи дур омадаед. Лекин дар ҳақиқат ҳамаи ин аҳамият надорад. Беҳтараш гӯед, ки ташвиши шумо чист“.

Меҳмон бо душворӣ аз ҳолати ҳайрат берун шуда, оқибат ба нақл шурӯъ намуд.

„Номи ман Луқо, ман духтур, — мегуфт ӯ дар бораи худ, — илова бар ин ман муаллифи ду бестселлер мебошам, ки дар онҳо воқеаҳое тасвир ёфтаанд, ки дар замони ман рӯй додаанд. Аниқтараш дар асри І-уми милодӣ“.

Хуфия Шерлок Холмс нӯги ангуштонашро ба ҳам часпонд ва барои бо диққат гӯш кардан омода шуд.

„Вақтҳои охир, — нақлашро давом медод духтур Луқо, — обрӯи

ман зарари сахт дидааст. Оиди кордонӣ ва дониши ман шубҳа пайдо шудааст.

Медонед, ман дар китобам, ки Аъмоли Ҳавриён ном дорад, ишора намудам, ки шаҳри Иқуния ба ноҳияе ки Лекония ном дорад дохил намешавад. Баъзе бостоншиносон бошанд ким кадом ҳуҷҷатҳои дигарро ба асос гирифта, ба хулосае омадаанд, ки Иқуния шаҳри Лекония буд ва дар ин асос китоби маро манбаи беэътимод эълон карданд".

„Ин ҳамааш не, — шитобкорона давом медод Луқо, чунки метарсид, ки мабодо Холмс ӯро одами зудранҷ гумон кунад, — дар Инҷилам ман оиди саршавии хизмати Яҳёи Таъмиддиҳанда дар соли 27-уми милодӣ нақл карда, одамеро бо номи Лисониюс зикр намудам, ки ӯ тетрархи Абилин буд. Инак боз маро дар таҳрифи фактҳо айбдор мекунанд, чунки ба бостоншиносон танҳо як Лисониюс маълум будааст, ки ҳанӯз дар соли 36-уми пеш аз милод кушта шудааст. Илова бар ин, вақте ки ман дар бораи хизмати Павлус дар Қӯринтус нақл мекардам, Ғолиюнро «волӣ» номидам. Аммо «олимон» мегӯянд, ки ман намедонам, ки чӣ менависам, чунки гӯё Ғолиюнро ҳеҷ гоҳ «волӣ» наменомиданд!

Лекин аз ҳама айби бадтарин, ки ин «олимон» дар ман ёфтанд, аз он иборат аст, ки ман ҳокимони шаҳри Таслӯникиро бо калимаи юнонии «политарх» номидам. Онҳо мегӯянд, ки ин калима дигар дар ягон асари классикӣ вонамехӯрад. Ҳамаи бостоншиносон ва танқидкунандагон маҳз ба ҳамин ишора мекунанд, вақте ки «Луқо хато кард ва аз ин мебарояд, ки ба навиштаҳои ӯ бовар кардан номумкин аст» ва ғайра гуфта, айбдоркуниҳояшонро тасдиқ карданӣ мешаванд. Боз ҳар гуна майда-чуйдаҳо ҳастанд, ки ба онҳо часпида, онҳо маро бадном мекунанд".

Вақте ки духтур Луқо нақлашро ба охир расонд, чашмони Холмс пӯшида ва нафасаш росту ором буд. Дар охир ӯ чашмонашро кушода, аз курсии паҳлӯдораш хест ва бо ин нишон дод, ки ба ӯ ҳама чиз фаҳмост.

„Мебахшед, духтур, — гуфт ӯ, — лекин ман ба шумо ёрӣ дода наметавонам".

Духтур рост истода, хомӯшона ба хуфияи бузург нигоҳ мекард.

„Оё шуморо дуруст фаҳмидам, духтур, — савол дод Холмс, — ки оиди боъэтимод будани фактҳои навиштаатон дилпур ҳастед?"

„Сад дар сад! — қоматашро рост намуда, ҷавоб дод духтур. — Сэр, охир ман таърихшинос ҳастам!"

„Пас шумо бояд интизор шавед", — гуфт Холмс, вақте ки

таърихшиноси бузургро то назди дар гусел мекард. –„Рӯзе мерасад, ки дар он ҳамаи маълумотҳои аниқ навиштаатон як ба як тасдиқ хоҳанд шуд. Аммо ҳозир, — давом дод ӯ, пеш аз он, ки дарро аз пушти меҳмони ноумедшуда пӯшад, — ба шумо лозим аст, ки сабр кунед. Лекин дилпур бошед, вақте ки ҳамаи маълумотҳо тасдиқ мешаванд, ҳама чиз ҷо ба ҷо мешавад“.

Албатта, чунин гуфтугӯ дар байни таърихшиноси асри I ва хуфияи хаёлӣ ҳеҷ гоҳ набуд. Аммо ҳама чизе ки Луқо дар боло гуфт, рост аст. Барои бадном кардани ӯ саъю кӯшиши зиёд карда шудааст. Лекин, агар чунин вохӯрӣ имконпазир мебуд, маслиҳати Шерлок Холмс, ки дар охири ҳикояи мо ба духтур Луқо дод, сад дар сад дуруст мебуд.

Агарчи олимону бостоншиносон Луқои инҷилнависро дар бедиққатӣ ва хатоҳо беохир айбдор мекунанд, худи ҳамон бостоншиносӣ якчанд маротиба навиштаҳои ӯро тасдиқ намудааст.

Ба бисёр одамон чунин фикр кардан маъқул аст, ки илми ҳозиразамонаи бостоншиносӣ „тасдиқ“ намуд, ки дар баъзе ҷойҳои Китоби Муқаддас хатоҳо ҷой доранд. Дар ҳақиқат ин хел нест. Масалан, биёед шикояти якуми инҷилнависро дида мебароем, ҳамонро, ки ӯ ба Шерлок Холмс нақл намуд, ки олимон ӯро дар нодуруст нишон додани ноҳияи шаҳри Иқуния айбдор мекунанд. Дар соли 1910-ум бостоншинос Уилям Рэмсей осори таърихие ёфт, ки дар он Иқуния шаҳри Фриҷия номида шудааст. Кашфиётҳои дертарин низ исбот намуданд, ки маълумотҳои Луқо дуруст мебошанд.

Як бозёфти бостоншиносон, ки назди шаҳри Димишқ ёфт шуд, тасдиқ намуд, ки „Лисониюси тетрарх“ вуҷуд дошт. Онро ба солҳои 14–29 нисбат доданд, ки ин ҳам пурра суханони Луқоро тасдиқ мекунад.

Оиди Ғолиюн бошад, хате ёфт шуд, ки дар он чунин навишта шудааст: „Ба дӯстам, волии Охоия Лютсий Юний Ғолиюн...“

Оиди калимаи аз ким-куҷо пайдошудаи „политарх“ низ, ки сабабгори дар бесалоҳиятӣ айбдор шудани ӯ буд, ҳама чиз маълум шуд. Дар гузаштаи наздик бостоншиносон тақрибан дувоздаҳ дастнавис пайдо карданд, ки дар онҳо ин унвони юнонии қадима зикр шудааст.

Чунин фикр, ки бостоншиносӣ фактҳои дар Китоби Муқаддас овардашударо рад мекунад, кӯҳна ва асотири навбатӣ мебошад. Чуноне ки бостоншинос Уилям Ф. Олбрайт мегӯяд,

> Нобоварии беҳад, ки равияҳои таърихии бонуфузи асрҳои ҳаждаҳ ва нуздаҳ нисбати Китоби Муқаддас изҳор

намуданд, — баъзе ақидаҳои ин равияҳо, ки ҳанӯз гоҳ-гоҳ пайдо мешаванд, — оҳиста-оҳиста беэътибор шуд. Кашфиётҳо паси ҳам аниқ будани фактҳои бешумори дар Китоби Муқаддас овардашударо тасдиқ мекунанд, ва асосҳои бисёр фароҳам меоваранд, ки Китоби Муқаддас манбаи таърихии боэътибор ҳисоб шавад.

Хуллас, Шерлок Холмс маслиҳати дуруст дод.

Худат боварӣ ҳосил кун

Ин вазифаро иҷро намо, то бубинӣ, ки асотир оиди бехато будани илми бостоншиносӣ бемаънӣ аст. Оятҳои зеринро аз Китоби Муқаддас хонда, ба ҷойҳои холӣ номҳои одамонеро гузор, ки шахсият ва вуҷуд доштанашон кайҳо аз ҷониби Китоби Муқаддас тасдиқ шудааст ва алҳол оқибат бозёфтҳои бостоншиносӣ низ тасдиқ кардаанд:

Дониёл 5:30 Он чизе ки пеш хатои таассуфангез ҳисоб меёфт (дар асоси он, ки лавҳачаи гилин ба Набонид ҳамчун ба подшоҳи охирини Бобил ишора менамояд), бо тадқиқотҳои охирин тасдиқ шуд, ки ....., писари Набонид ҳамроҳи падараш ҳукмронӣ кардааст.

Румиён 16:23 Ҳафриёти соли 1929 тасдиқ намуд, ки ..... ном одам вуҷуд дошт ва ӯ роҳбари корҳои ҷамъиятии Қӯринтус буд.

Матто 27:1–2 Бозёфт дар бандари баҳримиёназаминии Қайсария дар соли 1961 санагузорӣ шудааст, ба ҷаҳон дастнависи ҳаҷмаш 2х3-ро тақдим намуд, ки он ба ..... ишора мекунад.

14. Пайғамбариҳои ҳақиқӣ ё қатори мувофиқ омадани тасодуфҳо

Асотир оиди он, ки пайғамбариҳои Китоби Муқаддас тасодуфан иҷро мешаванд

Комрон давида ба ошхона даромад ва қариб буд, ки модарашро аз по зада афтонад.

„Комрон“ — гуфт норозиёна модараш.

„Мебахшед, очаҷон, — гуфт вай, — лекин шумо бояд фавран ин китоберо, ки Парвиз ба ман дод, бинед“. Ӯ ба рӯи миз як тӯда китобҳои дарсиашро афшонда, аз байнашон як китобро гирифт. „Дар ин ҷо ҳазор-ҳазор пешгӯиҳо ва ҳар хел чизҳои дигар навишта шудаанд. Муаллифаш як пирамард, номаш Нострил... ё чӣ буд?“.

„Нострадамус?“

„Ҳа! — ҷавоб дод Комрон. — Шумо аллакай дар бораи ӯ медонед?“

„Чӣ хел ба ту гӯям...“

„Оё он чи ӯ менависад, аҷоиб нест? Ӯ бисёр рӯйдодҳоро пеш аз он ки рух диҳанд, пешгӯӣ кардааст. Дар бораи Гитлер, ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, кушта шудани Кеннеди. Парвиз гуфт, ки дар он ҷо ҳатто дар бораи Эм Си Ҳаммер чизе навишта шудааст!“

„Ҳоло ҳамин тавр гӯй?“

Комрон хомӯш шуда, нобоварона ба рӯи модараш нигарист.

„Хӯш, модарҷон, боз чӣ шуд? Ман ин нигоҳи шуморо медонам“.

„Ҳеҷ гап нест. Ҳамту ба ман шавқовар шуд, ки оё ту ин „пешгӯиҳо“-ро худат ёфтӣ? Мехоҳам гӯям, ки ту худат онҳоро ҷустӣ ё каси дигар ба ту нишон дод, чӣ хел ту умуман ба онҳо дучор шудӣ?“

„Ҳа, онҳоро Парвиз ба ман нишон дод“.

„Онҳо ба ту онҳо ким-чӣ хел номуайян натофтанд? Ҳамин хел, ки онҳо ба вазъиятҳои бисёр рост омада метавонанд ва онҳоро ҳар хел фаҳмондан мумкин аст?“

Комрон каме фикр карда, кифтонашро афшонда гуфт: „Шояд ҳамин хел ҳам бошад“.

„Ман ҳайрон мешавам, ки чунин пайғамбари шубҳаовар, чун Нострадамус, одамони зиёдро ҷалб мекунаду пайғамбариҳое ки бо илҳоми илоҳӣ дар Навиштаи Пок сабт шуда, дар айни ҳол пурра иҷро шудаанд, одамонро шавқманд намекунанд!“

Комрон шавқ пайдо кард. Ӯ китоби Нострадамусро ба як сӯ гузошта, пурсид: „Масалан?“

„Масалан? — такроран аз ӯ пурсид модараш. — Комрон, ту маро ҳайрон мекунӣ. Масалан, дар Байт-Лаҳм таваллуд шудани Исои Масеҳ. Инро Микои набӣ пешгӯӣ кардааст. Закарёи набӣ бошад пешгӯӣ кардааст, ки Масеҳ ба Уршалим на бо аспи пурзӯр, балки ба хар савор шуда ворид мешавад“.

„Рост, — гуфт Комрон. — Боз ӯ пешгӯӣ кардааст, ки ба Исои Масеҳ хиёнат мекунанд, ҳамин тавр не?“

„Айнан ҳамин тавр. Аз ҷониби дӯсташ ба ивази сӣ тангаи нуқра таслим карда мешавад. Дасту пойҳои Ӯро сӯрох мекунанд, аммо устухонҳояш бутун мемонанд — мебинӣ, Комрон, ӯ ҳамаашро аниқ ва бо тафсил пешгӯӣ кардааст. Инҳо фақат калимаҳои умумӣ ва ишораҳои нофаҳмо набуданд, балки пешгӯиҳои муайяни бисёр, ки сад дар сад аниқ иҷро шуданд. Мо фақат пешгӯиҳоеро ба ёд овардем, ки ба ҳаёти Масеҳ дахл доранд. Лекин худи ҳамин чизро оиди ҳақиқати пешгӯиҳо дар бораи шаҳрҳо ва халқҳое ки қисматашон дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, гуфтан мумкин аст„.

„Пас аз ҳамаи ин пешгӯиҳои Нострадамус ким-чӣ хел рангпарида метобанд, ҳамин тавр не?“ — хулоса бароварда Комрон.

„Ба ғарқшудагон монанд“, — табассум карда гуфт модараш.

Модари Комрон дуруст мегӯяд. Пайғамбариҳои Китоби Муқаддас бо эътимоднокии ҳайратангез беҳамтогӣ ва ростии Навиштаҳои Поки яҳудӣ-масеҳиро тасдиқ мекунанд.

Ҳатто бохабар будан оиди пешгӯиҳое, ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, мебоист хонандагони боғаразтарини Китоби Муқаддасро дар ҳақиқат будани он бовар кунонанд.

Аммо баъзе одамоне ки тасаввуроти бой доранд, гумон мекунанд, ки иҷро шудани пешгӯҳои Навиштаҷот тасадуфи холист. „Баъзеи ин пешгӯиҳо ба тақдири президент Кеннеди ё Мартин Лютер Кинг низ рост омада метавонанд“ — мегӯянд баъзеи дигар.

Фарз мекунем, аммо оё шумо мисоле оварда метавонед, ки *ҳамаи чилу ҳашт пешгӯиҳои асосӣ*, ки дар Китоби Муқаддас оиди Исои Масеҳ навишта шудаанд, дар ҳаёти як одам иҷро шуда бошанд?

Ҷустуҷӯ кардан ҳам лозим намешавад: чунин одам нест!

Чуноне ки Питер Стоун дар китоби худ, ки „Нуқтаи назари илмӣ“ ном дорад, менависад, эҳтимол, ки ин воқеаҳо мувофиқати тасадуфист ба 1 ба 10 дар 157-ум дараҷа, ё ба адади 10 бо 157 сифр баробар аст. Чунин адади калон ё эҳтимоли хурдро ҳатто тасаввур кардан мушкил аст.

Чунин номувофиқатии астрономӣ аниқ нишон медиҳад, ки пайғамбариҳои Китоби Муқаддас мувофиқати тасодуфӣ нестанд, „Зеро ки ҳаргиз нубувват ба ҳасби иродаи одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулқудс, онро ба забон рондаанд“ (2 Петрус 1:21).

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди мувофиқати тасодуфӣ ба саволи зерин ҷавоб деҳ: чӣ қадар пайғамбариҳои Навиштаҷотро бо номҳои пайғамбарон, ки онҳоро пешгӯӣ карданд, ё бо китобҳо, ки онҳоро дар бар мегиранд муносибатдор кардан мумкин аст?

Номҳои пайғамбарон ва китобҳо чунинанд:

А. Ҳастӣ	В. Ишаъё	Д. Мико
Б. Забур	Г. Ирмиё	Е. Закарё

Пайғамбариҳои Навиштаҷот, ки иҷро шудаанд:

1. Исои Масеҳ аз Бокира таваллуд мешавад (Матто 1:18–25).
2. Дар сибти Яҳудо (Луқо 3:23, 33).
3. Ӯ аз насли Йисой мешавад (Луқо 3:32).
4. Аз хонадони Довуд (Луқо 3:31).
5. Дар Байт-Лаҳм таваллуд мешавад (Матто 2:1).
6. Пеш аз ӯ башоратдиҳандае хоҳад буд (Матто 3:1–2).
7. Ӯ ба хар нишаста ба Уршалим ворид мешавад (Луқо 19:35–37).
8. Дӯсташ ба Ӯ хиёнат мекунад (Матто 26:48–50).

9. Ба ивази 30 тангаи нуқрагин (Матто 26:15).
10. Ӯ пеши айбдоркунандагони Худ хомӯш меистад (Матто 27:12).
11. Дастон ва пойҳои Ӯро сӯрох мекунанд (Луқо 23:33; Юҳанно 20:25).
12. Ӯро ба роҳзанҳо нисбат медиҳанд (Матто 27:38).
13. Шафоатгари қиноятқорон мешавад (Луқо 23:34).
14. Либоси Ӯро тақсим мекунанд (Юҳанно 19:23).
15. Ва барои он қуръа мепартоянд (Юҳанно 19:24).
16. Ба Ӯ заҳра ва сирко менӯшонанд (Матто 27:34).
17. Устухонҳои Ӯ шикаста намешаванд (Юҳанно 19:34).
18. Лекин Ӯро найза мезананд (Юҳанно 19:34).
19. Сипас дар қабри одами сарватманд гузошта мешавад (Матто 27:57–60).
20. Ӯ аз мурдагон бармехезад (Аъмол 2:31).

Ҷавобҳо:

1. В (Ишаъё 7:14)
2. А (Ҳастӣ 49:10)
3. В (Ишаъё 11:1)
4. Г (Ирмиё 23:5)
5. Д (Мико 5:2)
6. В (Ишаъё 40:3)
7. Е (Закарё 9:9)
8. Б (Забур 40:10)
9. Е (Закарё 11:12)
10. В (Ишаъё 53:7)
11. Б (Забур 21:17)
12. В (Ишаъё 53:12)
13. В (Ишаъё 53:12)
14. Б (Забур 21:19)
15. Б (Забур 21:19)
16. Б (Забур 68:22)
17. Б (Забур 33:21)
18. Е (Закарё 12:10)
19. В (Ишаъё 53:9)
20. Б (Забур 15:10)

Асотирҳо оиди эҳёшавӣ

15. Худро мурда вонамуд кард?

Асотир оиди он, ки Исои Масеҳ намурд, балки беҳуш буд

Вақте ки ман ҳанӯз хеле ҷавон будам, пеши худ мақсад гузоштам, ки беасос будани масеҳиятро исбот мекунам. Лекин албатта ин ба ман муяссар нашуд, чунки ман як ҳақиқатро, ки дар таърих ҷой дошт, рад карда натавонистам. Ин ҳақиқат аз мурдагон зинда шудани Исои Масеҳ аст.

Эҳёшавӣ — асоси таълимоти масеҳият аст. Чуноне ки Майкл Грин дар китобаш, ки „Одами зинда“ ном дорад, менависад, „эҳёшавӣ дар масеҳият — на як догмати навбатист, ки бояд қабул шавад. Бе бовар ба растохез масеҳият умуман вуҷуд намедошт. Калисои масеҳӣ бошад ҳеҷ гоҳ ташкил намешуд, ҳаракате ки ба туфайли хизмати Исои Масеҳ сар шуд, баъд аз он ки Ӯро ба салиб кашиданд, ҳамчун буғ нобуд мешуд. Тақдири масеҳият пурра вобастаи бовар ба он аст, ки Исои Масеҳ растохез кард. Ҳамон лаҳзае ки шумо ин ҳақиқатро рад мекунед, шумо масеҳиятро нобуд мекунед“.

Бечуну чаро, маҳз аз ҳамин сабаб одамони бисёр кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, ки ҳақиқати растохезро зери шубҳа қарор диҳанд ё рад кунанд.

Китоби доктор Ҳю Шонфилд, ки „Суиқасди фисҳӣ“ ном дорад, баъд аз нашри худ дар мобайни солҳои 1960-ум баҳсҳои зиёд ба миён овард. Ин китоб ғавғои бисёр бардошт, чунки дар он муаллиф назарияи қадимаеро ба ҳаёт баргардондааст, ки „назарияи беҳушӣ“ ном дошта, растохези Исои Масеҳро „мефаҳмонад“.

Назарияи беҳушӣ якчанд асрҳо пеш ба туфайли Вентурини

ном шахс ба вуҷуд омада буд. Мувофиқи ин назария Исои Масеҳ ҳақиқатан дар салиб намурдааст. Ӯ фақат аз беҳолӣ ва равондани хун беҳуш шудааст. Ҳама гумон карданд, ки Ӯ мурдааст, гуфта шудааст дар назария, аммо дар ҳақиқат Ӯ баъд аз якчанд муддат ба Худ омад, лекин шогирдонаш қарор доданд, ки Ӯ аз мурдагон зинда шуд.

Шонфилд ба ин назария идома бахшидааст. Ӯ ба хулоса омадааст, ки Исои Масеҳ ҳабс, доварӣ ва ба салиб кашида шуданашро пешакӣ ба нақша гирифтааст. Исои Масеҳ ҳама чизро чунин ташкил намудааст, ки дар салиб Ӯро бо доруҳои нашъадор гаранг кунанд, то ки Худро мурда вонамуд кардан ба Ӯ осон шавад, лекин дертар Ӯ аз зарбу лату шиканҷа ва захмҳои бардоштааш, ва хуни равондааш аз зарбаи найза, ки ба таги қабурғааш даромада буд, ва аз дасту пойҳои хуншораш, ки бо мехҳо ба салиб кӯфта шуда буданду бадани Ӯ бар онҳо овезон буд, ба худ омада метавонист.

Аммо ҳамаи ин назарияи беҳушӣ — асотири холист.

Исои Масеҳ зарбу лати сахт хӯрд. Ӯро бо асбоби даҳшатноки шиканҷадиҳӣ заданд, ки гӯшти баданро пора-пора мекунад. Баъзан маҳбусон то рӯзи қатл токат накарда мемурданд, чунки ба чунин зарбу лат тоб оварда наметавонистанд.

Сипас Исои Масеҳ баъд аз чунин зарбу лати сахт ба ҷойи қатли Худ равона шуд. Аммо азобу уқубати Ӯ токатнопазир буд, ки Ӯ мустақилона роҳашро давом дода натавонист. Чуноне ки инҷилнависон Матто ва Луқо ба мо хабар медиҳанд, Шимъӯн ном шахсеро, ки аз Қурин буд водор намуданд, ки салибро аз паси Исои Масеҳи афсурда бардошта равад. Суханони Марқӯс, „ва Исоро ба ҷое бурданд, ки Ҷолҷолто... ном дошт“ (Мар. 15:22), ба мо имконияти тахмин карданро медиҳанд, ки Исои Масеҳ Худаш қуввати гаштан надошт.

Сипас Исои Масеҳ маргеро аз сар гузаронд, ки тасвири он имконнопазир аст. Лекин баъзе нависандагон ба монанди Фредерик Фарер ба ҳар ҳол кӯшиш намудаанд, ки онро бо сухан баён намоянд:

> Марг ба воситаи салиб, ба фикрам, тамоми он зулмот ва даҳшатро, ки марг бо худ меорад, дар бар мегирад, — сарчархзанӣ, рагкашӣ, ташнагӣ, гуруснагӣ ва бехобӣ, таб дар тамоми бадан аз ҷароҳатҳо, кузоз (шах шуда мондан), азоби шармандагӣ ва таҳқиркунӣ дар пеши мардум, шиканҷаҳои дуру дароз, даҳшати оянда, карахтшавии узвҳои маҷрӯҳшудаи бадан — ҳамаи ин азобҳо ба ҳолате

мерасонанд, ки дигар ба онҳо тоқат кардан имкон надорад, ва онҳо танҳо вақте ки ҷафокаш беҳуш мешавад, ба муддати кутоҳе қатъ мегарданд.

Ҳолати ғайритабиии бадан ҳар як ҳаракати хурдтаринро дарднок мекунад; рагу пайҳои кандагӣ аз дарду азоби беохир набз мезананд; захмҳои варамкарда ва пӯшонда нашуда оҳиста-оҳиста ба мурдани бофтаҳо мерасонанд; сурхрагҳо — хусусан дар сар ва шикам — аз пуршавии хун дар онҳо медаманд; ва ҳангоми зиёд шудани ҳамаи азобу уқубатҳо, ки ба худ тасаввур кардан мумкин аст, ба онҳо дарди сахти сӯхтаҳо ва ташнагии тоқатнопазир илова мешаванд; ҳамаи ин азобу уқубатҳои ҷисмонӣ фақат изтироб ва ташвиши рӯҳиро меафзоянд. Ин ба ҳолате мебарад, ки пешомади марг — ҳамон марг, душмани ношинос, ки аз наздик шуданаш одам беш аз ҳама метарсад, — ҳамчун сабукии хуш ва дилхоҳ пазируфта мешавад.

Баъд аз якчанд соати чунин шиканҷадиҳӣ Исои Масеҳро аз салиб фуровардand — аммо танҳо пас аз он, ки мирисади румӣ (ки лаҳзаи расидани маргро бехато муайян карда метавонист) ба ҳокими румӣ хабар дод, ки Исои Носирӣ мурд.

Ин фикр, ки одам баъди чунин шиканҷа зинда монда, дар Яҳудову Ҷалил ҳамчун шахси бар марг Зафарёфта ва Ҳокими ҳаёт назди панҷсад нафар одам зоҳир шуда метавонад, бечуну чаро хоҳиши сахти аз сар навиштани таърих ва сарфи назар кардани он ҳақиқати оддиро ба миён меоварад, ки „...Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд, ва Ӯ дафн карда шуд ва, мувофиқи Навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳё шуд“ (1 Қӯринтиён 15:3,4).

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои дарк намудани бемаънигии асотир оиди назарияи беҳушӣ вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Юҳанно 19:30–35-ро хон. Барои чӣ сарбозон соқи пойҳои Исои Масеҳро нашикастанд? Чанд сарбози румӣ (аз ҳама кам) медонистанд, ки Исои Масеҳ мурдааст? Дар ояти 35 оиди кӣ сухан меравад? Чӣ ҳақиқатеро он мегӯяд, то ки шумо бовар кунед.

Инҷили Маркӯс 15:42–47-ро хон. Дар ин оятҳо оиди чанд шоҳид гуфта шудааст, ки Исои Масеҳро мурда дидаанд?

Инҷили Матто 27:62–66-ро хон. Оё саркоҳинон ва фарисиён

яқин медонистанд, ки Исои Масеҳ мурдааст? Ба ояти 63 аҳамият деҳ — онҳо медонистанд, ки Исои Масеҳ ваъда намудааст, ки эҳё мешавад, пас оё метавонист чунин шавад, ки Ӯро зинда аз салиб фуровaранд?

Чанд нафар бадхоҳони Исои Масеҳ аз ҷумлаи онҳо, ки ту дар боло хондӣ (ба ҷуз шогирдон ва дӯстони Ӯ) шоҳидони марги Ӯ буданд?

16. Чашмбандакбозӣ?

Асотир оиди он, ки қаброро бо қабри дигар саҳв намуданд

Хуб, Фарангис, ман ба ту ҳамаашро нақл мекунам, аммо он чизе ки бо мо рӯй дод, бисёр аҷоиб метобад! Инак ман ва Марями дигарӣ ва ...боз кӣ буд? Ҳозир, ҳа, Салӯмит ва боз аз ёдам баромад... ҳозир мегӯям...“

„Охир мегӯӣ ё не?“ — мешитобонид Фарангис.

„Сабр кун! Ҳозир мегӯям, ҳамаашро бо тартиб нақл кардан даркор-ку. Инак, субҳидам мо сӯи қабр равона шудем, лекин ҳанӯз торик буд, худат ҳам медонӣ чӣ хел мешавад, ҳамеша бояд ба пеши пойҳоят нигоҳ кунӣ, то ки доманатро зер накунӣ ё ба тори тортанак напечӣ ё...“

Фарангис бо хашмгинӣ сиёҳии чашмонашро боло бурд.

„Хуб, хуб, — гуфт Марям. — Чуноне ки аллакай гуфтам, мо ба назди қабр рафтем, лекин он холӣ буд, агарчи дирӯз бегоҳӣ Исои Масеҳ дар он мехобид. Мефаҳмӣ, Фарангис? Қабр холӣ буд! Дар он ҳеҷ кас набуд. Ҳеҷ кас!“

Фарангис бо диққат ба дугонааш чашм дӯхт. „Дилпур ҳастӣ, ки шумо қаброро бо қабри дигар саҳв накардед?“

„Дилпур ҳастам? Фарангис! Мефаҳмӣ, ки чӣ мегӯӣ? Дилпур ҳастам, ки мо қаброро бо қабри дигар саҳв накардем? Ту чӣ, ба ман андак ҳам бовар намекунӣ. Охир ман дар он ҷо танҳо набудам... бо ман одамони дигар буданд, илова бар ин, ҳам ман ва ҳам Марям дирӯз бегоҳӣ он ҷо будем. Агар мо қаброро бо қабри дигар саҳв мекардем, наход фикр кунӣ, ки ақаллан як нафари мо инро дарк намекард. Наход ки ту моро то ҳамин дараҷа нодон ҳисоб кунӣ?

Хуб, фарз мекунем, ки мо роҳгум задем, пас фариштa чӣ? Ҳа рост, охир ҳоло ман ба ту дар бораи фариштa чизе нагуфтаам. Инак назди қабри холӣ, то ки донӣ, фариштае буд, ки мисли барқ медурахшид! Ӯ ба мо гуфт, ки натарсем, ки Исои Масеҳ эҳё шуд. Ба гумони ту, фариштa низ қаброро саҳв намуд? Ҳамин хел?

„Не ман ин хел фикр намекунам, ман фақат...“

„Хуб, агар ту маро ин хел соддафаҳм ҳисоб кунӣ, пас фикр кун, ки Петрус ва Юҳанно низ аз ман дуртар нарафтаанд! Чунки ман дарҳол назди онҳо давидам ва онҳо шитобон назди қабри холӣ омаданд! Ман базӯр аз паси онҳо медавидам!

Илова бар ин, ту-дилпур-ҳастӣ,-ки-шумо-қаброро-саҳв-накардед, ба ман гӯй, ки оё дар Уршалим қабрҳои зиёде буданд, ки асари мӯҳри румӣ доштанд?“

„Охир, ман ҳеҷ...“

„Сабр кун, дар бораи саркоҳинон ва посбонон чӣ мегӯй? Наход онҳо ҳам намедонистанд, ки Исои Масеҳ ба кадом қабр гузошта шуд? Агар ҳатто мо ба қабри дигар мерафтем, оё онҳо ба назди қабри дуруст рафта, ба мо намегуфтанд: „Ҳа! Ана мо фиреби шуморо фош намудем! Ҷасад дар ҷояш, ки гузошта шуда буд, мехобад!“ Оё онҳо ҳамин хел намекарданд?“

Фарангис дастонашро ба ду тараф дароз карда гуфт: „Илтимос, маро бубахш? Чунин бемаънигиҳо ҳатто дар гӯшаи хотирам набуд“.

Мутаассифона, Фарангис ягона касе нест, ки чунин гумон карда бошад. Кирсопп Лейк назарияи наве сохтааст дар асоси он, ки заноне, ки ба ҳама оиди гум шудани бадани Исои Масеҳ нақл карданд, гӯё қаброро бо қабри дигар саҳв карда бошанд. Аммо чуноне ки Марям ба Фарангис қатъиян изҳор намуд, сайру гашти понздаҳдақиқагии саркоҳинон аз назди қаср ё қалъаи румӣ дар Уршалим то қабр зуд ба ҳар гуна овозаҳо оиди растохези Исои Масеҳ хотима бахшида метавонист.

Лекин ин тавр, албатта, нашуд. Охир қабре ки занон ёфтанд, дар ҳақиқат қабри Исои Масеҳ буд. Ва он холӣ буд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Вазифаи зеринро иҷро намо, то бубинӣ, ки асотир оиди бо қабри дигар саҳв шудани қабр беасос аст.

Инҷили Матто бобҳои 27:57–28:15-ро хон. Онҳоеро қайд намо, ки дар куҷо будани қаброро мебоист аниқ медонистанд:

Матто 27:59–60 ..... ва .....

Матто 27:61 .....

Матто 27:62–66 .....

Матто 28:2–4, 11 .....

Юҳанно боз шахсеро зикр мекунад, ки мебоист дар куҷо будани қабри Исои Масеҳро медонист (Юҳанно 19:38–41). Ин одам кист?

Аҳамият деҳ, ки ҳам Матто, ва ҳам Марқӯс, ва ҳам Луқо менависанд, ки занон гӯронида шудани Исои Масеҳро *диданд* (Матто 27:61; Марқӯс 15:47; Луқо 23:55). Барои чӣ ҳамаи онҳо инро навиштаанд?

17. Бозии руст-рустакон?

Асотир оиди он, ки баданро дуздидаанд

Бори аввал асотир оиди дуздида шудани бадан дар худи Китоби Муқаддас зикр шудааст. Баъди растохез якчанд посбонон, ки қаброро посбонӣ мекарданд, пеши саркоҳинон омада асли воқеаро нақл карданд. Матто менависад:

> Ва онҳо бо пирон ҷамъ омада ва машварат карда, ба сарбозон пули бисёре доданд. Ва гуфтанд: „Бигӯед, ки шогирдони Ӯ шабона омада, вақте ки мо дар хоб будем, Ӯро дуздиданд; ва агар ин сухан ба гӯши ҳоким расад, мо вайро бовар мекунонем ва шуморо аз хатар фориғ мегардонем“. Онҳо пулро гирифта, мувофиқи он дастур амал карданд. Ва ин овоза то имрӯз дар миёни яҳудиён паҳн шудааст.
>
> *Матто 28:12–15*

Агарчи дар худи Паймони Навин чӣ гуна пайдо шудани асотир оиди он, ки баданро дуздидаанд, фаҳмонда мешавад, баъзе одамон ҳозир ҳам ҳанӯз фикр мекунанд, ки шогирдон бадани Исои Масеҳро руст карда, ҳилаву найранг кардаанд. Лекин як қатор сабабҳо ҳастанд, ки ба чунин ҳикоя бовар карданро номумкин месозанд. Масалан, санге ки баъд аз дафни Исои Масеҳ ба даромадгоҳи қабр ғелонда шуд, аз сангчаҳое ки одамон ба оби кӯл партофтанро дӯст медоранд,

то ки онҳо рӯ-рӯи об ҷаста раванд, фарқи калон дошт. Мувофиқи маълумотҳои аз матн гирифташуда ва ҳисобҳое ки ду профессори коллеҷи техникии Ҷорҷия кардаанд, доираи он санг аз 1,5 метр зиёдтар буда, вазнаш қариб ду тонна буд. Вақте ки қабрро омода мекарданд, шояд як гурӯҳ коргарон онро ба ҷои даркорӣ гузошта, танба намудаанд, то ки бевақт ба хандақи чуқуре ки ба даромадгоҳи қабр мебурд, нағелад. Вақте ки Исои Масеҳро гӯронданд, танбаро гирифтанд ва қувваи ҷозиба корашро кард: санг ғелида, дари қабрро чунон маҳкам кард, ки онро як гурӯҳ мардони боқувват базӯр метавонистанд бечо кунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб заноне ки саҳари якшанбеи фисҳ сӯи қабр равона буданд аз худ мепурсиданд, ки: „Сангро аз дари қабр барои мо кӣ меғелонад?“ (Марқӯс 16:3).

Илова бар ин, саркоҳинон мабодо танро надузданд гуфта, аз Пилотус, ҳокими румӣ, иҷозат гирифтанд, ки ба назди қабр посбонон гузошта шаванд. Дастаи посбонони румӣ чордаҳ ё шонздаҳ нафар посбонро дар бар мегирифт. Ҳар посбон тақрибан ду метри замини гирду атрофашро хуб посбонӣ карда метавонист. Шонздаҳ одам одатан квадрат ташкил мекарданд — чор нафарӣ дар ҳар тараф. Онҳоро мебоист тақрибан 33 метр заминро муҳофизат намуда, ҳуҷуми як баталионро гардонда метавонистанд.

Ҳангоми шаб чор одам мебоист бевосита назди чизи посбонӣ мешуда меистод, дувоздаҳи дигар бошанд метавонистанд назди объекти бонишаванда нимдавра ташкил намоянд ва сарашонро сӯи маркази давра гузошта, хоб раванд. Ҳамин тавр барои дуздидани ягон чизе ки ин хел хуб посбонӣ мешавад, ба дузд лозим меояд, ки аввал аз пеши онҳое ки хоб рафтаанд, гузарад (албатта пеши назари он чор нафаре ки бедор ҳастанд). Ҳар чор соат чор нафар аз хобрафтагон бо қувваи нав ба посбонӣ меистоданд ва онҳое ки навбаташон тамом шуд, истироҳат мекарданд. Ҳамин тавр онҳо тамоми шабонарӯз ҳамдигарро иваз мекарданд.

Бояд қайд кард, ки он посбонон ба барандаҳои хушмуомилаи экскурсияҳо монанд набуданд. Онҳо мошинҳои зиндаи хатарноке буданд, ки барои мубориза сохта мешуданд. Т.Дж. Такер дар китобаш „Зиндагӣ дар дунёи румии Нерон ва фириста Павлус“ яке аз ин сарбозонро чунин тасвир кардааст:

> Қафаси сина ва китфҳояшро корсети чармин мепӯшонд, ки дар навбати худ бо қабатҳои оҳан ё биринҷӣ пӯшонда мешуд. Дар сар хӯди оҳанини ҳамвори муҳофизаткунанда дошт.
>
> Дар дасти росташ найзаи машҳури румиро медошт. Ин

силоҳи мустаҳкам қариб ду метр дарозӣ дошта, аз пайкони оҳанин, ки ба дастаи чӯбин часпонда шудааст, иборат буд; сарбоз метавонист бо он ҳамчун бо сарнайза халонад ё онро чун найза андозад. Илова бар ин ӯ барои ҷанги наздик шамшер дошт.

Дар дасти чапаш сипар дошт... [ки онро] на танҳо дар даст гирифта мешуд, балки ба тасмае овехтан мумкин буд, ки аз китфи рост гузаронда мешуд. Барои озодона ба кор бурдани сипар сарбоз метавонист шамерашро, ки аз буранда дида бештар халанда буд ва тақрибан 1 метр дарозӣ дошт, ба тарафи росташ ба тасмае ки аз китфи чапаш мегузашт, овезад. ...Дар паҳлӯи чапи сарбоз ханҷар овезон буд.

Онҳое ки асотири дуздида шудани танро меписанданд, шояд фикр кунанд, ки якчанд шогирдоне ки як рӯз пеш аз воқеаҳои тасвиршуда чун харгӯшҳои тарсончак гурехта буданд, қарор доданд, ки бо сарбозони румии силоҳбардаст ва таҷрибадор ҷанг кунанд. Онҳо ё сарбозонро мағлуб карданд, ё ҳангоми хоб буданашон аз пешашон гузашта, санги ду тонна вазн доштаро ба баландӣ ғелонда баровардаанд, лекин дар баробари ин ҳеҷ як сарбоз бедор нашуд. Сипас, то ки тасвир пурра гардад, шогирдон ҷасади Исои Масеҳро бурда, дар ким-куҷо руст карданд ва дар давоми якчанд даҳсолаҳо ба масхара ва шиканҷаҳо тоб оварданд, то ки дурӯғашонро — охир *онҳо медонистанд, ки ин дурӯғ аст* — ба тамоми замин паҳн кунанд.

Ба ин бовар кардан тамоман мушкил аст. Саймон Гринлиф, профессори университети Гарвард, ки мутахассиси соҳаи ҳуқуқ буда, аллакай солҳои зиёд оиди чӣ гуна рад намудани баёноти шоҳид ва муайян намудани рост ё дурӯғ гуфтани шоҳид лексия мехонад, чунин мегӯяд: „Агар онҳо комилан дилпур намебуданд, пас дар ҳаққонияти суханони худ ва воқеан аз мурдагон зинда шудани Исои Масеҳ исрор намуда наметавонистанд“.

Ва имрӯзҳо ҳар касе ки ҳақиқатро меҷӯяд, метавонад ба монанди масеҳиёни аввалин пурра дилпур бошад, ки бовари масеҳиёна на дар ягон асотир ё ривоятҳо, балки дар ҳақиқати таърихӣ асос ёфтааст, ки қабр холӣ буд ва Исои Масеҳ аз мурдагон бархест.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди дуздида шудани тани Исои Масеҳ вазифаи зеринро иҷро намо.

Китоби 1 Қӯринтиён 15:1–8-ро хон. Кадом се рӯйдодро Павлус муҳимтарин мешуморад?

ки .....

ки .....

ки .....

Чанд одам (ба ҳисоби кам), мувофиқи суханони Павлус Масеҳи эҳёшударо дидаанд?.....

Суханони Павлус оиди он, ки қисми зиёди бародарон аз ҷумлаи он панҷсад нафар (ояти 6) ҳанӯз зинда ҳастанд, чӣ маъно доранд?

.....

.....

.....

Агар ба ҳар яки он панҷсад нафар шоҳид ақаллан панҷ дақиқагӣ сухан медоданд, барои гӯш кардани ҳамаашон чилу ду соат лозим мешуд. Дар аксарият мурофиаҳои судӣ фақат ду ё се шоҳид ҳастанд, ки баёнот дода метавонанд.

Асотирҳо оиди масеҳият масеҳиён

18. Чизе ки барои рус хуб аст, барои олмонӣ марг буда метавонад

Асотир оиди он, ки дар ин дунё ҳама чиз нисбист

Ақидаи худро оиди он ки чӣ хуб аст ва чӣ бад, ба ман талқин накунед! — гуфт Дилбар. — Ман қариб ҳаждаҳсола шудам. Дигар маро насиҳат накунед. Агар шумо чизеро бад шуморед, ин маъно надорад, ки он барои ман низ бад аст. Бисёр вақт Дилбар ҳамин тавр бо волидайн баҳсу мунозира намуда, барои худ ақидаи шахсӣ бароварда буд, ки чӣ „хуб“ асту чӣ „бад“.

Ҳамин тавр ӯ қурбони дурӯғи шайтонӣ гашт, ки чунин садо медиҳад: „Дуруст ё нодуруст, хуб ё бад — ҳама нисбист... аз ҳама муҳимаш бояд фаҳмид, ки барои ту чӣ дуруст аст, ва шахсан барои худ қоидаи ахлоқӣ тартиб бояд дод“.

Албатта, Дилбар баринҳо бисёранд. Бисёриҳо гумон мекунанд, ки қонуни одоби шахсӣ тартиб дода, мустақилона муайян карда метавонанд, ки барои онҳо чӣ хуб ва чӣ бад аст ва ҳамин тавр ҳақиқати худро меёбанд.

Алан Блум дар китобаш „Маҳдудияти шуури америкоӣ“ гуфтааст, ки „ҳар профессор дар як чиз метавонад комилан дилпур бошад, ки қариб ҳар як донишҷӯ ҳангоми ба донишгоҳ дохил шуданаш фикр мекунад, ки ҳақиқат нисбист“.

Дар ҳақиқат ин асотир аст. Ахлоқ нисбӣ нест. Мафҳумҳои

„дуруст“ ва „нодуруст“ набояд муҳокима шаванд. К.С. Люис дар китобаш „Ҳамту масеҳият“ тасдиқ мекунад, ки:

> Ҳар дафъа вақте бо одаме вомехӯред, ки мафҳумҳои „дуруст“ ва „нодуруст“-ро писанд намекунам, мегӯяд, метавонед дилпур бошед, ки пас аз дақиқае ӯ шахсан ин суханашро рад мекунад. Вай дар гапаш намеистад, лекин агар шумо низ мисли ӯ карданӣ шавед, ҳамон лаҳза фарёд хоҳад кард, ки шумо беинсофона рафтор мекунед.
>
> Дар чунин ҳолат маълум мешавад, ки мо маҷбурем қабул намоем, ки мафҳумҳои „дуруст“ ва „нодуруст“ дар ҳақиқат ҷой доранд. Баъзан одамон онҳоро саҳв мекунанд, мисли он ки гоҳ-гоҳ дар ҳисоб китоб хато мешавад; лекин ба ҳар ҳол ин мафҳумҳо ба завқ ва нуқтаи назари касе вобаста нестанд, чуноне ки ҷадвали зарб вобаста нест.

Аҷоибии кор дар он аст, ки барои фарқ намудани хубӣ ва бадӣ таҳсилоти файласуфӣ доштан шарт нест. Фириста Павлус таълим додааст, ки ҳатто дар онҳое ки оиди Даҳ аҳком чизе нашунидаанд, „амали шариат дар дилашон навишта шудааст; виҷдон ва афкорашон низ, ки якдигарро гоҳе айбдор ва гоҳе сафед мекунанд, дар ин бобат гувоҳӣ медиҳанд“ (Румиён 2:15).

Боз чуноне ки Люис мегӯяд: „Ин Қонун ё Маҷмӯи қоидаҳоро оиди он ки чӣ хубу чӣ бад аст, пеш „қонуни табиат“ меномиданд... Чунки одамон фикр мекарданд, ки табиатан онро медонанд ва ба ҳеҷ кас инро ёд додан даркор нест“.

Ба ҳар ҳол одамоне ҳастанд, ки исрор менамоянд, ки чизе ба шумо „бад“ намояд, шарт нест, ки барои ман низ чунин бошад. Лекин онҳо ҳеҷ касро фиреб дода наметавонанд. Саъю кӯшиши онҳо, ки кирдори худро ба воситаи асотир оиди нисбӣ будани ҳама чиз сафед карданӣ ё фаҳмонданӣ мешаванд, тасдиқ мекунад, ки дар умқи ҷонашон онҳо ба ҳар ҳол фарқияти байни хуб ва бадро медонанд. Онҳо ба Пилотус монанд мешаванд, ки саволи машҳур додааст: „Ростӣ чист?“ (Юҳанно 18:38). Лекин бадии кор ин аст, ки худи ҳамон лаҳза Ростӣ Шахсан назди ӯ меистод! Дар Исои Масеҳ, ки Худро ҳамчун „роҳ ва ростӣ ва ҳаёт“ ошкор намуд, ҷавоб ба саволи Пилотус таҷассум ёфта буд, аммо ҳокими румӣ Ростии таҷассумёфтаро шинохта натавонист.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди нисбӣ будани ҳама чиз вазифаи зеринро иҷро намо.

Китоби Доварон 17:6-ро хон. Гуфтан мумкин аст, ки чунин асотир ҳамон замонҳо низ маълум буд, чунки „ҳар кас он чи ба назараш ..... меомад, мекард“.

Китоби Масалҳо 14:12-ро хон. Дар ин масал, ки дар боби 16:25 такрор мешавад, оиди роҳҳо, ки „ба назари кас рост менамоянд“, чӣ гуфта шудааст? Онҳо ба куҷо мебаранд? Ба фикри ту, ин масал чӣ маъно дорад?

Китоби Ишаъё 45:19-ро хон. Мувофиқи ин оят, кӣ ҳақ мегӯяд ва ростро баён мекунад?

Китоби Ҳушаъ 14:10-ро хон. Дар ду сатри охир кадом ду гурӯҳ одамон зикр мешаванд? Ту худатро ба кадом гурӯҳ нисбат медиҳӣ? Ту бо роҳҳои Худованд қадамгузор ҳастӣ ё дар онҳо меғалтӣ?

Инҷили Юҳанно 8:31–32-ро хон. Оё чунин метобад, ки Исои Масеҳ фикр мекунад, ки чизи умуман дуруст ё нодуруст вуҷуд надорад, ё суханони Ӯ дигар маъно доранд? Мувофиқи суханони Ӯ натиҷаи шинохтани ростӣ чӣ хоҳад буд?

19. Ҳама чиз дар муқоиса шинохта мешавад

Асотир оиди он, ки Худо ҳамаро ба як махраҷ меоварад

Ҳарчанд ман дар рӯи замин одами беҳтарин нестам, лекин ба ҳар ҳол мисли *вай* бад не-ку! Гӯш кунед ман дар бораи ин писар бисёр чизҳоро нақл карда метавонам. Мо ҳамсоя будем ва якҷоя кӯчагардӣ мекардем, бинобар ин ба ман бисёр чиз дар бораи вай маълум аст.

Вай ҳамеша густох ва ҳавобаланд буд. Ман бошам бисёр вақт хомӯш ва сархам будам.

Рӯзе ӯро ба милиса бурданд; ман бошам ҳамеша бо ҷону дил ба ҳукуматдорон ёрӣ медодам.

Вай якчанд маротиба дар ҳабсхона нишастааст, ман бошам ҳеҷ вақт қонуншиканӣ накардаам.

Рӯзе вай ба як одам дар ҳузури коҳин дарафтод!

Чуноне ки ман аллакай гуфтам, шояд, ман муқаддас ё чизе монанди ин набошам, лекин як чизро аниқ гуфта метавонам, ки Яҳудои Исқарют аз Шимъӯни Петрус хеле беҳтар аст!“

Албатта, мегӯед шумо, эҳтимоли қавӣ меравад, ки Яҳудо ҳеҷ гоҳ оиди худ чунин фикрҳоро баён накардааст. Лекин тамоми сухане ки ба ҷойи вай гуфта шуд, рост аст. Охири ин ҳикоя бошад ба ҳама маълум аст. Яҳудо Исои Масеҳро таслим намуд ва худро ба дор овехта, худкушӣ кард. Петрус бошад, агарчи Худовандро инкор кард, тавба намуд ва омурзида шуд. Ӯ яке аз барҷастатарин сарварони

калисо гардид. Бо вуҷуди ин суханоне ки мо ба даҳони Яҳудо гузоштем, хеле аниқ ҳиссиёти бисёр одамонро баён мекунанд.

„Шояд, ман як ду маротиба андак нӯшокии спиртӣ нӯшида бошам, — мегӯянд онҳо, — аммо мисли як шиносам маст нашудаам-ку“.

Ё: „Ҳа, ман комил нестам, лекин мисли вай ғайбат намекунам“.

Лекин бисёр вақт ин чунин садо медиҳад: „Бигзор ман муқаддас нестам. Лекин агар вай барин одамро муқаддас шуморанд, пас ман бешубҳа дар осмон хоҳам буд“.

Аммо дар айни ҳол ин хел нест.

Дар мактаб ба ҳама маъқул аст, вақте ки муаллим ба ҳама баҳои миёна мегузорад. Охир дар ин ҳолат ӯ ҳамаи холҳоро навишта, онҳоро ҷамъ мекунад, ва ба шумораи талабагон тақсим намуда, ҳисоби миёнаро муайян мекунад ва сипас новобаста ба он, ки холҳои ту аз ҳисоби миёна зиёд ё кам ҳастанд, баҳо мегузорад (албатта, ҳамеша ягон Эйнштейн ёфт мешавад, ки ба туфайли ӯ дараҷаи миёна аз дараҷаи миёнаи талабаи оддӣ баландтар мешавад). Аз ҳама хубаш дар ин система он аст, ки агар хониши касе аз ту бадтар бошад, бе ташвиши зиёд ту метавонӣ аз имтиҳон гузарӣ.

Баъзе одамон чунин таҷрибаро барои худ намуна қарор дода, дар асоси он оиди зиндагӣ, Худо ва росткорӣ фаҳмиши худро месозанд. Ҳарчанд дар ҳақиқат фикри он, ки Худо ҳамаро ба як махраҷ меоварад, асотир аст.

Ҳангоми хондани Китоби Муқаддас фаҳмо мешавад, ки Худо Фарангису Наргисро бо ҳам муқоиса намекунад, то ки ба чунин хулоса ояд: „Фарангис, ту мисли Наргис бад нестӣ, бинобар ин марҳамат, метавонӣ ба биҳишт дарой. Аммо туро, Наргис, дар ҳуҷраи рақами 3 интизор ҳастанд“.

Ин хел намешавад. Рӯзе Ниқӯдимус ном шахсе назди Исо омад. Ӯ фарисӣ, узви шӯрои пирони яҳудӣ, одами дар ҷамъият шинохта буд, ки ҳамеша ҳама корро дуруст мекард: дуруст сухан меронд, дуруст бовар мекард. Аммо Исои Масеҳ ба вай нагуфт: „Эй Ниқӯдимус, аз ҳама пештар ту ба осмон дохил мешавӣ!“ Ба ҷойи ин Ӯ ба вай чунин гуфт: „...Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад“ (Юҳанно 3:3).

Муҳим нест, ки шумо аз ягон одами бадкор беҳтар ҳастед. Муҳим нест, ки шумо назар ба фалонӣ камтар арақ менӯшед, ё назар ба касе бисёртар ба калисо меравед. Мувофиқи гуфтаҳои Исои Масеҳ, он чиз муҳим аст, ки шумо аз „олами боло“ таваллуд шавед.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки Худо ҳамаро ба як махраҷ меоварад, вазифаи зеринро иҷро намо.

Навиштаҳои зеринро хон. Ибораҳоеро, ки дар Китоби Муқаддас *нестанд,* хат зан:

А. Кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад.
Б. Ҳеҷ кас набояд манфиати худро ҷӯяд, балки бояд барои беҳбудии дигарон кӯшиш намояд.
В. Ман боинсофона дар ҷанг ғолиб омадам, роҳи ман ба охир расид ва ҳаётамро аз ҳамаи онҳое ки медонам хубтар гузарондам.
Г. Ҳамеша ба калисо рав, чунки фақат дар он ҷо ту наҷот хоҳӣ ёфт.
Д. Аз роҳе ки дӯстонат ба ту нишон доданд, набаро.
Е. Аз ҳама бештар қонунҳои маро нигоҳ доред ва Малакути Осмонро хоҳед дид.
Ж. Ба Худованд Исо бовар кунед, ва кӯшиш намоед, ки даҳяки шумо аз даҳяки ҳамсояатон зиёдтар бошад, он гоҳ шумо ва аҳли оилаатон наҷот хоҳед ёфт.
З. Лекин агар тавба накунед, ҳамаатон ҳамин тавр нобуд хоҳед шуд.

(*Ҷавобҳо:* Ҳамаашро ба ҷуз А (Юҳанно 3:3) ва З (Луқо 13:3) хат зан.)

20. Дар ҳозирғоибкунии осмонӣ ҳама хоҳанд буд

Асотир оиди нақоти умумӣ

Дар дарси мактаби якшанбегӣ ҳама аз суханони Зайнаби шонздаҳсола ҳайрон шуданд. Ӯ чунин гуфт: „Ба фикри ман, байни масеҳиён, мусулмонон ва бутпарастон фарқи калоне вуҷуд надорад. Ба ҳар ҳол асли ҳамаи динҳо як аст: ҳамаи мо дар биҳишт будан мехоҳем, фақат барои ба он ҷо расидан роҳҳои гуногун интихоб мекунем“.

Эҳтимол худи Зайнаб надонад, ки бисиёриҳо мисли вай фикр мекунанд. Шояд на ҳама ҷуръат мекунанд, ки баромада инро гӯянд, лекин онҳо тарафдори универсализм ҳастанд. Онҳо фикр мекунанд, ки пайравони бошуури ҳар дин ба ҳар ҳол дар биҳишт хоҳанд буд. Ҳатто „калисоҳои универсалӣ“ вуҷуд доранд, ки чунин ақидаҳоро мавъиза мекунанд. Бисёр касоне ки дар бовари масеҳиёна тарбия ёфтаанд, (масъалан мисли Зайнаб) бешуурона тарафдори ин ақида ҳастанд.

Ин асотир аст.

Ин ба таълимоти Китоби Муқаддас мувофиқ нест. Исои Масеҳ гуфт:

> Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он рох, ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд; Зеро танг аст он

дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт
мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд.
Маттo 7:13–14

Танҳо фикр кунед: Худо одам шуд, азоб кашид ва бо машаққат дар салиб ҷон дод, то ки одамон омурзиш пайдо намуда, дар осмон ҷовидона ҳаловат бурда тавонанд; акнун одамонеро тасаввур кунед, ки дар давоми асрҳои зиёд меҳри Ӯро қабул ё рад мекарданд; акнун бо чашми дилатон онҳоеро бинед, ки ба сабаби бовар ба қурбонии кафораткунандаи Исои Масеҳ зиндонӣ шуданд ва дар азобу шиканҷа мурданд. Оқибат охирзамонро тасаввур кунед, вақте ки ҳамаи одамон назди Худо меистанд, ва Ӯ аввал ба ҳамаи онҳое менигарад, ки қурбонии фидокоронаи Исои Масеҳро қабул кардаанд ва сипас ба тӯдаи онҳое ки Ӯро рад намуда буданд. Сипас тасаввур кунед, ки Худо китфҳояшро боло карда, чунин мегӯяд: „Э, тафтишот чӣ лозим? Ҳама дароед!“

Чунин нахоҳад шуд. Ва на барои он ки Худо касеро ҷовидона дар дӯзах дидан мехоҳад. Баръакс, дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо намехоҳад „...касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ оваранд“ (2Петрус 3:9).

Универсалистҳо чунин далелҳо меоваранд: „Ман намефаҳмам, ки чӣ гуна Худои меҳрубон касеро ба дӯзах фиристода метавонад“. Лекин Худо хоҳон нест, ки касеро ба дӯзах фиристад. Ӯ барои азобу уқубат кашидан омад, то ки ба онҳое ки ба Ӯ бовар мекунанд, ҳаёти ҷовидона бахшад. Ҳамааш баръакс, ин одамон метавонанд интихоб намоянд, ки ҷовидонро дар куҷо мегузаронанд. Дар Китоби Муқаддас аниқ гуфта шудааст, ки бисёриҳо меҳри Худоро якравона рад намуда, ҷовидонӣ дар дӯзахро интихоб хоҳанд кард.

Маҳз барои ҳамин масеҳӣ бояд фармудаи зерини Исои Масеҳро иҷро намояд: „...биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед“ (Матто 28:19), чунки рӯзе, мувофиқи Китоби Муқаддас, барои тавба имконият намешавад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди наҷоти умум вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Юҳанно 6:68-ро хон. Вақте пайравони зиёди Исои Масеҳ Ӯро тарк карданд, Ӯ ба Шимъӯни Петрус ва дигар шогирдон гуфт:

„Оё шумо ҳам мехоҳед Маро тарк кунед?“, Петрус чӣ ҷавоб дод? Саволи вай „Назди кӣ биравем?“ чӣ маъно дорад? Дар ин оят Петрус чанд роҳро ба сӯи ҳаёти ҷовидона номбар мекунад?

Инҷили Юҳанно 14:6-ро хон. Дар ин ҷо Худи Исои Масеҳ мегӯяд, ки чӣ гуна ба биҳишт даромадан мумкин аст. Дар ин оят Исои Масеҳ оиди чанд роҳ, ки ба сӯи Худо мебарад, сухан меронад? Ин суханон „магар ин ки ба василаи Ман“ чӣ маъно доранд?

Китоби Ваҳй 20:12–15-ро хон. Дар Китоби Муқаддас аниқ пешгӯй шудааст, ки рӯзи Доварӣ чӣ гуна хоҳад буд. Оё мувофиқи ин оятҳо ҳама ба биҳишт мераванд? Тақдири онҳое ки номашон (мувофиқи қарори шахсӣ, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт буданашон карданд) дар китоби ҳаёт ёфт намешавад, чӣ хоҳад буд?

Номаи 2Қӯринтиён 13:7-ро хон. Якчанд дақиқа ҷудо намуда, бо диққат ва дуо аз рӯи нишондоди ин оят ба саволҳои ин оят ҷавоб деҳ.

21. На он чи медонед, балки он ки мешиносед, муҳим аст

Асотир оиди он, ки масеҳият мафкура (идеология) аст

Баъд аз таътили тобистона ду донишҷӯи донишкадаи машҳур Зафар ва Баҳодур оиди муаллимони дӯстдоштаашон сӯҳбат мекарданд.

„Медонӣ, курси забоншиносиро ба мо боз Ҷӯраев мехонад! — шикоят мекард Зафар. — Вай миллатпараст аст! Фақат ҳамин хурсандибахш аст, ки аз таърих Ҳамроева дарс медиҳад“.

„Ҳа-а-а. Ба мо боз Масеҳ дарс медиҳад“, — гуфт Баҳодур.

„Оҳо? Аз кадом фан?“

„Аз ҳама“.

„Аз ҳама?“

„Ҳа“.

„Вазифаи хонагӣ бисёр месупорад?“

„Не“.

„Шумо дарсҳояшро бояд аз ёд кунед?“ — пурсид Зафар.

„Не, не“, — ҷавоб дод Баҳодур.

„Набошад, ин мард ба шумо чӣ мефармояд?“

„Мехоҳад, ки Ӯро бештар шиносем. Ӯ мехоҳад, ки бо Ӯ шинос шавем, донем, ки Ӯ чӣ гуна аст ва бо Ӯ муносибати қавӣ дуруст намоем“.

Чунин муаллимро ба худ тасаввур кардан мушкил аст, магар не? Лекин Ӯ вуҷуд дорад.

Одамони зиёд чунин ақида доранд, ки масеҳият ба монанди қариб ҳама динҳои ҷаҳонӣ асосан тартиби ақидаҳои динӣ, маҷмӯи қоидаҳои рафтор, фалсафа ва мафкура аст.

Аммо ин асотир аст.

Масеҳият ба ҳеҷ вақҳ монанди буддоия, ё дини ислом, ё таълимоти Конфутсий нест. Асосгузорони динҳои зикршуда аслан чунин мегуфтанд: „Ман оиди ин ва он таълим медиҳам. Ба таълимоти ман бовар кунед. Фалсафаи маро пайравӣ намоед“. Исои Масеҳ бошад гуфт: „Аз пайи Ман биё“ (Матто 9:9).

Сарварони динҳои ҷаҳонӣ савол медоданд: „Оиди таълимоти ман чӣ фикр доред?“ Исои Масеҳ гуфт: „Шумо Маро кӣ мегӯед?“ (Луқ. 9:20).

Аксарияти пайравони ҳар гуна динҳо бояд ба худ чунин савол диҳанд: „Ман тарафдори кадом мафкура ҳастам?“ Масеҳии эҳтимолӣ бояд аз худ пурсад: „Пас Исоро, ки Масеҳ меноманд, чӣ кунам?“ (Матто 27:22).

Масеҳият дин нест. Ин муносибати дутарафа аст.

Масеҳият тартиби ақидаҳои динӣ, маҷмӯи қоидаҳои рафтор нест. Ин ҷо аз ҳама муҳим — Шахс аст.

Маҳз барои ҳамин мурофиаи (суди) Исои Масеҳ беҳамто буд. Охир дар аксари муҳокимаҳои судӣ дар асоси ягон кирдоре ки айбдоршаванда кардааст, ҳукм мекунанд. Лекин Исои Масеҳро барои *кӣ буданаш* ҳукм карданд.

Марқӯс ҳангоми тасвири муҳокимаи Исои Масеҳ назди шӯрои пирон зикр мекунад, ки дар муҳокима гувоҳони бардурӯғ иштирок мекарданд, лекин тасдиқҳои онҳо ихтилофнок ва бедалел буданд. Сипас Марқӯс менависад: „...саркоҳин аз Ӯ [Исои Масеҳ] пурсида, гуфт: „Оё Ту Масеҳ Писари Худои Муборак ҳастӣ?“

Он гоҳ Исои Масеҳ ба калимаи „Муборак“, ки барои яҳудиён рост ба Худо ишора мекунад, ҷавоб дода, гуфт: „Ман ҳастам“.

Сипас саркоҳин ҳукми шӯрои пиронро интизор нашуда, ҷомаи худро дарронд ва бо ин гуфт, ки Исои Масеҳ куфр мегӯяд ва Худро Худо эълон менамояд.

Ҳамин тавр дар муҳокима масъалаи шахсияти Исои Масеҳ мухолифат ба миён овард. Ӯ кист? Маҳз ҳамин чиз аломати фарқкунонандаи масеҳият аст. Ин мафкура нест; масеҳият дар шахсияти Исои Масеҳ асос ёфтааст ва муносибати дутарафаро бо Ӯ талаб мекунад.

Дурустии бовари масеҳиёна бо он тасдиқ мешавад, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост. Ин сабаби дар байни Исои Масеҳ ва фарисиён пайдо шудани норозигӣ буд. Фарисиён гумон мекарданд, ки аз ҳама бештар бояд бо ҷидду ҷаҳд Шариатро риоя намуд. Исои Масеҳ бошад дар асл чунин гуфтааст: „Не, ин тавр нест. Итоат ба Шариат бояд ифодаи муносибати шахсӣ бо Ман бошад. Таълимоти маро пайравӣ намудан шуморо масеҳӣ намесозад. Ин танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки бо Ман дар асоси муҳаббат муносибати шахсӣ дошта бошед“.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки масеҳият мафкура аст, вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Матто 26:63–65-ро хон. Саркоҳин аз Исои Масеҳ пурсид, ки Ӯ чӣ кор кард ё Ӯ кист? Исои Масеҳ чӣ ҷавоб дод? Саркоҳин ба ин чӣ гуна ҷавоб дод?

Инҷили Маркӯс 15:37–39-ро хон. Мирисад шоҳиди дар салиб мурдани Исои Масеҳ шуда, чӣ гуфт? Суханони вай оиди таълимоти Исои Масеҳ буданд ё дар бораи Худи Ӯ?

Инҷили Матто 27:41–43-ро хон. Мувофиқи суханони шахсоне ки Исои Масеҳро масхара мекарданд, Ӯ дар бораи *Худ* чӣ гуфта буд?

22. Даромадани одамони баландмаърифат манъ аст

Асотир оиди он, ки одами донишманд масеҳӣ буда наметавонад.

Собир дар кӯча ба фикр фурӯ рафта, оҳиста-оҳиста қадам мезад. Вай ба калисо мерафт. Ӯ қарор дода буд, ки муддати зиёд аз Худо мегурехт ва акнун бояд ба ин хотима бахшад.

„Ин хел дер давом ёфта наметавонад“, — фикр мекард ӯ. — Ман дигар ҳисси айбро, ки гунаҳкор ҳастам ва дар зиндагиям чизе намерасад, таҳаммул карда наметавонам.

Ҳамин тавр ӯ лаб-лаби дарё сӯи бинои калисо мерафт.

„Бинои зебо, — ба худ гуфт ӯ. — Ба он биноҳои осмонхарош, ки аз шиша месозанду месозанд, монанд не“.

Баъд аз чанде ӯ ба калисо расид. Назди дари калони чӯбини он каме истода, кӯшиш намуд, ки ором шавад. Оқибат оҳи вазнине кашида, аз зинапояҳо боло баромада дарун даромад. Сипас назди дари даромад каме истод, то ки чашмонаш баъди офтоб ба рӯшноии пасти толори калисо одат кунанд.

„Мехоҳед дароед?“

Аз шунидани овоз Собир як қад парид. Ӯ ҳанӯз аз ҳузури зан пай набурда буд ва ба сӯи баромадани овоз нигоҳ кард. Дар назди ӯ зани қадпасту хамидақомати мӯйсафед меистод.

„Шумо даромадан мехоҳед?“, — дубора пурсид вай.

„Ҳа, ҳа, — ҷавоб дод Собир, — мехоҳам“.

„Ин тавр бошад ақлатонро ин ҷо диҳед“.

Собир гумон кард, ки нодуруст мефаҳмад. Лекин зан суханонашро такрор намуд ва ин дафъа онон бисёр равшан садо доданд.

„Марҳамат, ақлатонро супоред“.

„Ақламро?“

„Ҳа. Охир шумо ба калисо даромадан мехоҳед, ҳамин тавр не?“

„Ҳа“, — гуфт Собир.

„Шумо қарор додед, ки пайрави Масеҳ мешавед? Масеҳӣ мешавед?“

„Ҳа“, — гуфт ӯ.

„Хуб, ин тавр бошад шумо бояд ақлатонро ба ман супурда равед. Ақл ба шумо дигар лозим намешавад. Мо ба он лавҳачае бо номи шумо овезон мекунем. Ин ҷо барои он бехатар хоҳад буд. Натарсед, ҳамеша ин тавр карда мешавад. Агар шумо масеҳӣ шуданӣ бошед, пас бояд аз ақл даст кашед“.

Албатта ҳамаи ин ҳикоя дар бораи Собир гапи бофта аст. Лекин он ба мо ёрӣ медиҳад, ки фикри маъмулии бисёр касонро оиди маънои масеҳӣ шудан тасвир намоем. Онҳо гумон мекунанд, ки барои масеҳӣ шудан бояд ақлро рад кунанд, яъне бояд аз баҳри ақли худ гузаранд ва дигар оқилона фикр накунанд.

Ин асотир аст.

Дар таърихи башарият бисёр мутафаккирони бузург аз ҷумлаи масеҳиён буданд. Чунончи фиристаи Павлус, Августин, Мартин Лютер, Ҷон Калвин, Ҷон Бунян, Дитрих Бонҳоффер, Френсис Шеффер.

Масеҳӣ шудан маънои бо ақли худ ҳамеша дар зиддият буданро надорад, балки баръакс, маънои онро хубтар ва мукаммал карданро дорад. Вақте одам масеҳӣ мешавад, пеш аз ҳама мебинад, ки чӣ тавр дунёи гирду атроф, ки силсилаи қисмҳои ачиби аз ҳам ҷудо менамуд, ба як пуррагии ба ҳам мувофиқ мубаддал мешавад.

К.С. Люис дар тарҷумаи ҳоли худ нақл мекунад, ки чӣ тавр ӯ дар айёми ҷавонӣ аз Инҷил канора меҷуст ва ба он сахт муқобилат мекард, чунки масеҳиятро системаи бемантиқ меҳисобид. Аммо ин монеа аз байн рафт, ва ӯ „аз хурсандӣ ба ҳайрат афтод“. Ӯ пай бурд, ки пас аз имон овардан тасаввуроташ илҳом ёфта, қувваи эҷодӣ пайдо кардааст. Ӯ ба туфайли асарҳои адабии худ машҳур шуд. Аз ҷумла, „Номаҳои Иғвогар“ ва китоби писандидаи ҳама „Воқеаномаи Нарния“, ки аз шаш қисм иборат аст.

Лю Уоллес қарор дод, ки ақли барҷаста ва қобилияти эҷодии худро истифода бурда, беэътимод будани масеҳиятро исбот мекунад, лекин қувваи Хушхабар муаллифро, ки асари „Бен Гур“-ро навиштааст, масеҳӣ гардонид.

Ҳуқуқшиноси инглис Френк Морисон мехост китобе нависад, ки дар он ҳақиқати растохези Исои Масеҳ рад карда мешавад. Ӯ фидокорона ҷидду ҷаҳд намуда, тадқиқоти ҷиддӣ гузаронид ва далелҳои таърихӣ ҷамъ овард, то ки ба мақсадаш расад. Хулоса ақл ва меҳнати ӯ ба натиҷаи ногузир расонданд, ки Исои Масеҳ аз мурдагон зинда шудааст! Ҳамин тавр Френк масеҳӣ шуд.

Инҷил талаб намекунад, ки шумо аз қобилиятҳои ақлии худ даст кашед. Баръакс, он талаб мекунад, ки шумо ақлатонро то ҳадди имкон пурратар истифода баред, то даме ки монанди фиристa Павлус чунин гуфта тавонед: „Зеро ки башорати Масеҳро ба худ ор намедонам, чунки он қуввати Худост барои наҷоти ҳар як имондор“ (Румиён 1:16).

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки одами боақл масеҳӣ буда наметавонад, вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Юҳанно 8:32; 1Петрус 3:15; ва Аъмол 17:2–4-ро хон.

Инчунин Аъмол 17:16–34-ро хон. Дар ин оятҳо оиди дар Атино будани Павлус нақл карда мешавад. Дар Атино Павлус бо файласуфони эпикурӣ, истоӣ ва хирадмандони Арюпогус вомехӯрад. Ба ояти 23 аҳамият диҳед. Оё Павлус аз атиноиҳо хоҳиш мекунад, ки аз фикрҳои боақлонаашон даст кашанд? Оё ӯ пешкаш мекунад, ки дониши худро бо чи дар таълимоташон намерасад, пурратар намоянд? Дар байни руҳӯъкардагони Атино узви Арюпогус, (ояти 34) хирадманди бузург буд. Ӯ кист?

23. Анвар ва профессор

Асотир оиди имони кӯр-кӯрона

Яъне шумо масеҳӣ ҳастед? — худписандона гуфт профессор.

Анвар, донишҷӯи курси якуми коллеҷ, оби даҳонашро чунон баланд фурӯ бурд, ки ба назараш тамоми ҳозирон инро шуниданд.

„Пас ба ман гӯед, — давом медод профессор, — оё бо боварии том исбот карда метавонед, ки Исои Масеҳ аз мурдагон зинда шуд?“

Анвар кӯшид, ки гулӯ афшонад, аммо ба ҳар ҳол ҷавоби вай мисли чирроси муш садо дод: „М-м, не“.

„Ана дидед? — гуфт профессор. — Бовари кӯр-кӯрона. Ҷоҳилона, беақлона, бе мантиқ“. Ӯ ба тахтаи синф рӯй оварда, Анвари таҳқирдида бошад то вақти танаффус суп-сурх шуда менишаст, вай рӯҳафтода буд.

Агар ман ҳангоми ҷавониям дар ҷойи ин ҷавон мебудам, бо профессор сад дар сад розӣ мешудам. Он вақт ман фикр мекардам, ки масеҳият бовари кӯр-кӯрона аст, ва қарор додам, ки масеҳиятро омӯхта, беэътимод будани онро исбот менамоям. Лекин ҳарчанд бисёртар масеҳиятро аз нуқтаи назари таърих ва Навиштаҷот тадқиқ мекардам, ҳамон қадар зиёдтар мефаҳмидам, ки ин имони оқилона ва бомантиқ аст.

Исои Масеҳ ба пайравони худ чунин мегуфт: „Ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард“ (Юҳанно 8:32). Ӯ нагуфт: „Шумо бояд ростиро рад намоед“. Ӯ нагуфт: „Дар бораи ростӣ ҳатто ташвиш накашед“. Ӯ нагуфт: „Шумо бояд бар хилофи ростӣ бовар кунед“. Ӯ гуфт: „Ва *ростиро хоҳед шинохт*, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард“. Исои Масеҳ талаб намекунад, ки мо Ӯро ҳамчун Худованд ва Наҷоткори худ қабул намуда, худкушии ақлӣ кунем. Ӯ намехоҳад, ки мо бе фикр ба Ӯ бовар кунем. Бовари масеҳиёна бояд

дар фактҳо асос ёбад.

Профессоре ки нисбати имони Анвар майдонталабӣ намудааст, гумон мекардааст, ки агар шумо чизеро аниқ, сад дар сад исбот карда натавонед, пас дар он на фоида ҳасту на ҳақиқат. Инчунин ӯ фикр мекардааст, ки масеҳият бовари кӯр-кӯрона аст, чунки растохез ва Худо будани Исои Масеҳро сад дар сад исбот карда намешавад.

Ин асотир аст.

Мо дар дунёе зиндагонӣ мекунем, ки дар он чизеро пешбинӣ кардан бисёр мушкил аст. Ин маънои онро дорад, ки чизеро аниқ, сад дар сад исбот намудан амалан номумкин аст, ба ҷуз дар соҳаи математика.

Истеҳсолкунандагони автомашинаҳо аниқ, сад дар сад исбот карда наметавонанд, ки моделҳои нави онҳо хатарнок нестанд. Лекин он факт, ки мошинҳо аз озмоишҳои зиёд мегузаранд, комилан боварибахш аст.

Вакилони маҳкамаи суд аниқ, сад дар сад тасдиқ карда наметавонанд, ки айбдоршаванда ҷиноят содир кардааст. Ҳатто агар вай софдилона эътироф карда бошад, ҳам ҳамеша ҳолатҳои ғайричашмдошт ҷой доранд. Масалан, вай метавонад дурӯғ гӯяд, то ки касеро ҳимоя намояд, ё эътироф кардани вай маҷбурӣ бошад. Лекин вакилони маҳкамаи суд барои баровардани ҳукме ки „бешубҳа“ ҳисобида мешавад, *фактҳоро* месанҷанд.

Айнан ҳамин тавр на растохези Исои Масеҳ ва на Худо будани Ӯро аниқ, сад дар сад, исбот кардан имкон надорад. Аммо ин маънои онро надорад, ки бовари масеҳиёна кӯр-кӯрона аст. Масеҳият дорои фактҳои зиёд мебошад. Онҳо исботи бевосита нестанд, чунки он гоҳ онҳо боварии комил медоданд. Аммо онҳо бисёранд.

Фириста Юҳанно дар Инҷил навиштааст: „Боз бисёр мӯъҷизоти дигаре Исо дар назди шогирдонаш нишон дод, ки дар ин китоб навишта нашуд“ (Юҳанно 20:30). Ин суханони ӯ чӣ маъно доранд? Ӯ гуфтан мехоҳад, ки Исои Масеҳ ба ҷуз мӯъҷизаҳое ки дар Китоби Муқаддас навишта шудаанд, мӯъҷизаҳои зиёде нишон додааст, ки Худо будани Ӯро тасдиқ мекунанд. Далеле ки Юҳанно овардааст, исботи бевосита нест. „Аммо ин қадараш, — давом медиҳад ӯ, — навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост; ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбед“ (Юҳанно 20:31). Дар ин оятҳо (30 ва 31) Юҳанно аслан мегӯяд, ки шаҳодатҳо исботи бевосита нестанд, лекин онҳо басанда мебошанд.

Блез Паскал, математики фаронсавӣ, файласуф ва олим, гуфтааст, ки масеҳият ба қадри кифоя фактҳо ва шаҳодатҳо дорад, то ки ҳар

одамро бовар кунонад, фақат агар худи одам ба он зид набошад.

Ба ҳамоне ки худаш назди Худо омадан намехоҳад, ҳама далелҳо басанда нестанд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди кӯр-кӯрона будани бовар вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Юҳанно 20:30–31-ро хон. Барои чӣ Юҳанно шаҳодати онро, ки Исо „Масеҳ ва Писари Худост“, навиштааст? Чӣ тавр „ба исми Ӯ ҳаёт“ метавон ёфт? Бо бовар ба чӣ (ё ба кӣ)?

Инҷили Луқо 1:1–4-ро хон. Луқо чӣ гуна калимаҳоро интихоб намуд, то тасвир намояд, ки чӣ тавр ӯ Инҷилро навишт (ояти 3)? Аҳамият диҳед, ки Луқо Инҷили худро ба Теофилус ном шахсе менависад. Луқо ҳаёти Исои Масеҳ ва таълимоти Ӯро „пай дар ҳам“ навишта, чиро мунтазир аст?

Оё „бо диққат тадқиқ“ намудани ин шаҳодат мақсади ту шудааст, „то ки ту боэътимодии таълимотеро, ки дар он тарбия ёфтай, бидонӣ“?

24. Абраҳам Линколн ва имтиҳон аз таърих

Асотир оиди зарурати исботи илмӣ

Як дақиқа, ҷаноб“.

Ман дар донишгоҳи машҳури Амрико хондани лексияро тамом карда, аз донишҷӯён пурсидам, ки оё оиди лексияи шунидаашон савол доранд. Ҳамин вақт аз қаторҳои охирини аудитория овоз шунида шуд.

„Ман аспирант ҳастам ва бо кори илмӣ машғулам, — гуфт ҷавонмарде, — бинобар ин ба чизе ки аз ҷиҳати илмӣ исбот нашудааст, бовар карда наметавонам. Оё шумо факти растохези Масеҳро ба таври илмӣ исбот карда метавонед?“

„Не“, — ҷавоб додам ман.

Аспирант бо намуди мағрурона писханд кард.

„Албатта, — давом додам ман, — охир шумо ҳатто ҳақ будани фикри худатонро ба таври илмӣ исбот карда наметавонед“.

Исботи илмӣ аз рӯи дар вазъияти назоратшаванда чандин бор такрор шудани ҳамон як амал сохта мешавад, вақте ки амалро мушоҳида намуда, нишондодҳоро ба қайд мегиранд ва дар ин асос ба хулосае меоянд. Исботи илмӣ — натиҷаи таҷрибагузаронӣ ва мушоҳида намудан аст.

Масалан таҷрибаи илмӣ чӣ гуна сохта шуда метавонад. Мард ва зани сафедпӯш ба лабаратория медароянд: зан дар даст коғазу қалам дорад, мард лӯндаи хурди сафед ва сахт. Мард чизи сафеди сахтро ба зарфи шишагини пур аз оби муқаррарӣ меғӯтонад. Он чиз зуд ба рӯи об мебарояд. Зан дар коғаз инро қайд мекунад.

Мард боз онро чуқуртар меғӯтонад. Он боз рӯи об мебарояд. Зан

боз қайд мекунад.

Мард онро то таги зарф меғӯтонад. Он рӯи об мебарояд. Зан менависад.

Мард меғӯтонад, он рӯи об мешавад, зан қайд мекунад.

Ҳангоми якчанд маротиба дар ҳолати назоратшаванда такрор шудани таҷриба олимон мушоҳида намуда, натиҷаҳоро ба қайд гирифтанд ва дар ин асос ба хулоса омаданд, ки собуни аз устухони фил сохташуда дар об намеғӯтад. Инро ба таври илмӣ исботшуда ҳисобидан мумкин аст.

Мутаассифона, бисёр одамон гумон мекунад, ки агар шумо чизеро ба таври илмӣ исбот карда натавонед, он дурӯғ ё шубҳаовар аст.

Аммо ин асотир аст.

Методи илмӣ — ягона роҳи исбот намудан нест. Агар ҳамин тавр мебуд, он гоҳ шумо исбот карда наметавонистед, ки Абраҳам Линколн як замоне президенти ИМА буд, чунки ин воқеа дигар такрор намешавад. Он дар гузашта буд.

Айнан ҳамин тавр шумо тасдиқ карда наметавонед, ки рӯзи ҷумъаи гузашта, соати 10-и пагоҳӣ, шумо аз фанни таърих имтиҳони душворе доштед. Шумо инро дар вазъияти назоратшаванда якчанд бор такрор карда наметавонед, то ки мушоҳида намуда, натиҷаҳоро ба қайд гиред. Ин як маротиба рӯй дод. Ин таърих шуд.

Лекин агар факти вуҷуд доштани Абраҳам Линколнро ё рӯзи ҷумъаи гузашта имтиҳон доштани шуморо ба таври илмӣ исбот кардан номумкин бошад, ин маънои онро надорад, ки ин воқеаҳо ҷой надоштанд. Он фактро, ки онҳо дар гузашта ҷой доштанд, исбот кардан *мумкин* аст. Ва роҳе ки ба василаи он воқеӣ будани ононро тасдиқ кардан мумкин аст „методи юридикии муайян намудани фактҳои таърихӣ“ номида мешавад, ё, беҳтар гӯем, „методи шаҳодати гувоҳон“.

Он фактро, ки воқеа дар ҳақиқат рӯй дод, бо методи шаҳодати гувоҳон тасдиқ кардан мумкин аст. Се намуди далелҳоро бояд дида баромад: шаҳодати даҳонакӣ, шаҳодати хаттӣ ва далелҳои шайъӣ. Чунин далелҳо ҳар рӯз дар судҳои тамоми ҷаҳон изҳор карда мешаванд, ва ин ягона намуди исбот аст, ки бо воситаи он воқеӣ будани ҳар рӯйдоди таърихиро исбот кардан мумкин аст.

Масалан чӣ гуна исбот кардан мумкин аст (бо методи шаҳодати гувоҳон), ки дар ҳақиқат Абраҳам Линколн ном президенти америкоӣ вуҷуд дошт? Агар шоҳидони роҳбарӣ кардани ӯро ёфтан мумкин мебуд, он гоҳ аз онҳое ки ӯро медонистанд ва суханҳои ӯро шунидаанд, мепурсидед, — ин шаҳодати даҳонакӣ мешуд. Шумо

нусхаҳои номаҳоеро, ки ӯ навиштааст, мақаллаҳоеро, ки оиди кушта шудани ӯ мақола доранд ва китобҳоеро, ки дар бораи ӯ навишта шудаанд, ҷамъ мекардед, — ин шаҳодати хаттӣ мешуд. Дар охир шумо далелҳои шайъӣ — соати кисагии ӯ, сурати ӯ ва зодгоҳаш ва ҳатто шакардони ӯро меовардед.

Чӣ гуна исбот кардан мумкин аст, ки шумо дар ҳақиқат рӯзи ҷумъаи гузашта аз фанни таърих имтиҳон доштед. Бо методи шаҳодати гувоҳон: муаллими шумо метавонист гувоҳӣ диҳад, шумо метавонед кори имтиҳониатонро нишон диҳед, ки дар он таърихи рӯз ва баҳо (албатта, агар онро аз волидайн пинҳон кардан даркор набошад) гузошта шудааст, оқибат шумо метавонед суратеро, ки суратгири мактаб ҳангоми имтиҳон гирифта буд, дастрас намоед ва ғайра.

Методи илмӣ маҳдуд аст. Бо он ҳақиқати рӯйдодҳои гузаштаро исбот намудан номумкин аст. Исбот карда намешавад, ки Наполеон дар Ватерлоо шикаст хӯрд; дар асри XVII, дар Лондон тоуни хиёрак 150 000 одамонро нобуд кард; Исои Масеҳ аз мурдагон барҳост — чунки ин ҳодисаҳоро дар вазъияти назоратшаванда такрор кардан намешавад, то ки онҳоро мушоҳида намуда, далелҳо пайдо кунему дар асоси онҳо хулоса бароварем.

Бо вуҷуди ин воқеӣ будани рӯйдоди таърихиро бо методи шаҳодати гувоҳон тасдиқ кардан мукин аст. Шумо шаҳодатҳои даҳонӣ, хаттӣ ва далелҳои шайъӣ пешниҳод мекунед, ки ҳақиқати рӯйдодро бешубҳа муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, фикри он, ки растохези Исои Масеҳ дурӯғ ё шубҳаовар аст, чунки ба таври илмӣ тасдиқ кардани он номумкин мебошад, — асотир аст. Зиндагӣ ва хизмати Исои Масеҳ, мӯъҷизаҳои Ӯ, ва растохези Ӯ фактҳои исботшаванда ҳастанд, — ва бо методи шаҳодати гувоҳон исбот шудаанд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди зарурати исботи илмӣ вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Юҳанно 20:1–9-ро хон. Дар ин оятҳо кадом далелҳои шайъӣ номбар шудаанд, ки растохези Исои Масеҳро исбот мекунанд.

Инҷили Юҳанно 20:10–29-ро хон. Дар ин оятҳо Юҳанно чанд шоҳидонро номбар мекунад, ки нисбати растохези Исои Масеҳ гуногун эътино намуданд.

Инҷили Юҳанно 20:30–31-ро хон. Кадом намуди шаҳодат дар ин оятҳо зикр шудааст.

Дар охир 1 Қӯринтиён 15:3–8-ро хон. Дар ин оятҳо чанд шоҳиди растохез номбар шудааст.

Оё ту услуби шаҳодати гувоҳонро, ки омӯхтӣ, ба инобат гирифта, оиди растохези Исои Масеҳ далелҳои дигар оварда метавонӣ?

25. Помидорҳои дампухт ва пойафзоли варзишӣ

Асотир оиди шуста шудани майна

Одамони бисёр фикр мекунанд, ки ба масеҳият рӯй овардан — натиҷаи таъсири махсуси психологист, ба монанди „шустани майна“, вақте ки одамро бо воситаи суханони боварибахш ва „асотирҳо“-и масеҳиёна, ки пуртаъсир нақл карда мешаванд, розӣ мекунонанд. Онҳо гумон мекунанд, ки масеҳиён бо хаёлҳои хом умр ба сар мебаранд. Дигар хел карда гӯем, бо бозиҳои ақлии хуб тайёр кардашуда, ки дар рафтор баъзе дигаргуниҳо ба миён меоваранд, худро ва дигаронро фиреб медиҳанд.

Ин асотир аст.

Ҳангоми як баҳс, ки дар дарси таърих шуд, ман нақл кардам, ки чӣ тавр худи ман ба Исои Масеҳ бовар кардам. Вақте ки нақлам ба охир мерасид, муаллим гуфт:

„Гӯш кунед, Макдауэлл, ба мо фактҳо муҳиманд, на шаҳодатҳо. Ман бе шумо ҳам бисёр одамонро дидаам, ки баъди масеҳӣ шуданашон ҳаёташон дигаргун шудааст“.

„Раҳмат, — гуфтам ман. — Иҷозат диҳед, ки ман кӯтоҳ ба нақли худ хотима бахшам, сипас ба сухани шумо ҷавоб хоҳам дод“.

Пас аз якчанд дақиқа ман ба эроди муаллим баргаштам.

Бисёриҳо ҳамон як саволи риторикӣ медиҳанд: „Хайр, чӣ шудааст, ки Масеҳ ҳаёти шуморо дигаргун кардааст?“ Ман ба ин савол ҷавоб додан мехоҳам.

Барои ман ҳақиқати ду ҳазор сол пеш аз мурдагон зинда шудани Исои Масеҳро он факт исбот мекунад, ки ҳаёти миллионҳо одамон

тамоман дигаргун мешавад, вақте ки онҳо бовар пайдо намуда, бо Исои Масеҳ муносибати шахсӣ месозанд. Ва агарчи ин одамон аз табақаҳои гуногуни ҷамъият ва намояндагони миллатҳои гуногун ҳастанд, зиндагии онҳо ба таври тааҷҷубовар як хел дигаргун мешавад. Вақте ки одам ба Исои Масеҳ бовар мекунад, новобаста ба он ки вай профессори боистеъдод аст ё ҷоҳилтарин одами ёбоӣ, — ҳаёти вай дигаргун мешавад.

Баъзеҳо мегӯянд, ки ман танҳо воқеиятро бо орзуҳои худ омехта мекунам, ё ин ҳеҷ чизро исбот намекунад гуфта, бо ман ҳамту розӣ мешаванд. Аммо барои шахси масеҳӣ тағрибаи шахсии ӯ асоси мустаҳкам дорад, ки он ҳақиқати воқеист. Ин ҳақиқати воқеӣ — шахсияти Исои Масеҳ ва растохези Ӯст".

„Масалан, — гуфтам ман, ба синф муроҷиат намуда, — фарз кунем, ки донишҷӯе ба ин синф даромада мегӯяд: „Рафиқон, дар кроссовкаи рости ман помидори дампухта ҳаст. Ин помидор ҳаёти маро дигаргун кард. Он ба ман осоиш, муҳаббат ва хурсандие дод, ки пеш ман ҳеҷ гоҳ надоштам. Илова бар ин, акнун ман садметраро дар даҳ сония медавам".

Ба синф табассум кардам.

„Агар ҳаёти ин донишҷӯ гуфтаҳояшро тасдиқ кунад, бо ӯ баҳс кардан душвор мешавад. Хусусан вақте ки вай дар пайраҳаи пойга гирд-гирди шумо давр пайи давр метозад. Шаҳодати шахсӣ бисёр вақт барои исботи воқеӣ будани ягон чиз далели субъективӣ мешавад. Бинобар ин *тағрибаи шахсиро ҳамчун як чизи бечун рад набояд кард.*

Бо вуҷуди ин, ду меъёр ҳаст, ки аз рӯи онҳо дар бораи боэътимод будани тағрибаи шахсӣ муҳокима кардан мумкин аст. Якум, кадом ҳақиқати воқеӣ паси тағрибаи шахсии муайян меистад? Дуюм, боз чанд одам чунин тағрибаи шахсӣ доштанд?

Акнун, агар мо ин ду меъёрро нисбати ҳикояи помидори дампухт дар кроссовка ба кор барем, чӣ мешавад? Ба саволи якум донишҷӯ шояд чунин ҷавоб медод: „Таассуроти шахсии ман бо он алоқаманд аст, ки дар кроссовкаи рости ман помидори дампухт мехобад".

Сипас саволи дуюм бармеояд: „Чанд одам дар ин синф, дар ин донишгоҳ, дар ин кишвар, дар ин минтақа ва ғайра ҳамон меҳр, осоиш ва шодиро ҳис намуданд ва зуд медавидагӣ шуданд, вақте ки ба кроссовкаи росташон помидори дампухт гузоштанд?"

Вақте ки ман ин саволро додам, дар синф хандае шунида шуд. Ҷавоб ба саволи дуюм маълум аст: „Чунин одамон дигар нестанд!"

Лекин биёед ин ду меъёрро нисбати он чиз, ки масеҳиён ҳис мекунанд, ба кор бурда бубинем.

1. Дар паси таҷрибаи шахсии ман, яъне факти дигаргун шудани ҳаёти ман, кадом ҳақиқати воқеӣ меистад?

Ҷавоб: Шахсияти Исои Масеҳ ва растохези Ӯ.

2. Боз чанд одам чунин таҷрибаи шахсӣ доштанд, ки бо ин ҳақиқати воқеӣ, яъне вуҷуд доштани Исои Масеҳ, алоқаманд бошад?

Ҷавоб: ҳаёти миллионҳо одамон, ки нажод, миллат ва ихтисоси гуногун доранд, ба сатҳи нав баромадааст. Баъди ба Исои Масеҳ рӯй оварданашон дар зиндагии онҳо осоиш, меҳр ва хурсандӣ пайдо шудааст.

Рӯй овардани масеҳиёна — оқибати „шустани майна“ нест. Субъективӣ бошад ҳам, таҷрибаи масеҳиёна дар ҳақиқати воқеӣ асос меёбад, ва бисёр маротиба одамони гуногун дар зиндагии худ онро ба таври тааҷҷубовар аз сар гузарондаанд. Бинед, фиристаи Павлус оиди ин таассурот, ки дорои қувваи бузург аст, дар номаи худ ба қӯринтиён чӣ менависад:

> ...Фирефта нашавед: на зинокорон, на бутпарастон, на фосиқон, на бачабозон, на ливотагарон, на дуздон, на ҳаромризқон, на бадмастон, на бадзабонон, на ғоратгарон вориси Малакути Худо намешаванд. *Ва баъзе аз шумо чунин будед*; аммо пок шудед, аммо қудсият пайдо кардед, аммо сафед шудед ба исми Худованди мо Исои Масеҳ ва ба Рӯҳи Худои мо.
> *1Қӯринтиён 9:9–11 (курсиви муаллифон)*

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди „шустани майна“ порчаҳои зеринро аз китоби Аъмол хон, ва ном, миллат ва ихтисоси одамонеро қайд намо, ки ҳаёташон ба василаи бовар ба Исои Масеҳ дигаргун шудааст. Сатри якум ҳамчун намуна дода шудааст.

	Ном	Миллат	Ихтисос
Аъмол 8:26–39	номаълум	ҳабашӣ	хоҷасаро
Аъмол 9:1–9, 17–19	.....	.....	.....
Аъмол 10:1–45	.....	.....	.....
Аъмол 16:11–15	.....	.....	.....
Аъмол 16:22–33	.....	.....	.....

26. Шубҳа ҷой дошта наметавонад

Асотир оиди Тумои нобовар

Дар бораи Тумои бечора ҳар хел гапҳо навишта шудааст, ӯро ҳамеша ҳар хел айбдор мекунанд. Албатта, обрӯи ӯ мисли обрӯи Яҳудо, ки ба Исои Масеҳ хиёнат кард, бад нест. Ва аз обрӯи Петрус низ, ки Худовандро пеш аз маслуб шуданаш се бор инкор кард, беҳтар аст. Лекин Туморо нисбат ба дигар шогирдон, ки дар давоми се соли хизмати Исои Масеҳ бо Ӯ буданд, камтар ҳурмат мекунанд.

Тумо ба туфайли воқеае ки дарҳол пас аз эҳё шудани Исои Масеҳ рӯй дод, ба чунин обрӯи шубҳанок ноил гашт. Масеҳ Худашро ба шогирдонаш зоҳир намуд, агарчи дари хонае ки онҳо дар он ҷамъ омада буданд, баста буд. Лекин Тумо бо онҳо набуд. Вақте ки онҳо хабари растохези Исои Масеҳро ба вай расонданд, вай гуфт: „То дар дастҳои Ӯ ҷои мехҳоро набинам, ва ангушти худро дар ҷои мехҳо нагузорам, ва дасти худро бар қабурғаи Ӯ наниҳам, бовар нахоҳам кард“ (Юҳанно 20:25).

Сипас Исои Масеҳ ба Тумо зоҳир шуда, гуфт: „Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастҳои Маро бубин; ва дасти худро биёр ва бар қабурғаи Ман бигузор; ва беимон набош, балки имон дошта бош“ (Юҳанно 20:27).

Акнун бисёр одамон ин суханонро хонда, Туморо барои шубҳа карданаш танқид мекунанд. Чунин рафтор намуда, онҳо фаромӯш мекунанд, ки ҳеҷ як шогирд бовар накарда буд, то даме ки исботи растохезро диданд. Илова бар ин ҳар кадомашон аллакай дастону қабурғаи Исои Масеҳро дида буданд. Охир, Исои Масеҳ ба Тумо чунин нагуфт: „Ту набояд шубҳа мекардӣ“. Ба ҷойи ин Ӯ гуфт: „...ва

беимон набош, балки имон дошта бош“. Ва дар охир, вақте ки Тумо бо чашмонаш дид (дар Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки вай чуноне ки дар аввал мехост, даст ба қабурға ниҳода бошад), ба Исои Масеҳ рӯй оварда, сухане гуфт, ки он дар таърих яке аз бузургтарин эътирофҳои бовар гардид: „Эй Худованди ман ва эй Худои ман!“

Бо ҳар гуна сабабҳо мо ба хулосае омадаем, ки шубҳа намудан — дар ҳама ҳолатҳо бад аст. „*Масеҳиёни ҳақиқӣ шубҳа намекунанд*“, — мегӯем мо.

Ин асотир аст.

Шубҳа зидди бовар нест; он нахустволиди бовар аст. Шубҳа боварро нобуд намекунад, балки ба он роҳ мекушояд. Бисёр вақт шубҳа чуноне ки бо Тумо шуд, ангезише мешавад, ки моро сӯи ҳақиқат мебарад.

„Бовар кунед, дар шубҳаи самимона бовар бисёртар аст — мегӯяд Теннисон, — назар ба он, ки дар нисфи ҳамаи таълимотҳои динӣ ёфт мешавад“.

Вақте ки Гордон ва Уилям Браунҳо китоби худ, „Нома ба Румиён: Муждаи озодӣ ва файз“-ро менавиштанд, пай бурданд, ки „бовар дар ҷустуҷӯи ҳақиқат нумӯ меёбад, чунки ҷӯянда бояд савол диҳад, саволҳо бошанд аз „шубҳаи самимона“ пайдо мешаванд. Дар забони юнонӣ калимаи „*skeptikos*“, ки мо онро чун „шубҳа“ тарҷума мекунем, „саволдиҳанда“ маъно дорад“.

Асотир оиди Тумои нобовар ва он, ки „масеҳиёни ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ шубҳа намекунанд“ асоси навиштаҷотӣ надоранд. Аз саргузашти Тумо сабақ бояд гирифт, ки шубҳа кардан табиист, мо самимона шубҳа карда метавонем ва ин шубҳаи самимӣ бояд моро бовар бахшад, вақте ки Исои Масеҳ ба мо ҳақиқатро мекушояд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди Тумои нобовар вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Луқо 24:1–12-ро хон. Вақте ки занон хабар оварданд, ки Исои Масеҳ растохез кардааст, аксуламали шогирдон чӣ гуна буд (ояти 2)?

Инҷили Луқо 24:13–24-ро хон. Ду шахсе ки сӯи Аммоус мерафтанд, хабари растохезро, ки аллакай шунида буданд, фаҳмида, чӣ аксуламал нишон доданд? Оё онҳо дилпуранд, ки ин рӯй дод, ё не?

Инҷили Луқо 24:25–35-ро хон. Шубҳаи ин ду шогирд оиди

ҳақиқати растохез чӣ гуна нобуд шуд?

Инҷили Луқо 24:36–37-ро хон. Аксуламали якуми шогирдон ба зоҳир шудани Исои Масеҳи растохезкарда чӣ гуна буд? Чӣ гуна онҳо бовар карданд, ки Ӯ растохез кардааст (оятҳои 40, 42, 43 ва 45)?

Инҷили Юҳанно 20:19–29-ро хон. Исои Масеҳ ба суханони Тумо „Эй Худованди ман ва эй Худои ман!“ чӣ ҷавоб дод? Исои Масеҳ мехоҳад, ки мо низ инро фаҳмида, Ӯро чун Худованд ва Худо эътироф намоем.

Ту аз чӣ шубҳа дорӣ? Дар дуо аз Исои Масеҳ хоҳиш намо, ки туро ба василаи шубҳаҳоят ба эътирофи нави бовар расонад.

27. Растаниҳои хонагӣ ба дуо ҷавоб намедиҳанд

Асотир оиди он, ки ҳар кас имони худро дорад

Зарина бо дугонааш Ситора гирди мизи ошхона менишаст.

„Ман фикр мекунам, ки ҳар кас ба чизе бовар мекунад. Мехоҳам гӯям, ки масеҳият танҳо нест. Фақат ҳаминаш муҳим аст, ки одам ба ягон чиз *бовар* кунад“.

Ситора абрӯ чин кард, гӯё ин ба ӯ барои равшантар фикр кардан ёрӣ медода бошад.

„Аз афташ, ту рост мегӯӣ, — гуфт ӯ. — Дар охир масеҳият ҳам дар асоси фикри наҷот ба василаи бовар сохта шудааст-ку. Бинобар ин гумон мекунам, ки... — Вай каме истода, сипас бо овози пасттар суханашро давом дод. — Ба гумонам, муҳим нест, ки ба чӣ бовар мекунӣ, агар бовар кунӣ — ин аллакай басанда аст“.

Узр, Зарина. Узр, Ситора. Ин асотир аст.

Ба наздикӣ як устоди коллеҷ дар синф чунин изҳор намуд: „Ман ба имон эътимод дорам. Ман ба қувваи имон бовар мекунам. Ман дидам, ки он ҳаётро пурра дигаргун мекунад“.

Лекин ин экзистенсиализм аст, на масеҳият. Дар экзистенсиализм чизи асосӣ „бовар кардан“ аст, ва муҳим нест, ки ба чӣ — ё ба кӣ — бовар мекунӣ.

Рӯзе маро барои мубоҳиса бо декани факултаи фалсафа ба донишгоҳи калоне даъват намуданд. Мубоҳиса ба назарияи марксистӣ бахшида шуда буд, ки мувофиқи он одам маҳсули инкишофи қувваҳои иқтисодӣ мебошад. Ҳангоми баромад ман қайд намудам, ки барои ман, ҳамчун барои одаме ки имони таърихӣ ва навиштаҷотиро устуворона

тарафдорӣ мекунад, растохези Исои Масеҳ маънои ҳалкунанда дорад.

„Гӯш кунед, Макдауэлл, — гапамро бурид ҳарифам, — гап охир дар сари растохез не-ку. Муҳим нест, ки ин рӯйдод воқеъ шуда буд ё не. Муҳимаш оё шумо *бовар* мекунед, ки он воқеъ шуда буд?“

„Ҷаноб, — ҷавоб додам ман. — Шумо гумроҳ ҳастед. Дар асл гап дар сари ҳамин аст, оё чизе ки ман ба он бовар мекунам, ҳақиқат аст ё на. Чунки агар он чизе ки ман ба он бовар мекунам, ҳақиқат набошад, пас ман ба имони масеҳиёна ҳақ надорам“.

Баъди мубоҳиса ба наздам донишҷӯе омад, ки мусулмон буд.

„Ҷаноби Макдауэлл, — гуфт ӯ, — ман баъзе мусулмононро мешиносам, ки имонашон ба Муҳаммад аз имони масеҳиён ба Исои Масеҳ хеле мустаҳкамтар аст“.

„Шояд, — ҷавоб додам ман, — лекин гап дар ин нест. Гап дар он нест, ки *имони кӣ зӯртар* аст, балки дар он аст, ки ба *кӣ шумо имон доред*“.

Арзиши имони шумо на дар худи бовар кардан, балки дар он аст, ки ба кӣ бовар мекунед. Эҳтимол, имони шумо аз имони ҳама одамоне ки буданд, ҳастанд ва хоҳанд буд, зӯртар бошад, лекин агар шумо имони худро, масалан, ба тубаки гуле нигаронед, ки ҳуҷраатонро ороиш медиҳад, оё бо Худо муносибати наҷотбахш пайдо мекунед? Оё гуноҳҳоятон бахшида мешаванд. Чаро не, агар боварии шумо хеле қавӣ бошад? Чунки шумо ба растании хонагӣ бовар мекунед!

Аз тарафи дигар, агар бовари шумо мисли донаи гандум хурд бошад, ва шумо онро ба Исои Масеҳ нигаронед, оё бо Худо муносибати наҷотбахш барқарор мешавад? Оё гуноҳҳоятон омурзида мешаванд? Албатта! Фарқ дар чист? Дар объекти имони шумо, дар Он, ки ба Ӯ бовар мекунед.

Имони масеҳиёна субъективӣ нест, ин бовар сирф шахсӣ нест, он пурра объектӣ мебошад. Маҳз барои ҳамин фиристa Павлус навиштааст:

> Ва агар Масеҳ эҳё нашуда бошад, имони шумо бар абас аст; шумо ҳанӯз дар гуноҳҳои худ мебошед.
>
> *1 Қӯринтиён 15:17*

Павлус ба эътибор мегирифт, ки бовари субъективӣ — новобаста ба он, ки то чӣ андоза шумо *сахт* бовар мекунед — барои аз гуноҳҳо наҷот ёфтан басанда нест. Фақат ҳамон вақте ки имони шумо ба Исои Масеҳи эҳёшуда нигаронида мешавад, шумо „бо файз *ба воситаи*

имон“ наҷот хоҳед ёфт. (Эфсӯсиён 2:8, курсиви муаллифон). Шуморо на бовар, балки Исои Масеҳ наҷот медиҳад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки ҳар кас имони худро дорад, вазифаи зеринро иҷро намо.

Инҷили Юҳанно 3:16-ро хон. Аҳамият деҳ, ки дар ин оят калимаҳои „ба Ӯ“ барои пайдо кардани ҳаёти ҷовидонӣ то чӣ андоза муҳим мебошанд?

Инҷили Юҳанно 8:24-ро хон. Оё дар ин оят Исои Масеҳ мегӯяд, ки фақат бовар кардан муҳим аст, ё мефаҳмонад, ки ба *Ӯ* бовар кардан муҳим аст?

Аъмол 16:30–31-ро хон. Мувофиқи суханони Павлус, ки дар Филиппӣ ба зиндонбон гуфт, ба чӣ (ё кӣ) ӯ мебоист бовар мекард.

Румиён 3:22-ро хон ва ҷойи холиро бо калимаҳои асосӣ пур намо: „Адолати Худо ба воситаи имон ба ..... барои ҳамаи имондорон...“

28. Гуноҳ, бардурӯғӣ ва Билли Грэм

Асотир оиди Элмер Гентри

Элмер Гентри — қаҳрамони асосии романи ҳамноми Синклер Люис мебошад. Гентри — шахси хасис, шаҳватпараст ва дурӯя — воизе буд, ки чизҳои хуб таълим медоду корҳои бад мекард. Суханони вай, мавъизаҳо, ва ҳам тамоми ҳаёташ бардурӯғӣ ва фиребгарӣ буд.

Солҳои охир номи образи бофташудаи Элмер Гентриро дар алоқа бо ҷанҷолҳое ба ёд меоранд, ки обрӯи якчанд воизон ва хизматгузорони калисоро резонданд. Шӯҳрати Джим Беккер зуд ба шармандагӣ табдил ёфт, вақте ба ҳама маълум шуд, ки вай алоқаҳои беникоҳ дорад. Джимми Своггарт дар ин бора фаҳмида, дар ҳаққи Беккер носазо гуфт, лекин дарҳол суханони вай ба ҳеҷу пуч табдил ёфтанд, вақте ӯро дар иштиёқ ба порнография иқрор кунонданд. Мароқи баланде, ки ба туфайли матбуот нисбати ин ҷанҷолҳо пайдо шуд, ба он бурда расонд, ки бисёриҳо ба асотири Элмер Гентри бовар мекардагӣ шуданд, онҳо бовар карданд, ки қисми зиёди воизон, хизматгузорони калисо ва пешвоёни масеҳият — фосиқ ва дурӯя ҳастанд.

Дар баробари ин ҳамаи ин рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизионӣ, ки дар чунин ҳолатҳо ғавғо мебардоранд, бо кадом як сабаб дар бораи муждаварон ва воизон, ки фидокоронаву вафодорона ба Худо хизмат мекарданду мекунанд, чизе намегӯянд. Гуноҳи Джимми Своггарт ва саъю кӯшише ки ӯ барои барқарор намудани обрӯи худ кард, дар муқоиса ба хизмати фидокоронаи Билли Грэм, ки дар тӯли панҷоҳ сол калисоро обод мекунад, хира метобанд. Маъвизаҳои ӯро миллионҳо одамон шуниданд, ҳаёти ӯ бошад ҳеҷ

гоҳ ба он чизе ки ӯ меомӯхт, мухолиф набуд. Ба ин нигоҳ накарда, Билли Грэм иқрор шуд, ки аз худи аввали хизматаш ӯ „метарсид — ва то ҳол метарсад, — ки бо ягон рафтораш Худоро андӯҳгин карда метавонад“.

Билли Грэм, Луи Пало, Чарлз Колсон, Досон Макаллистер ва Чарлз Суиндолл — инак номҳои баъзе аз шумораи бузурги пешвоёни масеҳият, ки зиндагияшон ба таълиме ки медиҳанд, пурра мувофиқат мекунад. Чунин менамояд, ки ҷамъияти мо ба асотир оиди Элмер Гентри ва ба он, ки дар байни воизон ва хизматгузорони калисо дурӯяҳо бисёранд, бо майли том бовар мекунад. Аммо ин асотир аст.

Фиристаи Петрус масеҳиёни асри якумро огоҳ намуда, чунин гуфта буд: „...дар миёни шумо ҳам муаллимони козиб хоҳанд буд“. Инчунин ӯ илова намуд, ки „...ба василаи онҳо роҳи ростӣ гирифтори таҳқир хоҳад шуд“ (2Петрус 2:1–2). Маҳз барои ҳамин иблис саъю кӯшиши зиёд мекунад, то ки асотир оиди Элмер Гентри паҳн шавад. Вай мехоҳад, ки ҳақиқат гирифтори таҳқир шавад, то ки шаҳодати мардону заноне ки ба Худо хизмат мекунанд, ба воситаи гуноҳ ва дурӯягии дигарон беэътибор карда шавад. Лекин ба ҳар ҳол, ба корҳои ин дигарон нигоҳ накарда, ҳақиқат ҳамеша ҳақиқат мемонад. Мо ба ҳар ҳол наҷотро аз рӯи марҳамат ба василаи имон ба Худои мо Исои Масеҳ пайдо мекунем. Ва Худо ҳамеша қудрат дорад, ки „шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад“ (Яҳудо 24).

„Пас, — гуфт Петрус, — ...эҳтиёт шавед, ки гирифтори иштибоҳи шарирон нагардед ва аз матонати худ маҳрум нашавед, балки дар файз ва шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ нумӯ ёбед, ки Ӯро аз ҳоло то абад ҷалол бод. Омин“ (2Петрус 3:17–18).

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди Элмер Гентри вазифаи зеринро иҷро намо.

Нома ба Филиппиён 1:15–18-ро хон. Павлус оиди онҳое ки „на бо дили соф Масеҳро мавъиза менамоянд“, чӣ гуфтааст? Ба фикри вай, чӣ аз ҳама муҳим аст?

2 Қӯринтиён 11:3–5-ро хон. Павлус метарсад, ки қӯринтиён ҳавриёни бардурӯғро, ки „шакли ҳавриёни Масеҳро мегиранд“, пайравӣ намуда, „аз самимияте ки дар Масеҳ аст, рӯ хоҳа(н)д тофт“.

Барои чӣ, мувофиқи суханони Павлус, чунин чизҳо, ки рӯй медиҳанд, ӯро ҳайрон намекунанд?

1 Қӯринтиён 4:16–17-ро хон. Павлус асоснок аз дигарон хоҳиш карда метавонист, ки ба ӯ тақлид кунанд! Барои чӣ ӯ дар бораи ин чунин дилпурона хоҳиш мекунад? (ояти 17-ро бин.)

Вақте мебинем, ки пешвоёни масеҳият сабабгорони воқеаҳои ҷанҷолӣ мешаванд, мо бояд мувофиқи суханони Павлус эҳтиёт шавем. 1 Қӯринтиён 10:12-ро хон. Чӣ гуна ин фоҷиаҳо мувофиқи ин оят, бояд ба мо таъсир кунанд?

29. Ваъдаи маккоронаи мор

Асотири ҳаракати „Давраи нав"

Дар мағоза зани ҷингиламӯи чеҳрааш карахт ба дугонааш оиди қувваи аҷиби шифодеҳ нақл мекард, ки дар „булӯри квартси сеҳрнок" пайдо карда буд. „Мана, аллакай, аз як сол зиёд мешавад, ки ман на танҳо зуком, балки чӣ будани дарди сарро намедонам", — мегуфт вай.

Марди ороми ситорагарм бовар мекунонд, ки бо баъзе намояндагони олами ҳайвонот (китҳо, делфинҳо, паррандагон) ба воситаи садоҳои мусиқӣ ва расмҳо гап зада метавонад.

Марди ҷозибадор, ки вазифаи баланд дорад, дар қабули қарорҳо мувофиқи принсипҳои қадимаи хитоӣ амал мекунад, пиразани меҳрубони ҳафтоду яксола бошад, оиди „ёддоштҳо"-яш нақл мекард, ки чӣ тавр вай дар асри ёздаҳ роҳибаи калисои румӣ-католикӣ буд.

Гуру, аҳли ситораи бегона, гипноз, проексияҳои астралӣ, фалсафаи шарқӣ — боз ким-чиҳои дигар. Ҳаракати „Давраи нав" („ДН" барои кӯтоҳ кардан) — ҷамъи мафкура ва динҳои гуногун аст, ки эҳтимол, ба туфайли „Дар канор" ном китоби Ширли Маклейн (ва силсилаи барномаҳои телевизионӣ) хеле машҳур шудаанд.

Ҳаракати „ДН" — ин дин, ё ягон гурӯҳ нест, ин кайфият, ҷаҳонбинист, ки мафкура ва мафҳумҳои гуногунро дар бар мегирад. Чӣ будани „ДН"-ро дар як ҷумла фаҳмонда нашавад ҳам, як ақидаро, ки хоси пайровонаш мебошад, муайян кардан мумкин аст. Ба гумони онҳо Худо дар ҳама чиз ҳузур дорад, ва ҳамаи мо — Худо мебошему бо дигаргун намудани шуурамон дар худ ин „худоро" (ва бо он имкониятҳои беохир) ёфта метавонем.

Ин асотир аст.

Дар ҳаракати „ДН“, бо тамоми шӯҳрати имрӯзааш, барномаҳои телевизионӣ ва китобҳояш, ки ба он бахшида шудаанду бо тиражи калон паҳн мешаванд, ҳеҷ чизи нав нест. Саршавии он дар боғи Адан буд.

Дар китоби Ҳастӣ тасвир шудааст, ки чӣ гуна шайтон ба шакли мор даромада, ба Одаму Ҳавво ваъда медиҳад, ки агар онҳо меваи манъшударо хӯранд, монанди Худо донандаи неку бад мешаванд. Лекин шайтон, ихтироъкори нимростӣ, дурӯғ гуфт. Охир онҳо донандаи неку бад шуда бошанд ҳам (то вақти гуноҳ содир карданашон онҳо танҳо некиро медонистанд), онҳо мисли Худо нашуданд.

Ҳаракати „ДН“ рост шаҳодат медиҳад, ки одамон мисли пештара ҳамон як хаторо содир мекунанд. Чорсад сол пеш Монтен чунин гуфтааст: „Одам ҳақиқатан беақл аст. Вай ҳатто чизи хурде наофаридааст, лекин тӯда-тӯда худоён меофарад“.

Аз Китоби Муқаддас фаҳмидан мумкин аст, ки ақидаҳои „ДН“ асотир мебошанд. Чунин суханонро оиди Исои Масеҳ хонем, бисёр чиз фаҳмо мешавад:

> Ки Ӯ, бо вуҷуди он ки дар сурати Худо
> буд, бо Худо баробар буданро ҳарисона
> барои Худ нигоҳ надошт, балки Худро
> кам дониста, ба сурати ғулом даромад ва
> ба одамон монандӣ пайдо карда, ба зоҳир
> мисли одамизод шуд, ва Худро фурӯтан
> сохта, то вақти мамот, то дами мавти
> салиб фармонбардор буд.
>
> *Филиппиён 2:6–8*

Муждаи Китоби Муқаддас, ки бо он ҳеҷ кадоми дигар баробар шуда наметавонад, на дар он аст, ки одамон мисли Худо мешаванд, балки дар он аст, ки Худо „мисли одамизод“ шуд ва барои гуноҳҳои мо мурд, то ки мо зиндагии ҷовидона дошта бошем.

Худат бовари ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди ҳаракати „ДН“ вазифаи зеринро иҷро намо.

Ҳастӣ 3:1–7-ро хон. Агар Одаму Ҳавво меваи манъшударо хӯранд, шайтон ба онҳо чӣ ваъда дод (ояти 5)? Ҳангоми хӯрдани меваи

манъшуда кадоми ин ду ваъда иҷро шуд (ояти 7)? Оё ваъдаи он, ки онҳо мисли Худо мешаванд, иҷро шуд?

Аъмол 14:8–18-ро хон, ки бо фиристаҳо Барнаббо ва Павлус чӣ рӯй дод. Ба тӯдаи одамон шифо додани одам чӣ гуна таъсир кард (ояти 7)? Вақте ки тӯдаи одамон онҳоро худоён меномиданд, ин ду муждавари бузург чӣ ҷавоб доданд (ояти 14)? Павлус ва Барнаббо ба суханони аъзои ҳаракати „ДН“, ки бо дигаргун намудани шуурашон худо шуда метавонанд, чӣ ҷавоб медоданд?

Аъмол 12:21–23-ро хон. Суханони Ҳиродус ба мардум чӣ гуна таъсир карданд (ояти 22)? Бо „худое“ ки онҳо барои худ ёфтанд, чӣ рӯй дод (ояти 23)?

30. Ҳамаи ин ба ман аз чӣ бошад?

Асотир оиди зиндагии беғубор

Зайнаб, масеҳии ҳабдаҳсола, бегоҳи ҷумъа аз кор ба хона мерафт. Ногаҳон вай чизи даҳшатноке дид — ба тарафи вай мошине бо суръати баланд ҳаракат мекард. Вай хост худро ба канор гирад, лекин вақт нарасид. Аз зарбаи сахт Зайнаб ҳалок шуд. Ронандаи мошин, ки сабабгори марги вай гардид, маст буд.

Нозанини дусола дар боғи ҳавлӣ бозӣ мекард, вақте ӯро занбӯр газид. Рӯи духтарча зуд варам кард. Модараш хатарнок будани ҳолати ӯро фаҳмида, зуд ба беморхона шитофт, аммо дер шуда буд. Нозанин дар роҳ мурд. Волидайни ӯ ҳатто намедонистанд, ки кӯдак ба газидани занбӯр аллергия дорад.

Ҳиндузане ки ба пасттарин табақаи ҷамъият тааллуқ дошт, кӯдак таваллуд кард. Кӯдак ҳамаи чор моҳи ҳаёташро дар қуттии картонӣ гузаронда, оқибат аз бемадорӣ вафот кард. Модари вай баъд аз ду моҳи дигар мурд.

Дар зиндагӣ беинсофӣ бисёр аст: кӯдакон мемиранд, одамони хуб азоб мекашанд, баъзе масеҳиён бо дардҳои тоқатнопазир зиндагӣ мекунанд. Ва ин одамони хуб, ки азоб мекашанд, бисёр вақт чунин мегӯянд: „Ҳамаи ин ба ман аз чӣ бошад? Ман сазовори ин нестам! Ин беинсофист“.

Аз насл ба насл одамон ин саволро такрор мекунанд. Ҳанӯз аз замони куҳан, аз падаркалон Айюб, ки ҳикояшро дар Китоби Муқаддас мехонем, сар карда, то хохом (кашиши яҳудиён) Гаролд Кушнер, ки китоби „Вақте ки бо одамони хуб нохушӣ рӯй медиҳад“-ро навиштааст.

Асли пайдоиши ин савол дар фикрест, ки одамони хуб, хусусан масеҳиён, бояд зиндагии беғубор ба сар баранд ва аз ҳар гуна мубориза, ғаму азоб озод бошанд.

Лекин ин асотир аст.

Худо ҳеҷ гоҳ ба масеҳиён зиндагии беғубор ваъда накардааст. Ӯ ҳаргиз нагуфтааст, ки зиндагӣ осон мешавад ё барои одамони хуб фақат рӯйдодҳои хуш омода шудаанд. Ӯ ба онҳое ки Ӯро дӯст медоранду ба Ӯ хизмат мекунанд, кафолат надодааст, ки зиндагиашон бароҳату ширин мешавад.

Лекин одамон дар тӯли асрҳо айнан ҳамин тавр фикр мекунанд. Аммо агар Китоби Муқаддасро бо диққат хонем, фаҳмида метавонем, ки ин фикрҳо дуруст нестанд.

Шогирдони Исои Масеҳ ба Ӯ ин саволи ҷовидонаро доданд, ки барои чӣ одамон азоб мекашанд. Онҳо ба Ӯ одамеро, ки модарзод кӯр буд, нишон дода, пурсиданд: „Эй Устод! Кӣ гуноҳ кард: ин одам ё падару модараш, ки вай кӯр зоида шуд?“

Исои Масеҳ ҷавоб дод: „...на ин одам гуноҳ кард ва на падару модараш“ (Юҳанно 9:2–3), ва он одамро шифо бахшид.

Дар бораи бисёр нохушиҳое ки дар ҷаҳон рӯй медиҳанд, айнан ҳамин чизро гуфтан мумкин аст. Баъзе одамон ба сабаби гуноҳҳояшон азоб мекашанд, масалан марде аз мағоза дуздӣ карда, ба маҳкама меафтад. Баъзеи дигар ба сабаби гуноҳи дигарон азоб мекашанд, масалан кӯдаке ки ба сабаби нашъаманд будани волидайн бонуқс таваллуд мешавад. Лекин аксарияти азобҳо дар рӯи замин ба ин суханон рост меоянд: „...на ин одам гуноҳ кард ва на падару модараш“.

Вақте ки Худо оламро меофарид, Ӯ қонунҳои табиатро низ офарид, чунончи қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ ё қонунҳои ҳаракат. Ҳамаи мо мувофиқи ин қонунҳо зиндагӣ мекунем. Лекин баъзан ба сабаби онҳо зарар мебинем. Баъзан ба сабаби қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ тайёраи пур аз одам ба замин меафтад. Баъзан қонунҳои ҳаракат сабаби фалокатҳо мешаванд, масалан садамаи нақлиёт. Худо қонунҳои табиатро барои одамони хуб бекор намекунад.

Дар ҳаёт ҳақиқатан беинсофиҳо бисёранд. Фалокатҳо, бемориҳо, фоҷиаҳо, марг — ҳамаи инҳо бо масеҳиён низ рӯй медиҳанд. Дар асл ваъдае ки Исои Масеҳ бисёр вақт ба шогирдонаш медод, чунин буд: „Дар ҷаҳон ғаму кулфат хоҳед дид“. Лекин дар баробари ин Ӯ ба масеҳиён дилпурӣ бахшид: „...лекин далер бошед: Ман бар ҷаҳон ғолиб шудаам“ (Юҳанно 16:33).

Масеҳиён аз азобу уқубат озод нестанд; лекин ба ҳар ҳол ба онҳо тайёр ҳастанд, чунки Ҳамоне ки „Ман ҳаррӯза то охири замон бо

шумо ҳастам“ (Матто 28:20) гуфтааст, бо онҳост.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди зиндагии беғубор вазифаи зеринро иҷро намо.

Порчаҳои зеринро аз Китоби Муқаддас хон. Он одамон ё халқеро, ки азоб кашидаанд, қайд намо. Барои чӣ онҳо азоб кашиданд? Оё Худо онҳоро аз азобу уқубатҳо раҳо кард? Оё Ӯ барои онҳо чизе кард? Агар ҳа, пас чӣ?

Аъмол 4:1–13, 21 .....

Луқо 23:32–43 .....

1Қӯринтиён 6:4–10 .....

2Қӯр. 12:7–10 .....

Асотирҳо оиди зиндагӣ ва хушбахтӣ

31. Сарватманд, яъне хушбахт

Асотир оиди он, ки хушбахтӣ дар бойигарист

Бачаҳо, ин одам ҳама чизро дошт.

Дар вақташ Сироҷ мактабро партофт. Ва на барои он, ки барои хондан қобилият надошт, балки фаҳмид, ки бе дипломи таҳсилоти олӣ ҳам пули бисёр пайдо карда метавонад. Ӯ тарки синфи дим намуда, ба завод рафт, ки дар он, аз рӯи ченаки ҷавони шонздаҳсола, пули калон медоданд. Ин кор ба ӯ имконият дод, ки барои худ чизҳои хуб харад. Ӯ дорои автомашина ва дигар чизҳои қиматбаҳо гашт. Пули бисёр сарф мекард.

Бояд иқрор шуд, ки ҳама ба вай ҳасад мебурданд. Лекин рӯзе ӯро аз корхона ронданд ва ӯ бе моҳона монд. Бе моҳона ӯ автомашина ва дигар чизҳои пурқиматашро низ аз даст дод. Сироҷ ҳама чизашро гум кард. Лекин аз ҳама бадаш ин буд, ки ҳаёти ӯ вайрон шуд. Ӯ чунон бо фикри бойшавӣ банд буд, ки боз ҳам бисёртар харидани ҳар гуна *чизҳо* мақсади ҳаёти ӯ шуда буд. Вақте ӯ чизеро мехарид, дарҳол барои харидани чизи дигар нақша мекашид. Сироҷ ба асотир оиди он, ки хушбахтӣ дар бойигарист, бовар кард. Ӯ фикр кард, ки ҳарчанд зиёдтар чизҳои арзанда дошта бошад — ҳамон қадар зудтар бахт насиби ӯ мегардад.

Чунин фикрҳо ба сари ҳар яки мо меоянд. Як талабаи синфи ҳашт мегуфтааст, ки ҳоло дар зиндагӣ бо чӣ машғул шуданашро, кадом ихтисос гирифтанашро намедонад, лекин ҳаминашро аниқ фаҳмидааст, ки пули бисёр пайдо бояд кард, то ки автомобили хуб ва дар маркази шаҳр хона харида тавонад. Саноати калони реклама

барои дастгирӣ намудани ин асотир кор мекунад.

Телевизион, радио, маҷаллаҳо пай дар пай ба мо мегӯянд, ки бе чӣ мо зиндагӣ карда наметавонем: „Нокиа“, „Самсунг“, „Сони“, „Панасоник“, „Мейбеллин“ (ҳама аз ту ба ваҷд меоянд), магнитофонҳои лазерӣ, видеомагнитофонҳо, ҷипҳо, компютерҳо ва „Эм Ти Ви“. Созандагони реклама саъю кӯшиш менамоянд, то мо бовар кунем, ки гӯё, чизеро харида, хушбахт мешуда бошем.

Агар ин хел бошад, пас барои хушбахт шудан чанд пул даркор мешавад? Кадом маркаи мошин ҳамаи орзуҳои шуморо ба ҷо меорад? Агар худи ҳозир ҳама орзуҳои шумо иҷро мешуданд, оё дастонатонро афшонда мегуфтед: „Ана, тамом!“ ё ба навиштани рӯйхати дигар шурӯъ менамудед?

Шамшери Рӯҳ, Сухани Худо, рост мегӯяд, ки хушбахтӣ дар бойигарӣ нест; ин асотир аст. Инҷилнавис Луқо огоҳии Исои Масеҳро сабт кардааст:

> ...аз тамаъкорӣ ҳазар кунед, зеро ки ҳаёти одам ба фаровонии дороии вай вобаста нест.
>
> *Луқо 12:15*

Суханони Павлус дар нома ба Филиппиён ба мо нишон медиҳад, ки ин одам дар куҷо будани хушбахтиро медонист. Ва ӯ дорои он буд. Ӯ бо хурсандӣ хитоб мекунад:

> Ҳамеша дар Худованд шод бошед; боз мегӯям: шод бошед.
>
> *Филиппиён 4:4*

Дар номаи кӯтоҳ ба филиппиён калимаи „шодӣ“ ҳабдаҳ маротиба такрор мешавад! Бе шубҳа, Павлус аз куҷо пайдо кардани хушбахтиро медонист.

Лекин сабр кунед. Агар мо ба боби якуми ҳамин нома назар кунем, хоҳем дид, ки Павлус ҳамаи ин суханонро дар бораи шодӣ ва хушбахтӣ ҳангоми дар *зиндон* буданаш менависад (оятҳои 12–14). Мувофиқи тасаввуроти мо ӯ *ҳеҷ чиз* надошт. На соати „Ролликс“, на ҷип, на шими „Ҷордаш“, ӯ ҳатто плейер надошт. Лекин ӯ хушбахт буд. Ӯ гуфт:

...зеро ман ёд гирифтаам, ки бо он чи
дорам, қаноат намоям: дар камбағалӣ ҳам
зиста метавонам, дар фаровонӣ ҳам; дар
ҳар чиз ва дар ҳар ҷо аз сар гузаронидани
серӣ ва гуруснагӣ, фаровонӣ ва камиро ёд
гирифтаам; ҳамааш аз дастам меояд, бо
мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад.
Филиппиён 4:11–13

Хушбахтӣ ба дороии ту вобаста нест. Дар асл бахти ҳақиқӣ бо ягон чизи зоҳирӣ алоқаманд нест. Масеҳӣ новобаста ба он, ки бой аст ё камбағал, шод буда метавонад. Сабаби ин дар ҳолати ботинист, дар осоиштагии рӯҳ, ки Исои Масеҳ ба мо мебахшад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки хушбахтӣ дар сарватмандист, вазифаи зеринро иҷро намо.

1 Тимотиюс 6:9-ро хон. Дар бораи одамоне ки барои бой шудан саъю кӯшиш мекунанд, чӣ навишта шудааст?

1 Тимотиюс 6:3–5-ро хон. Дар ин оятҳо Павлус оиди одамоне сухан меронад, ки ба гумонашон, диндорӣ манбаи фоида аст.

Дар ояти 6-уми ҳамин боб Павлус як чизро мухолифи зарпарастӣ мегузорад. Мувофиқи суханони ӯ чӣ „манфиати зиёд“ дорад?

Ибриён 13:5-ро хон. Дар ин оят сабаби қаноатманд будан навишта шудааст. Ин чӣ сабаб аст? Ҳузури доимии Худо ба қаноатманд будани ту чӣ алоқа дорад?

Инҷили Луқо 6:38-ро хон. Исои Масеҳ дар ин оят оиди хасисӣ чӣ гуфт? Оиди саховатмандӣ чӣ? Оё Ӯ танҳо оиди бойигарӣ гуфт, ё суханони Ӯ боз маънои дигаре низ доранд? Акнун он чизҳоеро номбар намо, ки ба фикри ту барои хушбахт шудан даркор ҳастанд. Бовиҷдон бош. Кадом чизи номбаркардаи ту ба пул вобаста аст?

32. Густохӣ ва Додҷери чаққон

Асотир оиди Лео Дурчер

Лео Дурчери „чаққон“ дар солҳои 30-юм ва 40-уми асри XX якчанд вақт аз тарафи „Додҷерсҳо“-и Бруклин, „Янкиҳо“-и Ню-Йоркӣ, „Редсҳо“-и Синсиннатӣ ва „Кардиналҳо“-и Сент-Луис бозӣ кардааст. Илова бар ин ӯ дар лигаи олӣ низ муваффақият ба даст даровардааст. Лекин, эҳтимол, Дурчер бо тундмизоҷӣ ва принсипи ҳаёташ, ки бо он рафтори худро сафед мекард, шӯҳрат пайдо карда бошад. Принсипи ӯ чунин аст: „Касе ки аз рӯи қоида бозӣ мекунад, ба марра охирин мерасад“.

Дурчери харҳашаҷӯй ҳамчун менедҷери даста се маротиба ба гирифтани мукофоти Лигаи Миллӣ ноил шудааст. Услуби бозии дастаи вай бисёр вақт ба бозии худаш монанд буд. Ба фикри ӯ, одаме ки зафар меҷӯяд, бояд ҷанг кунад, харошад, сахттар зарба занад, тела диҳад ва ба дигарон дард оварад.

Лекин ин асотир аст. Асотири Лео Дурчер. Айнан ҳамин тавр онро асотири Ҷ.Р. Эвинг ё асотири Анҷела Ченнинг номидан мумкин аст. Ба он ҳар гуна ном диҳӣ ҳам — ба ҳар ҳол он асотир мемонад.

Ҳангоми чемпионати ҷаҳон дар соли 1988 Орэл Леонард Ҳершисери IV худро ҳамчун питчери (тӯбдеҳ) хуби дастаи „Додҷерсҳо“-и Лос-Анҷелес нишон дод. Ҳамон сол вай ҳангоми бозиҳои интихобӣ дар 23 бозӣ ғолиб омад; ӯ рекорд нишон дод, вақте ки панҷоҳу нӯҳ тӯбро паси ҳам дода, ягон хол гум накард; дар чемпионати ҳарсолаи ИМА оид ба бейсбол ҳамчун бозингари беҳтарин дар силсилаи бозиҳои лигаи чемпионҳо ба зидди „Метсҳо“-и Ню-Йорк ва барои ғалабаи „Додҷерсҳо“ бар „Эйсҳо“-и Окленд мукофотонида шудааст. Илова

бар ин ӯро бо як овоз беҳтарин тӯбдеҳи лигаи миллӣ номиданд.

Дар баробари ин Орэл аз онҳое буд, ки аз рӯи қоида бозӣ мекунанд. Ӯ масеҳӣ буд. Баъд аз нишон додани рекорд ӯ ба зону афтода, Худоро сипос гуфт. Баъди бозии финалии чемпионати ИМА оид ба бейсбол, дар хонаи либоскашӣ ӯ ба хабарнигор гуфтааст, ки дар майдон барои ором шудан ва бодиққат будан сурудҳои масеҳӣ мехондааст. Ва ҳамон бегоҳ дар телевизиони миллӣ баромад карда, ӯ гуфт: „Ин барнома барномаи динӣ набошад ҳам, ман мехоҳам, ки ба Худо сипос гӯям“. Дар мавсими оянда китфи ӯ лат хӯрд ва ин ба маснади варзишии ӯ хотима бахшид, лекин ба ин нигоҳ накарда, комёбиҳои ӯ дар соҳаи бейсбол барои ҳамеша дар китоби рекордҳо хоҳанд монд, ҳамчун гувоҳи истеъдод ва заҳмати ӯ дар роҳ ба сӯи муваффақият.

Агар онҳое ки аз рӯи қоида бозӣ мекунанд, ба марра охирин расанд, пас чӣ гуна ба Орэл муяссар шуд, ки ба чунин комёбиҳо ноил шавад?

Китоби Муқаддас — Шамшери Рӯҳ — асотири Лео Дурчерро фош мекунад, чунки он бо дурӯғ сохта шудааст.

Асотири Лео Дурчер чунин садо медиҳад: „Касе ки аз рӯи қоида бозӣ мекунад, ба марра охирин мерасад“. Лекин дар Китоби Муқаддас чунин навишта шудааст:

> Хушо ҳалимон, зеро ки онҳо вориси замин хоҳанд шуд.
>
> *Матто 5:5*

Асотири Лео Дурчер чунин садо медиҳад: „Ба мақоми баланд бо муштҳоят роҳ кушо“. Лекин дар Китоби Муқаддас чунин навишта шудааст:

> Дар ҳузури Худованд фурӯтан бошед, ва Ӯ шуморо сарафроз хоҳад кард.
>
> *Яъқуб 4:10*

Асотири Лео Дурчер чунин садо медиҳад: „Худро таъриф кун. Дар пеши дигарон худро нишон деҳ. Агар ту ба дилхоҳат ноил шуда бошӣ, ба ҳама нишон деҳ, ки чӣ гуна ту зӯр ҳастӣ“. Исои Масеҳ гуфт:

> Зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст

гардад, ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад, сарафроз гардад.

Луқ. 14:11

Албатта, баъзан онҳое ки аз рӯи қоида бозӣ мекунанд, *дар ҳақиқат* ба марра охирин мерасанд. Лекин онҳое ки қоидаҳоро вайрон мекунанд, инчунин қафомонда хоҳанд шуд. Ба Лео Дурчер се маротиба муяссар шуд, ки ҳамчун менеҷери дастаи лигаи олӣ мукофотонида шавад. Лекин бисту як маротиба ин ба вай муяссар нагашт. Боре дастаи вай ҳатто ҷойи охиринро ишғол намуд.

Аммо баъзан, чуноне ки бо Орэл Ҳершисер шуд, меҳнати сахт, суботкорӣ, ҷасурӣ ва хоксорӣ ба онҳое ки аз рӯи қоида бозӣ мекунанд, ёрӣ медиҳанд, ки ба марра якум расанд. Вақте ки ин мешавад, аз фикри он, ки ғалаба ҳалол ба даст омадааст, қаноатмандӣ меафзояд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотири Лео Дурчер вазифаи зеринро иҷро намо.

Ҳастӣ 39:1–6-ро хон. Юсуф ҳамчун ғулом ба Миср бурда шуд, лекин ба ин нигоҳ накарда, ӯ дар хонаи Фӯтифари мисрӣ одами муҳим шуд (дертар ӯ аз Фӯтифар низ, ки сардори посбонон буд, баландтар шуд). Чӣ тавр ба Юсуф муяссар шуд, ки ба чунин мақоми баланд расад?

2 Подшоҳон 1:1–12-ро хон. Дар ин оятҳо оиди чӣ гуна подшоҳи Исроил шудани Довуд нақл мешавад. Ӯ ба „ғолиб“ баромадани худ чӣ гуна нигоҳ кард?

Инҷили Луқо 14:7–11-ро хон. Масале ки Исои Масеҳ нақл кард, на танҳо хиради бузург, балки ақли солимро низ дар бар мегирад. Чӣ гуна ин масалро бо суханони худ ифода кардан мумкин аст? „Беҳтар аст, ки дар бораи худ ..... фикр кунӣ, ва бигзор фикри ту хато бошад, назар ба он, ки дар бораи худ ..... фикр кунӣ, аммо ҳамааш баръакс барояд“.

33. Бо буздилон, ноӯҳдабароҳо мо ҷӯра намешавем

Асотири фарисиён

Онҳо баринҳоро дар коридорҳои ҳар мактаб дидан мумкин аст. Буздилон, беҷонон, тарсончакон, — лақабҳо дар ҳар мактаб дигар буда метавонанд, лекин ин асли корро дигаргун намекунад. Ҷамъияти хуб ва бад вуҷуд дорад. Ва бояд хеле эҳтиёт кард, ки ба ҷамъияти бад дохил нашавӣ.

Баъзе маълумотҳое ки дар зер оварда шудаанд, ба шумо ёрӣ хоҳанд дод, ки ҷамъияти нағзу бадро фарқ намоед.

Буздилон, ноӯҳдабароҳо, каллакадуҳо ва аҳмақнамоҳо: услуби либоспӯшӣ надоранд (метавонанд куртаи катак-катакро бо шими рахрах пӯшанд). Писарон галстук мебанданду шими кӯтоҳшудаи таранг мепӯшанд. Ба онҳо ҳақиқатан математика ва илмҳои табиатшиносӣ *маъқуланд*.

Скинҳедҳо, каллаварамҳо, командирҳо: ашхоси ҳарбӣ кардашуда. Силоҳро дӯст медоранд. Интизори ҷанги оянда ҳастанд. Тамошо намудани филмҳои ҷангиро дӯст медоранд.

Автоманҳо: онҳо ҳамеша дар бораи мошинҳо гап мезананд: „Ин мошинча ба ту „жигулӣ“ не, инро „мерседес“ мегӯянд. Вай дар ҳашт сония метавонад ба шаст расад“.

Мулоимхунукон: мулоимхунук метавонад дар майдони бозӣ ҳар гуна пируэтҳо нишон диҳад, тамоми китобро аз ёд кунад, маълумотҳои статистикиро мисли компютер гуфта диҳад. Аммо агар ба ӯ ягон саволи дигар диҳӣ, маълум мешавад, ки донишаш аз дониши дастаи

дар бисёртар нест.

Албатта, ин рӯйхатро давом додан мумкин аст: ландаҳурҳо, азёдкунандаҳо, дурӯғгӯйҳо, нашъамандон. Гап дар он, ки одамоне ҳастанд, ки ту бо онҳо рафтуомад карда метавонӣ ва одамоне ҳастанд, ки беҳтараш ҳатто дар қабр назди онҳо нахобӣ! Барои он ки агар ту бо ноӯҳдабароҳо чӯра шавӣ, баъзе „ноӯҳдабароиҳо“ ба ту гузашта метавонанд. Ё баъзеҳо туро низ ноӯҳдабаро меҳисобанд. Охир ту инро намехоҳӣ, ҳамин тавр не?

Ин мушкилӣ ба сари Исои Масеҳ низ омада буд. Ӯ хохом буд. Хохомҳо танҳо бо баъзе одамони муайян муносибат доштанду халос: асосан бо хохомҳои дигар ва бо одамони „бениҳоят худотарс“. Фарисиҳо саъю кӯшиш намуда, қоидаҳои сахт бофта баровардан, ки аз рӯи онҳо баъзе одамон ҷамъияти хуб ва дигарон бад ҳисоб мешуданд. Аммо Исои Масеҳ ин қоидаҳоро вайрон кард. Ӯ бо ҷамъияти номуносиб рафтуомад кард. Бо боҷгирон шишту хез мекард. Ба махавиён даст мерасонд. Бо зани сомарӣ сӯҳбат мекард (ин дукарата манъ буд).

Дар натиҷа Исои Масеҳро масхара намуда, танқид карданд. Ӯ нисбати асотири фарисиён чунон хунукназарона рафтор кард, ки дар бораи Ӯ чунин мегуфтанд: „Инак марди пурхӯр ва майгусор, ки дӯсти боҷгирон ва гуноҳкорон аст“ (Луқо 7:34).

Бо вуҷуди ин Исои Масеҳ ба масхараҳои онҳо парво накард. Охир дар натиҷа ҳамин тавр шуд, ки аксари дӯстони вафодораш аз ҷамъиятҳои номуносиб буданд. Матто, боҷгири нафратангез, дар қатори дувоздаҳ шогирди наздики Ӯ буд. Кӯри камбағали бечора, ки аз дасти Исои Масеҳ шифо ёфта буд, ҷасурона назди фарисиён истода, дар бораи Исои Масеҳ шаҳодат дод. Марями Маҷдалия, ки Исои Масеҳ аз вай ҳафт девро берун карда буд, дар байни онҳое буд, ки ҳангоми маслуб шудани Исои Масеҳ Ӯро тарк накарданд.

Кӣ медонад? Шояд шумо дар байни буздилон, каллаварамон ва ландаҳурҳои мактабатон дӯст пайдо кунед? Албатта ба шумо лозим мешавад, ки аз баҳри чизе гузар кунед. Аммо ба туфайли ин шумо дорои ягон чиз низ хоҳед шуд.

Исои Масеҳ ба шумо гуфтааст:

...Лекин шуморо дӯст хондаам <...> На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред, ва меваи шумо бимонад, то ки ҳар чи аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато кунад. Ин чизҳоро ба шумо ҳукм мекунам, то ки якдигарро дӯст доред.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотири фарисиён вазифаи зеринро иҷро намо.

Дар Инҷилҳо Исои Масеҳ ҳангоми зиёфатҳо чун меҳмони қадрнок тасвир шудааст. Порчаҳои зеринро хонда аҳамият деҳ, ки киҳоро Ӯ дӯстони Худ мешуморад:

Матто 9:9–13 .....

Марқӯс 14:3 .....

Луқо 7:36 .....

Инҷили Луқо 19:1–10-ро хон. Исои Масеҳ аз „боҷгирону гунаҳкорон“ дурӣ намекашид, ба ин нигоҳ накарда Ӯ мисли онҳо рафтор намекард. Ту аллакай ҳикояи шиносшавии Исои Масеҳ ва Заккайро медонӣ, ба фикри ту, кӣ ба кӣ таъсир кард? Аз ин ҳикоя ту чӣ сабақ гирифтӣ?

34. Писарон ислоҳнопазир ҳастанд

Асотир оиди мардони ҳақиқӣ

Бовар кунед, гапҳоеро ки писарони синфҳои болоии мактаб дар ҷойи либоскашӣ мегӯянд, ҳеҷ кадомашон намехоҳанд, ки ба гӯши модарашон расад.

Саид сачоқро сӯи ту партофта, мегӯяд: „Эй, Диловар, вохӯрӣ бо Малика чӣ хел гузашт?“ Бачаи дар наздат буда бо оринҷаш ба паҳлӯят зада мегӯяд: „Ягон кор кардӣ?“

Касе бо шавқ мегӯяд: „Вай чӣ хел будааст, шӯхакак-мӣ?“

„Пагоҳӣ дар бистар наҳорӣ кардед?“

Сипас қаҳ-қаҳи баланд, имову ишораҳои беадабона, нидоҳои густохона ва фарёдҳои ваҳшиёна ба монанди „пуси-пуси“, ё „ҳа, арӯсак биё, биё“ дидаву шунида мешаванд.

Ба аксарияти писарбачаҳо чунин ҳолат шинос аст. Ва ҳатто бо ҳамсинфонат ҳамфикр набошӣ ва ба саволҳояшон ҷавоби мусбат надиҳӣ ҳам, ба ҳар ҳол маҷбурӣ вонамуд созӣ, ки ба „мақсадат“ расидӣ ва „ин“ аллакай буд, ва ту аллакай чӣ будани сексро дар амал медонӣ. Агар ту инро накунӣ, бо ту ҳоҷати гап задан ҳам нест. Чунки секс — дар раванди ташаккулёбӣ зинаи муайяне мебошад. Агар бо зане хоб нарафта бошӣ, туро марди ҳақиқӣ ҳисоб намекунанд.

Ин асотир аст. Дурӯғи шайтон.

Ҳангоми маъракаи миллӣ, ки таҳти шиори „Барои чӣ интизор бояд шуд?“ гузашт, ман инро аллакай ба ҳазорон навҷавонони кишвар гуфтам. „Бо секс машғул шудан ба марди ҳақиқӣ будан чӣ алоқа

дорад? Ҳатто навраси дувоздаҳсола бо секс машғул шуда метавонад!“ Сипас чунин гуфтам: „Аммо барои „не“ гуфтан ҳақиқатан мардонагӣ лозим аст“.

„Ҳақиқатан ҷасур будан лозим аст, то ки қомат рост намуда, бовиҷдонона бигӯй: „Гӯш кун, ман ҳоло алоқаи ҷинсӣ доштан намехоҳам“. Покдоманӣ — дар асл чизест, ки бо он фахр бояд кард!“

Алоқаи ҷинсӣ доштан осонтар аст. Барои ин одами ба балоғат расида ё дорои хислати устувор будан шарт нест. Аммо зидди хоҳиши тӯда амал кардан — ҳақиқатан душвор аст. Ана дар куҷо хислат, қувва ва мардонагӣ даркор ҳастанд.

Шояд шумо надонед, лекин дар Китоби Муқаддас якчанд воқеаҳои васвасаи алоқаи ҷинсӣ ва гуноҳҳо тасвир шудаанд. Хуб мешуд, агар ҳар кас аз онҳо бохабар мебуд. Яке аз онҳо бо Юсуф рӯй дод.

Юсуф дар хонаи як дарбории мисрӣ, ки Фӯтифар ном дошт, кор мекард. Дар Китоби Муқаддас ҳама чиз кушоду равшан тасвир ёфта-аст:

> ...Ва Юсуф хушандом ва хушрӯй буд.
> ...Зани оғояш бар Юсуф чашм андохта,
> гуфт: „Бо ман бихоб“.
>
> *Ҳас. 39:6–7*

Юсуф ба осонӣ метавонист ин корро кунад. Сипас, эҳтимол, дар ҷои либоскашӣ ҳавобаландона қадам зада, худро таъриф мекард. Охир имконият пайдо шуда буд, ки „марди ҳақиқӣ“ будани худро тасдиқ намояд.

„Вале ӯ розӣ нашуд“, — навишта шудааст дар Китоби Муқаддас. Ҳамин тавр ӯ якчанд маротиба хоҳиши зани хоҷаашро рад кард, ва дар натиҷа аз озодӣ маҳрум шуда, ба зиндон афтод. Лекин Юсуф хислати устувор, далерӣ ва мардонагӣ дошт. Чунки Юсуф марди ҳақиқӣ буд.

Чунки танҳо марди ҳақиқӣ дар ҷойи либоскашӣ ба фишори „афкори умум“ тоқат карда метавонад. Танҳо марди ҳақиқӣ метавонад бо тамоми қувваташ принсипҳои худро пайравӣ намояд. Танҳо марди ҳақиқӣ ба тӯда зид баромада метавонад. Танҳо марди ҳақиқӣ дар чунин ҳолат „не“ гуфта метавонад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди мардони ҳақиқӣ вазифаи зеринро иҷро намо.

Ҳастӣ 39:1–9-ро хон. Юсуф имконият дошт, ки бо зани Фӯтифар хоб равад. Ӯ ба пешниҳоди вай чӣ ҷавоб дод (ояти 8)? Ӯ ду сабаби рад намуданашро мегӯяд (оятҳои 8,9). Он сабабҳоро номбар кун.

Ҳастӣ 39:10-ро хон. Юсуф бо ин васваса чанд бор рӯ ба рӯ шуд? Чӣ тавр ӯ аз ин васваса канорачӯӣ мекард?

Ҳастӣ 39:11–23-ро хон. Вақте ки Юсуф бо зани Фӯтифар танҳо монд ва ӯ боз вайро ба васваса меандохт, вай чӣ кор кард? Дар натиҷа Юсуф барои рафтори некаш ҷазо дид, лекин барои бар зидди Худованд гуноҳ накарданаш ӯ чӣ гуна баракат ёфт (оятҳои 20–23)?

35. Нофи замин ва маркази коинот

Асотири худпарастон

Гӯш кун, ту, каллаварам! Ба ман фарқ надорад, ту чӣ хел инро мекунӣ, лекин ин ҷадвалу маълумотҳо бояд дар рӯи мизи ман бошанд! Худи ҳозир!“

Лайлои Каримзод гӯшаки телефонро бо қаҳр ба ҷояш партофта, номи ҷонишинашро гирифта дод зад. Мебели бахмалин ва деворҳои бо чӯби сиёҳ оро додашудаи офис шаҳодат медоданд, ки соҳибаш мақоми баланд дорад. Дар лаби миз китобе меистод, ки оиди ниятҳои хонандаи худ аниқ мегуфт, — „Чӣ тавр дар ҳама чиз якум бояд шуд“. Лайло дар корхона зуд баланд шуд, чунки ба манфиатҳои дигарон нигоҳ накарда, ба сӯи мақсади худ мешитобид. Ӯ комилан парво намекард, ки барои гирифтани вазифа одамони бисёрро хор кард. Ӯ фурӯтании бардурӯғ надошт, ҳисси муҳимияти шахсӣ бошад ба вай ҳаловати ҳақиқӣ мебахшид.

Ҷонишин ба кабинет даромад, ва Лайло ӯро фармонборон менамуд.

„Худи ҳозир ин махлуқи каллаварам Собирро ба ин ҷо биёр. Ва ба Азиза гӯй, ки ҳама корашро партофта, бо ҳисоботҳои ман машғул шавад...“

Ӯ дар сухан дармонд. Ким-чӣ дар нигоҳи котиба водор намуд, ки ӯ дармонад.

„Духтаратон... — гуфт ҷонишин. — Дояаш занг зада буд. Шаҳноза аз майдончаи кӯдакон гум шудааст“.

Лайло зуд телефонро ба даст гирифт. Ӯ ба гӯшаки телефон дод зада, бо суръати баланд саволҳо медод. Дар охир ӯ телефонро монда, ба

ҷонишинаш наъра зад: „Аз таги замин бошад ҳам, шавҳари пештараамро ёфта биёр. Ба вай гӯй, ки ХУДИ ҲОЗИР ба пеши доя равад“.

Дар як лаҳза Лайло ба „БМВ“-яш савор шуда, ба кӯчаи шаҳр баромад. Вай бисёр сигнал медод, ва бо суръати баланд мошинро ин тарафу он тараф кашида, ба хонаи доя наздик мешуд. „Агар бо вай ягон чиз шуда бошад, ман худамро мекушам“. Ӯ ба светофори сурх нигоҳ накарда, гузашт. „агар ӯро наёбам чӣ? Ба ман ёрӣ даркор“.

Мошин бо суръати баланд ба хамгашти кӯча тоб хӯрд. „Кӣ ба ман ёрӣ дода метавонад? — Ин фикр ӯро ба даҳшат оварда. — Кӣ ба ман ёрӣ медиҳад?“

Баногоҳ Лайло фаҳмид, ки ба сабаби худро маркази коинот ҳисобиданаш ҳеҷ кас надошт, ки ба ӯ ёрӣ диҳад. „Ман фикр мекардам, ки ҳеҷ вақт ба ман касе даркор намешавад. Ман ҳамеша тавре рафтор мекардам, ки гӯё дигарон ҳеҷ аҳамияте надошта бошанд... Гӯё ягона одами муҳим ман бошам“.

Лайло қариб расида буд. Вай ба чорраҳа наздик шуда, суръатро оҳиста паст кард ва милисаро дар вақташ дида, мошинро нигоҳ дошт. Ғазаби ӯ мисли оташфишонии вулкан буд. Ӯ милисаро, ки дар хати роҳгузар меистод, шинохт. Ӯ солҳои зиёд дар ин чорраҳа меистоду ҳаракати мошинҳоро танзим мекард ва ба роҳгузарии мактаббачагон ёрӣ медод. Андоми ӯ ба Лайло ҳамеша лоғар ва ношоям метобид. Илова бар ин ӯ акнун сабабгори истодан ва гум кардани вақти қимат вай буд. Ӯ хост даҳон кушода, ӯро лаънат хонад, валекин дид, ки ӯ дасти кӯдакеро — кӯдаки вай, Шаҳнозаро медорад!

Лайло дарро кушода, бо шаст сӯи мӯйсафед давид. Ӯ духтари сесолаи табассум карда истодаашро аз дасти ӯ канда гирифта, бо ҳисси миннатдорӣ ӯро сахт ба оғӯш кашид. Лайло, роҳбари иҷроияи корхонаи калон, баногоҳ худро ба таври ҳайратангез хурд ва нотавон ҳис кард.

Мӯйсафед бошад ногаҳон ба ӯ одами бисёр муҳим намуд.

Лайлои Каримзод худпараст буд: аз ҷумлаи онҳое ки худро маркази олам меҳисобанд. Ҳар худпараст худро аз дигарон баландтар меҳисобад ва тахминан чунин фикр мекунанд: „Ҳамаро фаромӯш кардан даркор. Агар ман аз зиндагӣ дилхоҳамро гирам, ҳақиқатан хушбахт хоҳам шуд“.

Аммо ин асотир аст.

Одамоне ки чунин принсип доранд, албатта, рӯзе ба сарвату қудрат ноил мешаванд, лекин онҳо аз танҳоӣ ва ноумедӣ гурехта наметавонанд.

Исои Масеҳ таълим медод, ки ҳар яки мо, ҳатто кӯдаки хурдтарин

дар пеши чашми Худо пуразриш аст. Ва агар шумо пуразриш будани одамони гирду атрофатонро эътироф намоед, хушбахттар хоҳед шуд. Ин эътироф хушбахтии шуморо камтар намекунад. Исои Масеҳ бисёр вақт ин ҳукмро такрор мекард: „Ёри худро мисли худ дӯст бидор“. На камтар аз худ. Ва на бисёртар аз худ. „Ёри худро мисли худ дӯст бидор“.

Суханони шоир Ҷон Дон низ ба ин даъват мекунанд:

Ҳа, одам — ҷазира нест,
Балки қисми қитъаест.
Ва фаҳмидан мушкил аст,
Ки дасти Худо

Андохтааст моро чунин
Ба гирдоби одамӣ,
Ки бо ҳар марги навин
Қисме аз ту мемирад.

Ва гар садо диҳанд
Зангӯлаҳои дафн,
Андеша намо бо андӯҳ
Оё ту набошӣ сабабгор.

Худо туро маркази олам наофаридааст. Лекин Ӯ мехоҳад, ки дар маркази ҳаёти *ту* бошад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотири худпарастон вазифаи зеринро иҷро намо.

Дар ҳар порчаи номбаршудаи Китоби Муқаддас оиди худпарасте сухан меравад. Ҳар порчаро хонда, ба ду савол ҷавоб навис: дар бораи кадом худпараст(он) сухан меравад? Ва бо вай(ҳо) чӣ мешавад?

2 Подшоҳон 15:1–12; 18:17 .....

3 Подшоҳон 1:5–6; 42–53 .....

Ишаъё 14:3–4; 12–15 .....

Матто 20:20–28 .....

36. На зебо, балки махлуқи аъҷуба

Асотир оиди соҳибҷамол аз муқова

Намуди зоҳирии Кэтрин ба ӯ имконият дод, ки дар саҳифаҳои маҷаллаҳои „Вог“ ва „Мадемуазел“ худнамой кунад. Андоми хуши ӯ гӯё барои либоси сиёҳи базм офарида шуда буд. Ӯ бо зебу дилрабоии худ ҳар шабнишинии дабдабаноки одамони бениҳоят сарватмандро оро дода метавонист. Аммо ӯ дар чоҳи канализатсионӣ чӣ гум карда бошад?

Кэтрин (Линда Гамилтон), қаҳрамони телесериали машҳур „Соҳибҷамол ва аъҷуба“, зуд-зуд ба лонаи зеризаминии (дар асл тоннели партофташудаи метро) Висент (Рон Перлманн) меравад, ки вай нимодаму нимаъҷуба мебошад. Бигзор ин ҳикояи кӯҳна дар қуттии нав бошад. Лекин ба ҳар ҳол як савол маро ором намегузорад: „*Ӯ дар вай чӣ ёфта бошад-а*?“

Охир дар асл ин духтари зебо, ки гӯё аз муқоваи маҷаллаи мӯд баромада бошад, ногаҳон ба ҷавоне ошиқ мешавад, ки мисли даҳшати шаб бадафт аст ва илова бар ин дар зери замин зиндагӣ мекунад. Ин хел намешавад!

Албатта ин ҳикоя мувофиқи қонунҳои жанри кино сохта шудааст. Винсент ба Кэтрин на аз рӯи намуди зоҳирӣ маъқул мешавад, балки бар *хилофи* он. Ӯ ҳамон одамеро дӯст медорад, ки паси ниқоби шер ниҳон аст. Вай ӯро барои меҳрубонӣ ва дили нармаш дӯст медорад ва шояд боз барои овози аҷоибаш ҳам бошад. Ва албатта чунин ҳикояҳо маъқул мешаванд, чунки ин гуна муҳаббат бисёр дида намешавад.

Чунки бисёр одамон фирефтаи асотири соҳибҷамол аз муқова мегарданд. Лаҳзае мо дар ҳақиқат бовар мекунем, ки дар зиндагӣ

ҳама чиз ба он вобаста аст, ки мо ба назар чӣ гуна менамоем. Агар духтар ба Эл Макферсон ё писар ба Патрик Суэйзи монанд набошад, вай шавқовар нест. Аммо ин асотир аст.

Барномаҳои телевизион, маҷаллаҳо, кино — ва видеофилмҳо ҳамеша ба мо тимсолҳои тайёр пешниҳод мекунанд. Онҳо фаҳмиши чӣ зебову чӣ неро зӯран ба мо бор мекунанд. Илова бар ин расонаҳои хабарӣ кӯшида, моро бовар мекунонанд, ки зебоӣ зимнан хушбахтиро дар назар дорад. Акнун бошад, илтимос, ба назар гиред, ки ба масеҳӣ бадафт будан шарт нест. Аз тарафи дигар, албатта, ҳатман мисли соҳибҷамолоне ки шими „Ҷордаш“ ё косметикаи „Мейбеллин“-ро реклама мекунанд, будан даркор нест. Мо бояд аз худ кунем, ки мафҳуми зебоӣ ба ҷуз андоми хуш, мушакҳои дамкарда ва чашмони сиёҳ боз чизҳои бисёреро дар бар мегирад. Зебоии одам бисёртар ба олами ботинӣ ва хислати ӯ вобаста аст. Худо Довудро ҳамчун подшоҳи Исроил аз рӯи намуди зоҳирӣ интихоб нанамуд, зеро чуноне ки Ӯ гуфтааст:

> ...Он чи одам мебинад, ҳеҷ аст, зеро одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Худованд он чиро, ки дар дил аст, мебинад.
>
> *1Подшоҳон 16:7*

Бисёр вақт дар асл чуноне ки дар зиндагӣ мебинем, зебоӣ баракат нест. Шояд аҷоиб намояд, лекин баъзан зебоӣ ба аъҷуба табдил меёбад ва сабаби рӯҳафтода шудани духтарон мешаваду ҷавонон иззати нафси худро гум мекунанд. Одамони „зебо“-и бисёре вуҷуд доранд, ки ҳисси танҳоӣ, бепаноҳӣ ва нодаркорӣ мекашанд.

Ростӣ дар он аст, ки агар шумо хушбахтии худро дар ранги мӯй ё намуди либос бинед, он гоҳ ҳатман ноумед хоҳед шуд. Албатта тарзи либоспӯшӣ ҳам аҳамият дорад, лекин амиқтар нигоҳ карданро омӯзед ва қайд намудани чизҳоеро, ки дар оина дида намешаванд. Агар одаме ки пеши шумо меистад, ба шумо маъқул бошад, пас ба шумо он чиз маъқул аст, ки дида *наметавонед*, назар ба он чизе ки чашмонатон мебинанд.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди соҳибҷамол аз муқова вазифаи зеринро иҷро намо.

Дар Китоби Муқаддас оиди роҳи хушбахтӣ бисёр гуфта шудааст. Порчаҳои зеринро хонда, чизҳоеро, ки ба одам хушбахтӣ меоранд, навишта гир. Он чизҳоро дар хатҳои зерин навис. Сипас сатрҳоеро қайд намо, ки дар он хушбахтӣ ба зебой вобаста аст, гуфта шуда бошад.

[ ] Забур 143:15 .....

[ ] Забур 31:1 .....

[ ] Масалҳо 3:13 .....

[ ] Масалҳо 14:21 .....

[ ] Масалҳо 16:20 .....

[ ] Луқо 11:28 .....

[ ] Яъқуб 1:12 .....

[ ] 1Петрус 3:14 .....

37. Ман мисли ҳама

Асотир оиди он, ки бояд мисли ҳама рафтор кард

„Очаҷон, охир худатон фикр кунед, — мегуфт Зумрад бо овози раҳмовар. — Мо нашъамандӣ ё ягон чизӣ дигар намекунемку. Ин ҳамту шабнишинӣ-ку“.

„Агар дар хона аз калонсолон касе набошад, ту ба шабнишинии Фарҳод ё ягон каси дигар намеравӣ“.

„Боварам намеояд, ки шумо бо ман чунин рафтор мекунед, — гуфт Зумрад. Охир дар он ҷо ҳама шиносони мо ҷамъ мешаванд. Танҳо ман дар хона мемонам, чунки модари ман фикр мекунанд, ки чунин шабнишиниҳо барои ҷавондухтарон нестанд“.

То бегоҳи рӯзи якшанбе Зумрад бо модараш гап намезад. „*Имрӯзҳо ҳама ба чунин шабнишиниҳо мераванд*, — фикр мекар ӯ. — *Ҳамаи ин хурофотҳо кори гузашта ҳастанд. Аз замоне ки шумо ва падарам хурдсол будед, бисёр чиз тағйир ёфтааст*“.

Аммо рӯзӣ душанбе, пагоҳӣ, Зумрад бо ҳайрат фаҳмид, ки Зулайхо низ ба шабнишинии Фарҳод нарафтааст.

„Волидайни ман ҳеҷ гоҳ ба ман чунин чизҳоро раво намедонанд, — иқрор шуд Зулайхо. — Он ҷо ҳатто Таҳмина набуд“.

Зумрад фикр мекард, ки ба шабнишинии Фарҳод, ки бе назорати волидайн мегузашт, ҳама шиносонашон мераванд. Албатта, ӯ чун пештара аз модараш норозӣ буд, лекин худро хеле беҳтар ҳис мекард, на чун дар он рӯзе ки модараш ба он ҷо рафтанро манъ карда буд.

Зумрад нуқтаи назари маъмулӣ дошт, ки „агар инро ҳама кунанд, пас ба ман ҳам мумкин“.

Аммо ин асотир аст.

Инро *на ҳама* мекунанд. Баъзан, албатта, баръакс менамояд, лекин ҷавонони бофаҳм як рӯз дарк хоҳанд кард, ки одамони „ин“-ро мекардагӣ бисёр нестанд, бар хилофи он, ки одамони гирду атроф бовар кунондан мехоҳанд.

На ҳама то рӯзи никоҳ алоқаи ҷинсӣ мекунанд. Аз рӯи маълумоти ман зиёда аз 50% кӯдаконе ки дар оилаҳои масеҳӣ тарбия ёфтаанд, „ин“-ро *намекунанд*. Ва ин рақам хеле калон аст.

На ҳама сигарету нос мекашанд. Баъзе тадқиқотҳо нишон доданд, ки имрӯзҳо 80%-и ҷавонон тамоку намекашанд.

На ҳама май менӯшанд. Тадқиқотҳои зиёд нишон доданд, ки қариб 30%-и талабагони синфҳои болоӣ нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол намекунанд, ва 10%-и онҳо ҳатто начашидаанд.

На ҳама нашъамандӣ мекунанд. Маркази тадқиқотҳои иҷтимоӣ, воқеъ дар донишгоҳи Мичигин, маълумот додааст, ки хати каҷи истеъмоли нашъа дар байни наврасон паст мешавад. Аз ҳисоби умумӣ зиёда аз 40%-и ҳамаи ҷавонони америкоӣ аз ғайриқонунӣ истеъмол кардани нашъа даст кашиданд.

На ҳама имон гум мекунанд ё чуноне ки мегӯянд „аз синни имондорӣ гузаштаанд„. Тадқиқоте ки дар он ду ҳазор нафар наврасон иштирок карданд, нишон дод, ки 60%-и онҳо ба дин чун ба қисми муҳимтарини зиндагиашон нигоҳ мекунанд.

Бисёр вақт наврасон дурӯғи „ҳама ин тавр мекунанд“-ро истифода мебаранд, то ки рафиқон ва ҳамсолони худро фиреб карда, маҷбур кунанд, ки мисли ҳама рафтор намоянд. Аммо, ба фикри ман, ба асотири „ин“-ро ҳама мекунанд, бовар кардан даркор нест. Наврасони бисёр медонанд, чӣ тавр „не“ гӯянд. Ва шумораи онҳо рӯз ба рӯз зиёд мешавад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки „ин“-ро ҳама мекунанд, вазифаи зеринро иҷро намо.

Дар хатҳои зерин номҳои наврасонеро навис, ки „ин“-ро намекунанд (барои навиштани номи аз ҳама муҳим — номи худат шарм надор!).

Дар байни 30–40%-и то никоҳ алоқаи ҷинсӣ надоштаҳо инҳо ҳастанд:

.....

.....

.....

Дар байни 80%-е ки тамоку намекашанд, инҳо ҳастанд:

.....

.....

.....

Дар байни 30%-е ки машруботи спиртӣ наменӯшанд, инҳо ҳастанд:

.....

.....

.....

Дар байни 40%-е ки аз ғайриқонунӣ истеъмол кардани нашъа даст кашидаанд, инҳо ҳастанд:

.....

.....

.....

Дар байни 60%-е ки имонро қисми муҳимтарини зиндагиашон мешуморанд, инҳо ҳастанд:

.....

.....

.....

38. Секс калимаи ифлос нест

Асотири пуританҳо

Яке аз сабабҳои машҳур шудани тимсоли Дана Карвей, хонуми калисоӣ, қаҳрамони сериали „Дар бегоҳи шанбе“, дар он аст, ки он фаҳмиши маъмулии одамонро оиди масеҳият акс менамояд. Рафтори риёкоронаи ин зан, ки либоси сиёҳи дароз мепӯшад, ба фаҳмише мувофиқат мекунад, ки аз рӯи он масеҳиён ба секс ҳамчун ба як чизи нанговар ва ношоям нигоҳ мекунанд. Бисёриҳо фикр мекунанд, ки пайравони Исои Масеҳ ба Худое бовар мекунанд, ки сексро (алоқаи ҷинсиро) маҳкум мекунад.

Ин асотир аст.

Секс калимаи ифлос нест. Ин чизи айб, нораво ё ношоям нест.

Набояд исрор намуд, ки Худо ба секс зид асту аз он нафрат дорад. Охир Ӯ ҳамонест, ки онро офаридааст! Ӯ ба ҳама чиз оғоз башидааст. Дар китоби Ҳастӣ тасвир шудааст, ки чӣ гуна Худо оламро меофарид, ва дар он ҷо чунин калимаҳо ҳастанд:

> Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид,
> ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду
> зан офарид.
>
> *Ҳастӣ 1:27*

Ӯ марду занро бо аломатҳои ҷинсии мувофиқ офарида, ба онҳо шаҳват ва хоҳиши табиӣ бахшид. Сипас Ӯ ба ин офаридаҳои шаҳватдор нигоҳ карда, чуноне дар Китоби Муқаддас омадааст,

...дид, ва инак, хеле хуб аст.

Ҳастӣ 1:31

Аз худи аввал секс дар нақшаи офариниши дунё буд. Вақте Ӯ ба марду зан гуфт: „Борвар ва афзун шавед“, албатта, Ӯ дар назар дошт, ки алоқаи ҷинсӣ маҳз барои ҳамин вуҷуд дорад.

Дар Китоби Муқаддас якчанд тасвири хеле ошкорои муносибатҳои ҷинсӣ ҷой доранд. Забони китоби Суруди сурудҳои Сулаймон, ки чун достони ишқӣ навишта шудааст, бешубҳа, хонуми калисоиро дар хиҷолат мемононд.

Фиристаи Павлус оиди муносибатҳои ҷинсӣ ба калисои Қӯринт маслиҳати ҳаётан муҳиме дод. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар Китоби Муқаддас аниқ гуфта шудааст, ки муносибати ҷинсӣ танҳо барои ҳаловати зану шавҳар офарида шудааст.

Бигзор никоҳ аз ҳар ҷиҳат ҳалол бошад,
ва ҷойхоби он беайб; зеро ки зинокорон ва
фосиқонро Худо доварӣ хоҳад кард.

Ибриён 13:4

Худо сексро офарид; одам бошад онро аз чорчӯбаи никоҳ бароварда, расво кард. Худо сексро офарид, то ки марду зан аз муносибати ҷинсӣ ҳаловат баранд ва аз ин хурсанд ва қаноатманд гашта, бо ҳамдигар пурра як шаванд, лекин одамон тӯҳфаи Худоро вайрон карданд.

Вақте Худо гуфт: „Зино накун“, ки маънояш „алоқаи ҷинсии бадахлоқона накун“ аст, Ӯ миҷинги коинот будан намехост, ва Ӯ хурсандии шуморо нобуд карданӣ набуд, баръакс, Ӯ шодиеро, ки танҳо муҳаббат дода метавонад, дӯст медорад. Худо мехоҳад, ки шуморо аз нобоварӣ ё гумони бад муҳофизат намояд ва ба шумо эътимод диҳад, ки он шарти асосии муҳаббати ҳақиқӣ, никоҳ ва муносибати ҷинсӣ мебошад.

Ӯ мехоҳад, ки моро аз тарси хатари бемориҳо, ки ҳангоми алоқаи ҷинсӣ сироят мекунанд, муҳофизат намояд, то ки дар никоҳ ҳангоми муносибатҳои ҷинсӣ мо ором ва дилпур бошем.

Ӯ мехоҳад, ки моро аз муносибатҳои харобкунанда, ки ба таври сунъӣ сохта шуда, ба оиладории бадбахтона мебаранд, халос кунад, то ки мо ба сабаби бо касе алоқаи ҷинсӣ доштанамон маҷбуран оиладор нашавем.

Ва дар охир Ӯ мехоҳад, ки покдомании моро нигоҳ дорад, то ба

мо яке аз бузургтарин атоҳои муҳаббатро диҳад, ки онро одам ба маҳбуби худ дар шаби никоҳ дода тавонад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотири пуританҳо вазифаи зеринро иҷро намо.

Масалҳо 5:1–23-ро хон. Ба фарқияте аҳамият деҳ, ки хирадманд дар байни секси дар никоҳ ва секси ғайриқонунӣ мебинад. Хусусан оятҳои 18 ва 19-ро қайд намо, ки муносибати ҷинсии зану шавҳарро тасвир мекунанд.

Суруди сурудҳо, бобҳои 3–5-ро хон. Дар ин шеъри ишқӣ ҳаловати эҳсосотӣ (яъне на танҳо секс) тасвир шудааст, ки онро Худо ба воситаи мард ба зан ва ба воситаи зан ба мард медиҳад.

39. Оиди ботинка, киштиҳо, харчангҳо ва баъзе чизҳои дигар

Асотири анархистон (худсарон)

Харчанг Сафол, дар таги баҳр шитобон давида, зери санги оилавияшон даромад.

„Ман озод будан мехоҳам! — дод зад ӯ ба падараш. — Намефаҳмам, барои чӣ ту маро маҷбур мекунӣ, ки ин зиреҳи аҳмақонаро бисту чор соати шабонарӯз бардошта гардам? Вай ҳаракати маро душвор мегардонад! Вай зебоии маро нобуд мекунад. Як ҷӯраи ман мехоҳад бар зидди зиреҳҳо гурӯҳи эътироз ташкил кунад ва ман ба он гурӯҳ ҳамроҳ шуданӣ ҳастам!“

Падари вай, харчанг Набот, нафасашро рост кард ва чанголи вазнинашро ба китфи Сафол монд (харчангҳо ҳам китф доранд, лекин фақат бо воситаи харчанги дигар фаҳмидан мумкин аст, ки дар куҷо китф тамом мешаваду дар куҷо тахтапушт сар мешавад). Сафол чашмонашро боло кард.

„Писарам, — гуфт Набот, — мехоҳам як воқеаро ба ту нақл кунам“.

„Падар, ман аз ҳар гуна воқеаҳои...“

„Ин воқеа бо Сафар ном одаме рӯй дод, ки ба мактаб пойлуч рафтан мехост. Ӯ шикоят мекард, ки ботинкаҳояш ҳаракати ӯро душвор мекунанд. Боз ӯ мегуфт, ки онҳо зебоии вайро нобуд мекунанд. Ӯ бисёр мехост, ки аз онҳо халос шавад, то ки пойлуч рӯи гулу алафи

саҳро давутоз кунад. Оқибат модараш розӣ шуд. Ӯ тирвор аз хона баромад — медонӣ баъд чӣ шуд?“

Сафол мехост даҳон кушояд, лекин падараш нақлашро давом дода, нагузошт, ки ҷавоб диҳад.

„Сафар шишапораеро бо пояш зер кард. Сипас лозим шуд, ки бо бист чок пояшро дӯзанд, ва ба занги охирин духтари дӯстоштааш бо кадом як ҷавони дигар рафт“.

„Воқеаи хеле ахмақона будааст, падар“.

„Шояд, писарам, лекин гап дар он аст, ки ҳар харчанг рӯзе инро аз сар мегузаронад, вай фикр мекунад, ки агар аз зиреҳҳояш озод шавад, зиндагияш хубтар хоҳад буд. Лекин ин ба он монанд аст, ки маллоҳе аз киштӣ, ки озодии ӯро маҳдуд мекунад, безор шуда, худро ба баҳр меандозад. Вай метавонад фикр кунад, ки ин озодӣ аст, аммо агар ба киштӣ барнагардад ё ба соҳил набарояд, ғарқ мешавад, пас ин чӣ гуна озодӣ будааст?“

Сафол дар бораи суханони падараш фикр мекард.

„Ба наздикӣ ту аз зиреҳат ҷудо мешавӣ, писарам“, — гуфт вай, ва афсӯс хӯрд, ки инро пеш аз мӯҳлат ба ӯ мегӯяд.

Харчанги ҷавон ҳайрон шуд.

„Ҳа-ҳа, ту дуруст шунидӣ, — гуфт ба ин падараш Набот. — Бо ҳама харчангон вақте ки онҳо ба воя мерасанд, ҳамин тавр мешавад. Аммо, — давом дод ӯ ва дар оҳанги овозаш огоҳӣ шунида мешуд, — вақте ин рӯй медиҳад, ту бисёр суст хоҳӣ шуд. То даме ки зиреҳи нават мисли ин сахт мешавад, — вай тақ-тақ карда, ба зиреҳи писараш зада монд, — ту бояд аз пештара зиёдтар эҳтиёт шавӣ ва хушёр бошӣ. Бе ин зиреҳ ту худро камтар озод ҳис хоҳӣ кард“.

„Ҳамаи ин бисёр аҷоиб, падар, — гуфт Сафол. Ҳеҷ гоҳ дар ин бора фикр накарда будам. Ту мехоҳӣ гӯй, ки баъзан он чизе ки гӯё озодии моро маҳдуд мекарда бошад, дар ҳақиқат имкон медиҳад, ки мо ҳарчи зиёдтар озод бошем. Ман туро дуруст фаҳмидам?“

Харчанг Набот чанголи калони худро ба тахтапушти писараш гузошт, ва онҳо якҷоя аз таги санги оилавиашон хазида баромаданд.

„Аз куҷо писари ман ин қадар доно бошад?“ — пурсид вай.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотири анархистон вазифаи зеринро иҷро намо.

Бисёриҳо чунин ақида доранд, ки Даҳ аҳком ва тамоми таълимоти Исои Масеҳ озодии одамонро маҳдуд менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар асл аҳкомҳо ба онҳое ки ононро иҷро мекунанд, озодии ҳақиқӣ мебахшанд.

Хуруҷ 20:1–17-ро хон. Иҷрои ин аҳком чӣ гуна озодӣ дода метавонад? (Масалан иҷрои ҳукми шашум метавонад туро аз тарси сирояти беморӣ, ки ҳангоми алоқаи ҷинсӣ мешавад, озод намояд.) Ҷавобҳои худро навис:

.....

.....

.....

Инҷили Матто 5:1–12-ро хон. Агар ба насиҳатҳои Исои Масеҳ, ки дар ин оятҳо навишта шудаанд, гӯш диҳӣ, ба чӣ гуна озодӣ ноил мегардӣ?

.....

.....

Инҷили Юҳанно 8:36-ро хон. Онро навишта гир.

.....

.....

.....

40. Вақте ки нафасат мегирад

Асотир оиди муҳаббат аз нигоҳи аввалин

Рӯзи якуми мактаб ман назди ҷевони худ меистодам ва бо бачаҳо, ки маро иҳота карда буданд, дар ҳар хусус гап мезадем — дар бораи чӣ гап задани бачаҳоро худатон медонед-ку. Ногаҳон — вай даромада омад.

Аз дақиқаи аввалини диданам ман фаҳмидам, ки ин духтарак барои ман офарида шудааст. Бачаҳо, вай худи камолот буд. Ман мӯйҳои зебои ӯро, ки ба китфҳояш мерасиданд, дида ҳуш аз сарам канд. Ӯ чунон сафедрӯй буд, ки гӯё аз шир офарида шуда бошад. Андоми ӯ бошад сари ман барин ҷавони ҳабдаҳсоларо дар як лаҳза гирд занонда метавонист.

Ман ошиқ шудам. Аз нигоҳи якум, мефаҳмед? Ба ҳар ҳол дар бораи худам инро аниқ гуфта метавонам. Албатта, ба ҷалб намудани диққати ӯ ва барои вохӯрӣ розӣ намудани „турки шерозӣ“ якчанд муддат лозим шуд. Сипас ҳамааш дар навбати худ — тӯй, кӯдакон таваллуд шуданд, ва баъд мо хушбахтона умри дароз дидем“.

Ҳа, агар муҳаббати ҳақиқӣ ояд, ҳамин тавр мешудааст. Муҳаббат аз як нигоҳ. Баъзан нигоҳе ба духтар ё писар басанда аст, то ки ошиқ шавӣ ва фаҳмӣ, ки муҳаббати тамоми ҳаётат ҳамин одам аст.

Ин асотир аст. Шояд баъзан, аз сад як бор, ҳамин хел ҳам шавад. Лекин ин ҳодисаҳои ягонаро муҳаббати ҳақиқӣ шумурдан хатои хатарнок аст.

Мо одатан фикр мекунем, ки муҳаббат пеш аз ҳама ҳиссиёт аст: як дунё эҳсосот, хун ба сарат мезанад, нафасат мегирад. Аммо дар

Китоби Муқаддас оиди муҳаббат гуфта мешавад, ки он пеш аз ҳама амал аст; на он чи ту *ҳис* мекунӣ, балки он чи ту *мекунӣ*.

Дар тасаввуроти одамони бисёр муҳаббат чун Олами Нав барои Колумб аст — ту онро махсус ҷустуҷӯ намекунӣ, ва ногаҳон вай пайдо мешавад! Ана! Муҳаббат! Дар асл ҳама чиз баръакс аст. Муҳаббат ба гули хушбӯйе монанд аст, ки дар боғ мерӯяд, — ту тухм мекорӣ, онро об медиҳӣ, ғизо медиҳӣ, аз ҳар гуна хатарҳо ҳимоя мекунӣ ва баъди рӯзҳои зиёд, ҳафтаҳо ва моҳҳо растанӣ гул мекунад. Ва агар ту обу ғизо доданро давом диҳӣ, он гул кардан мегирад.

Шояд муносибатҳои зиёд маҳз аз ҳамин сабаб хуб намешаванд, ки одамон ҳамин чизро намефаҳманд: касоне ки аз болои ҳиссиёти худ кор мекунанд, кам ёфт мешаванд. Одамони кам фикр мекунанд, ки тухмро об бояд дод. Кам одамон ба тӯфоне ки растаниро решакан карда метавонад, тайёр ҳастанд. Кам одамон мехоҳанд бо замин сару кор дошта бошанд. Дар натиҷа танҳо ба баъзе касон муяссар мешавад, ки аз бӯи муҳаббати ҳақиқӣ ҳаловат баранд.

Оиди фаъол будани муҳаббат фириста Павлус чунин навиштааст: „Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред, чунон ки Масеҳ низ ба Калисо муҳаббат дошт...“ Масеҳ калисоро чӣ гуна дӯст дошт? „[Ӯ] Худро аз барои он таслим намуд... Ҳамин тавр бояд шавҳарон занони худро мисли ҷисми худ дӯст доранд: он ки зани худро дӯст медошта бошад, худро дӯст медорад. Зеро ки ҳеҷ кас ҳаргиз ҷисми худро бад намебинад, *балки онро ғизо медиҳад ва гарм мекунад*, чунон ки Худованд низ Калисоро“ (Эфсӯсиён 5:25, 28–29, *курсиви муаллифон*).

Шумо метавонед мисли пештара духтари зеборо дида, ба ҳаяҷон оед. Агар ягон марди номдор ба шумо аҳамият диҳад, шумо метавонед саратонро гум кунед. Аммо ин муҳаббат нест. Ин вақд аст, на ҳиссиёти созанда, ки барои аз тухми хурдакак рӯёндани гули хушбӯй илҳом мебахшад.

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди муҳаббат аз нигоҳи аввалин вазифаи зеринро иҷро намо.

1 Қӯринтиён 13-ро хон. Ин боби машҳурро фириста Павлус ба муҳаббат бахшидааст. Онро хонда, чизҳоеро, ки муҳаббати ҳақиқиро ифода мекунанд, навис:

Муҳаббат ..... аст, муҳаббат ..... намебарад, муҳаббат ..... намешавад.

..... намекунад, ... толиб нест, ... намеояд, ... намегирад. Аз ..... намешавад, балки ..... мешавад; Ҳама чизро .... мекунад, ба ҳама чиз ..... дорад, ба ҳама чиз ..... мебандад, ба ҳама чиз ..... меоварад. Муҳаббат ҳаргиз ..... намеёбад.

Акнун ба он чизе ки навиштӣ, нигоҳ карда, гӯй, ки чанд тавсифи муҳаббат ба ҳиссиёт дахл дорад? Чанди он ба амал?

41. Худат худатро шифо дех

Асотири гуманистон (одамдӯстон)

Икрому Воҳид дар маркази савдо гашта, пеши мизе истоданд, ки пур аз китоб буд. Дар он тарафи миз марду зане нишаста, ба онҳо табассум мекарданд.

„Агар чизе маъқул шавад, ба ман гӯед“, — гуфт мард.

Баъзе китобчаҳоро бепул гирифтан мумкин буд, масалан китобчаеро, ки „Исо ҳеҷ гоҳ вуҷуд надошт“ ном дошт. Дигаронаш нархи муайян доштанд, лекин номҳояшон, ки оиди осоиши умумиҷаҳонӣ, таҳсилот, ҷудо будани калисо ва давлат нақл карданро ваъда мекарданд, бисёр ҷозибона садо медоданд.

„Ту ба ин нигоҳ кун“, — Икром китоби ғафсеро медошт, ки „Роҳнамои Китоби Муқаддаси Айзек Азимов“ ном дошт.

„Ман дар бораи ин одам шунидаам“, — гуфт ӯ.

„Ҳа албатта, — мард аз ҷояш хеста, ба рӯи миз хам шуд. — Ин китоби хеле хуб аст. Дар он на танҳо фактҳои номашҳури Тӯфон ва фирор аз баҳри Сурх ошкор мешаванд, балки чизҳое маълум мешаванд, ки оиди онҳо дар Китоби Муқаддас *сухане гуфта нашудааст*. Дар он нишон дода шудааст, ки чӣ тавр ривоятҳои навиштаҷотӣ бо фактҳои таърихӣ якҷоя шуда, таърихи одамизодро аниқтар тасвир мекунанд.

„Ҳа, албатта“. — Воҳид ба мард сар ҷунбонд, аммо китобро аз дасти Икром гирифт ва ба рӯи миз ниҳод. „Ку рафтем аз ин ҷо“, — гуфт ӯ.

„Бо ту чӣ шуд, — пурсид Икром, вақте ки онҳо аз миз якчанд қадам дур шуданд. — Барои чӣ мо ин хел зуд аз он ҷо рафтем?“

Воҳид китфҳояшро бардошта гуфт: „Намедонам. Лекин ин ҷо чизе нодуруст аст“.

Воҳид боақлона рафтор кард. Ӯ ба гапҳои бофтаи гуманистони ҷаҳонӣ, ки идеяҳошонро баъзан фарқ кардан намешавад, лекин онҳо ҳамеша ба Китоби Муқаддас, калисо ва масеҳиён зид мебароянд, дода нашуд.

Гуманистон фикр мекунанд, ки танҳо худи одамон дунёро наҷот дода метавонанд. Худо одамро наҷот дода наметавонад, гумон мекунанд онҳо, чунки Худо вуҷуд надорад. Дин низ одамро наҷот дода наметавонад, чунки дин фиреб аст. Гуманист бояд наҷот, осоиш ва беҳбудиро на дар осмон, балки дар худ ҷӯяд.

Гуманистон фикр мекунанд, ки ягона умеди наҷоти шахсӣ ва беҳтар намудани ҷаҳон дар он аст, ки одам бояд тарзи фикрронии диниро тарк намуда, бовар кунад, ки бовари пурра ба ҳеҷ чиз одамро наҷот медиҳад ва танҳо ба худ умед бояд баст. Онҳо самимона бовар мекунанд, ки одам худаш ва дунёи гирду атрофашро бе ёрии Худо аз бадӣ озод карда метавонад.

Ин асотир аст.

Таърихи одамизод тасдиқ мекунад, ки ба пешравии техникӣ нигоҳ накарда, мо олиҳимматтар, некӯкортар намешавем. Ҳаракати гуманистон осоиш илова накардааст ва ҷангҳоро нобуд нанамудааст. Одам ҳамаи мушкилиҳояшро бо қуввати худаш ҳал карда наметавонад. Воқеаҳои асри XX худ шаҳодат медиҳанд: ду ҷанги ҷаҳонӣ, режими Гитлер, режими Сталин, режими кхмерони сурх, маккартизм, ку-клукс-клан, паҳншавии яроқи атомӣ, гурезаҳо, гуруснагӣ ва таъқибот — ҳамаи ин нишон медиҳад, ки умеди одамизод ба қувва ва ақли худ беҳуда аст.

Албатта, мо бояд саъю кӯшиш намоем, ки ҷанг нашавад, гуруснагӣ набошад, мо бояд бо бемориҳо ва ноинсофӣ муборизе барем. Лекин одамизод худашро наҷот дода наметавонад. „Дар ҳеҷ каси дигаре наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, — гуфта шудааст дар Китоби Муқаддас, — то ки ба василаи он наҷот ёбем“ (Аъмол 4:12).

Дар асри нав гуманистон аз онҳое ки дар бораашон фиристаи Павлус ҳанӯз дар садсолаи якум навишта буд, ба наҷот наздиктар нахоҳанд буд:

> Онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз
> карданд ва парастишу ибодат карданд

махлуқро ба ҷои Холиқе ки то абад
муборак аст, омин.

Румиён 1:25

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотири гуманистон вазифаи зеринро иҷро намо.

Ирмиё 16:20–21-ро хон. Ин суханон ба асотири гуманистон чӣ дахл доранд?

Забур 35:1–3-ро хон. Оё ин суханонро ба ақидаҳои гуманистон нисбат додан мумкин аст? Чӣ гуна?

Забур 36:39-ро хон. Мувофиқи ин оят оиди ояндаи умедҳои гуманистон, ки одам худашро наҷот дода метавонад, ба чӣ хулоса омадан мумкин аст?

Забур 61:1–3-ро хон. Калимаи „танҳо“ дар ин оятҳо чӣ маъно дорад? Барои чӣ он такрор мешавад? Ин оятҳоро бори дигар хонда, ба калимаи „ман“ аҳамият деҳ.

1 Қӯринтиён 3:11-ро хон. Мувофиқи ин оят ояндаи гуманистон чӣ гуна хоҳад буд?

42. Дар хона — беҳтар

Асотир оиди он, ки биҳиштро дар замин ҳам ёфтан мумкин аст

Белинда Карлайл ба наздикӣ дар байни бист суруди беҳтарин бо суруди „Биҳиштро дар замин низ ёфтан мумкин аст“ ҷойи якумро ишғол мекард.

Суруди бад не, лекин аз ҷиҳати илоҳиётшиносӣ нуқс дорад.

Албатта ин сурудро на танҳо ӯ месарояд. Шояд шумо онро дар иҷрои дигар кас ҳам шунида бошед.

„Медонӣ, ман чӣ фикр дорам?“ (Ту маҷбур ҳастӣ шунавӣ, ки духтаре ки бо ту дар як автобус меравад, ба ҷавони дар наздаш нишаста чӣ мегӯяд.) „Ман фикр мекунам, ки биҳишт дар даруни мост ва он ҳолати ҷон аст. Ту чӣ?“

Шояд ба шумо муяссар шуда бошад, ки тарафи дигари ин пластинкаро низ шунида бошед.

„Эй, ту, — мегӯяд дар қаҳвахона марди девсирате ба ҷавони пешбандакдор. — Аз сари ман чунин чизҳо гузаштаанд, ки дӯзах дар пеши онҳо ҳеҷ аст. Бо гуфтани ин суханон ӯ бо мушташ ба пештахта зарба мезанад: „Ҳеҷ гуна дӯзах ба он чи ман аз сар гузарондам, баробар шуда наметавонад“.

Бо вуҷуди ин дар Китоби Муқаддас аниқ гуфта шудааст, ки биҳишти *воқеӣ* ва дӯзахи *воқеӣ* вуҷуд доранд.

Исои Масеҳ ба пайравони Худ гуфт:

> Дар хонаи Падари Ман иқоматгоҳ бисьёр аст. ...Меравам, то ки барои шумо ҷой тайёр кунам.

Юҳанно 14:2

Инчунин Ӯ аниқ ошкор намуд, ки биҳишт ҳолат ё ҷоест, ки онро ҷустан лозим аст, вақте шогирдонаш хурсанд буданд, ки девҳоро аз одамон берун карда метавонанд:

> Аммо аз он шод нашавед, ки арвоҳ
> ба шумо итоат мекунанд; балки аз он
> шод бошед, ки номҳои шумо дар осмон
> навишта шудааст.
>
> *Луқ. 10:20*

Фиристаи Юҳанно бошад ҳангоми пирӣ дар рӯъёи биҳишт ва ояндаро мебинад, ки он дар охирин китоби Китоби Муқаддас, Ваҳй, сабт шудааст. Дар ин китоб ӯ оиди биҳишт маълумот медиҳад, ки дар он Худо ҳузур дорад, ва дар он „...мамот дигар нахоҳад буд; ва гиря ва фиғон ва дард дигар нахоҳад буд“, ва дар он ҷо „...бандагони Ӯ ба Ӯ хизмат хоҳанд кард. Ва рӯи Ӯро хоҳанд дид... ...ва то абад салтанат хоҳад ронд“ (Ваҳй 21:4; 22:3–5). Ба он духтар дар автобус, ки ба гумонаш биҳишт дар замин буда метавонад, бо суханони дар Китоби Муқаддас навишташуда гуфтан мумкин аст: „Шумо ҳанӯз ҳеҷ чизро надидаед!“

Аммо, дар Сухани Худо ҳамчунин аниқ гуфта шудааст, ки гунаҳкоронро дар ҷое (ё ҳолате), ки „дӯзах“ ном дорад, ҷазо дар пеш аст. Исои Масеҳ дар бораи он вақт рӯйрост гуфт: „...аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидонае ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед“ (Матто 25:41).

Дар рӯъёи худ Юҳанно низ оиди ҷазое мегӯяд, ки гунаҳкорони тавбанакардаро интизор аст: „Валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯғгӯёнро — насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст“ (Ваҳй 21:8). Ин ғамангез аст, лекин ба марди дар қаҳвахона буда низ бо суханони дар Китоби Муқаддас навишташуда гуфтан мумкин аст: „Шумо ҳанӯз ҳеҷ чизро надидаед!“

Дар асл дар Китоби Муқаддас оиди дӯзах бисёр гуфта шудааст, ва тасвири даҳшатовари онро бисёр маротиба дидан мумкин аст. Ин огоҳӣ ба сигналҳои гӯшхароши мошини боркаш монанд аст, ки ба сабаби кор накардани тормоз ба ҷарӣ меравад.

Мутаассифона, на ҳама ба ин огоҳиҳои Китоби Муқаддас дар

бораи дӯзах аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. На ҳама ба ваъдаи биҳишт гӯш медиҳанд. Лекин, чуноне ки дар Нома ба Ибриён навишта шудааст, „...мо бояд ба он чи шунидаем, махсусан бодиққат бошем, то ки аз он дур нашавем. Зеро, агар каломе ки ба василаи фариштагон гуфта шудааст, матин буда, барои ҳар ҷиноят ва беитоатӣ подоши одилона дода шуда бошад, чӣ гуна мо халос мешавем, агар ба чунин наҷоти бузург беэътиноӣ кунем?“ (Ибриён 2:1–3).

Худат боварӣ ҳосил кун

Барои фаҳмидани бемаънигии асотир оиди он, ки биҳиштро дар замин ҳам ёфтан мумкин аст, вазифаи зеринро иҷро намо.

Порчаҳои зеринро хонда, дар хатҳои овардашуда номҳои он чор нотиқ ё нависандагонро бинавис, ки дар бораи биҳишт гуфтаанд:

1. Матто 6:20 .....

2. 2 Қӯринтиён 5:1 .....

3. 2 Петрус 3:13 .....

4. Ваҳй 19:11 .....

Акнун номҳои онҳоеро бинавис, ки дар бораи дӯзах гуфтаанд:

5. Матто 23:33 .....

6. 2 Петрус 2:4 .....

7. Ваҳй 20:13–15 .....

(*Ҷавобҳо*: 1. Исои Масеҳ; 2. Павлус; 3. Петрус; 4. Юҳанно; 5. Исои Масеҳ; 6. Петрус; 7. Юҳанно).

Мундариҷа

Асотирҳо оиди Худо

1. Милисаи кайҳонӣ 4
Асотир оиди он ки Худо танҳо бо он машғул аст,
ки ба хурсандии дигарон халал расонад

2. Худои Рустам аз „Ҷангҳои ситорагӣ“ 7
Асотир оиди он ки Худо қувваи бешахсият аст

3. Бобои барфии некӯкор 10
Асотир оиди он ки Худо мисли Бобои барфист

Асотирҳо оиди Исои Масеҳ

4. Исо пайғамбар 14
Асотир оиди муаллими некӯ

5. Исои Масеҳ фақат одами барҷаста аст 18
Асотир оиди суперситора

6. Исои мулоимтабиат 21
Асотир оиди Исои нармдил ва мулоим

7. Исои хаёлпараст 24
Асотир оиди Исо, ки дар абрҳо парида мегардад

8. Исои сафедпӯст 27
Асотир оиди афзалияти нажодӣ

Асотирҳо оиди Китоби Муқаддас

9. Якка ва ягона 32
Асотир оиди он, ки Китоби Муқаддас боз як китоби бузург аст

10. Китоби Муқаддас ва панири швейтсарӣ 35
Асотир оиди ҷойҳои ноаниқ ва нофаҳмо,
ки гӯё дар Китоби Муқаддас ҳастанд

11. Китоби Муқаддас ва бозии телефони вайрон 38
Асотир оиди беэътимод будани Китоби Муқаддас

12. Буд ё набуд 42
Асотир оиди он, ки Китоби Муқаддас пур аз гапи бофта ва сафсата аст.

13. Духтур Луқо ва калимаи „политарх“-и асли пайдоишаш нофаҳмо 45
Асотир оиди бостоншиносии бехато

14. Пайғамбариҳои ҳақиқӣ ё қатори мувофиқ омадани тасодуфҳо 49
Асотир оиди он, ки пайғамбариҳои Китоби Муқаддас тасодуфан иҷро мешаванд

Асотирҳо оиди эҳёшавӣ

15. Худро мурда вонамуд кард? 54
Асотир оиди он, ки Исои Масеҳ намурд, балки беҳуш буд

16. Чашмбандакбозӣ? 58
Асотир оиди он, ки қаброо бо қабри дигар саҳв намуданд

17. Бозии руст-рустакон? 61
Асотир оиди он, ки баданро дуздидаанд

Асотирҳо оиди масеҳият масеҳиён

18. Чизе ки барои рус хуб аст, барои олмонӣ марг буда метавонад 66
Асотир оиди он, ки дар ин дунё ҳама чиз нисбист

19. Ҳама чиз дар муқоиса шинохта мешавад 69
Асотир оиди он, ки Худо ҳамаро ба як махраҷ меоварад

20. Дар ҳозирғоибкунии осмонӣ ҳама хоҳанд буд 72
Асотир оиди наҷоти умумӣ

21. На он чи медонед, балки он ки мешиносед, муҳим аст 75
Асотир оиди он, ки масеҳият мафкура (идеология) аст

22. Даромадани одамони баландмаърифат манъ аст 78
Асотир оиди он, ки одами донишманд масеҳӣ буда наметавонад.

23. Анвар ва профессор 81
Асотир оиди имони кӯр-кӯрона

24. Абраҳам Линколн ва имтиҳон аз таърих 84
Асотир оиди зарурати исботи илмӣ

25. Помидорҳои дампухт ва пойафзоли варзишӣ 88
Асотир оиди шуста шудани майна

26. Шубҳа ҷой дошта наметавонад 92
Асотир оиди Тумои нобовар

27. Растаниҳои хонагӣ ба дуо ҷавоб намедиҳанд 95
Асотир оиди он, ки ҳар кас имони худро дорад

28. Гуноҳ, бардурӯғӣ ва Билли Грэм 98
Асотир оиди Элмер Гентри

29. Ваъдаи маккоронаи мор 101
Асотири ҳаракати „Давраи нав“

30. Ҳамаи ин ба ман аз чӣ бошад? 104
Асотир оиди зиндагии беғубор

Асотирҳо оиди зиндагӣ ва хушбахтӣ

31. Сарватманд, яъне хушбахт 108
Асотир оиди он, ки хушбахтӣ дар бойигарист

32. Густохӣ ва Додҷери чаққон 111
Асотир оиди Лео Дурчер

33. Бо буздилон, ноӯҳдабароҳо мо ҷӯра намешавем 114
Асотири форисиён

34. Писарон ислоҳнопазир ҳастанд 117
Асотир оиди мардони ҳақиқӣ

35. Нофи замин ва маркази коинот 120
Асотири худпарастон

36. На зебо, балки махлуқи аъҷуба 123
Асотир оиди соҳибҷамол аз муқова

37. Ман мисли ҳама 126
Асотир оиди он, ки бояд мисли ҳама рафтор кард

38. Секс калимаи ифлос нест 129
Асотири пуританҳо

39. Оиди ботинка, киштиҳо, харчангҳо ва баъзе чизҳои дигар . 132
Асотири анархистон (худсарон)

40. Вақте ки нафасат мегирад 135
Асотир оиди муҳаббат аз нигоҳи аввалин

41. Худат худатро шифо деҳ 138
Асотири гуманистон (одамдӯстон)

42. Дар хона — беҳтар 141
Асотир оиди он, ки биҳиштро дар замин ҳам ёфтан мумкин аст

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Оиди ин дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Асотирро тасвир намо. Одамон мегӯянд, ки... .....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

.....

Чанд бор ту оиди он шунидаӣ, ки масеҳият дини шахсони кӯтоҳандеш ва беирода аст?

Ё оиди он ки Китоби Муқаддас пур аз қиссаҳои бофта аст?

Чанд бор ту маҷбур будӣ дар ҷавоб хомӯш бошӣ, зеро барои ҳарифи худ суханони сазовор наёфтӣ?

Агар ту аз чунин вазъиятҳо хаста шуда бошӣ, ин китоб маҳз барои туст!

„Ба ҳар чизе ки мегӯянд, бовар накун“ ба саволҳои душвортарине ки на танҳо аз шиносҳоят мешунавӣ, балки ба худат низ дода метавонӣ, ҷавоб медиҳанд. Охир, шубҳа (чуноне ки дар ин китоб мефаҳмӣ) нахустволиди имон аст. Танҳо он муҳим аст, ки шубҳа ҷои худро ба имон диҳад. Ва дар ин кор ба ту муаллифи маъруф Ҷош Макдауэлл ва ҳаммуаллифи ӯ Боб Ҳостетлер ёрӣ медиҳанд. Ҳазли нишонраси онҳо, дониши амиқи Китоби Муқаддас ва таҷрибаи ғании зиндагӣ саёҳати туро дар ин китоб на танҳо пандомӯзона, балки шавқовар низ мегардонанд.

Ба шаккокон имкон надеҳ, ки ҳаёти туро заҳролуд кунанд! Китобро гир ва пеш аз он ки асотирҳо бар ту дастболо шаванд, муборизаро бар зидди онҳо сар кун!